№3 (19) 2021

# НАВРУСТА

Маҷаллаи тарҷумонҳои ҷавон



# НАВРУСТА

**№3 (19) 2021**

Маҷаллаи тарҷумонҳои ҷавони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ



САРМУҲАРРИР:
Ҷобир МАРДОНЗОДА

КОТИБИ МАСЪУЛ:
Насимбек ҚУРБОНЗОДА

ҲУРУФЧИН:
Ҳаётулло МУҶЕБУЛЛОЕВ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Нуъмонҷон ҒАФФОРӢ
ректори ДДОТ
ба номи С. Айнӣ

Абдуҷаббори СУРУШ
узви Иттифоқи нависандагон

Самиддин ҶОМАТОВ
устоди кафедраи
забони англисӣ

Соқиҷон СУЛТОНЗОДА
мудири кафедраи
забони фаронсавӣ



**Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

**Маҷалла ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки бо муҳтавои он мувофиқ нест.**

**Дастнависҳо ва аксҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.**



**Нишонӣ: 734003
шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 121
Телефон: 224-55-06**

# Мундарича


**ТАҲҚИҚ ВА ТАҲЛИЛ ............................. 4**

Ф.М.Турсунов. Роҷеъ ба воҳиди тарҷума ва воҳиди забон

Насимбек Қурбонзода. Тааммуле дар рӯзгор ва осори Салими Теҳронӣ

**ПАҲНОИ НАЗАР .................................. 29**

Мусоҳиба

**ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ ҶАҲОН ............................................. 41**

Зарбулмасалу мақолҳои англисиву амрикоӣ

**АНДАРЗИ БУЗУРГОН .......................... 47**

Ҳомер

**ҚИССАҲОИ ДИЛАНГЕЗ ....................... 48**

Пушкин. Моҳигир ва моҳии тилло

Алфонс Доде. Ду новелла

Пирамард

Тарҷумаи шеърҳо аз олмонӣ

**ЭҶОДИ ҲАМЗАБОНОН ....................... 74**

Назм

Ҳамиди Мусаддиқ

Наср

Раҳнавард Зарёб Акс

**АФСОНАҲОИ ҶАҲОН ........................... 84**

Гӯшанишин ва муш

Марг дар болои дарахт

**ШОҲКОРҲОИ АДАБИЁТИ ҶАҲОН ...... 90**

Дон Кихот

**МАКТАБИ ТАРҶУМА ............................. 95**

Габриэл Гарсиа Маркес: Рӯзе аз он рӯзҳо

Окутогово: Азобҳои ҷаҳаннам








**Ф.М.Турсунов**

# РОҶЕЪ БА ВОҲИДИ ТАРҶУМА ВА ВОҲИДИ ЗАБОН



Масъалаи воҳиди тарҷума яке аз масъалаҳои баҳсталаб ва мураккаби тарҷумашиносӣ маҳсуб меёбад. Гуфтан бамаврид аст, ки объекти фаъолияти тарҷумон ин матни хаттӣ ё нутқи шифоҳӣ мебошад ва дар он маъноҳои тамоми воҳидҳои матн ташаккул меёбанд. Одатан матни забони мабдаъ ё худ забони асл (source language) якбора тарҷума карда намешавад ва ҳангоми тарҷумаи шифоҳӣ ё хаттӣ зарурати ба ҳиссаҳо ҷудо кардани он пеш меояд. Ҳар ҳиссаи ҷудогонаи воҳидҳои забонӣ, ҳадди ақал дар марҳилаҳои аввали раванди тарҷумаи матни ҷудогона дар алоҳидагӣ тарҷума мешавад. Дар ин робита дар адабиёти илмӣ оид ба тарҷума мафҳуме ба вуҷуд омадааст, ки онро воҳиди тарҷума меноманд.

Тадқиқ намудан ва донистани воҳиди тарҷума хеле муҳим аст. Агар воҳиди тарҷума дар раванди тарҷумаи матни мушаххаси ду забони муайян дуруст ташхис ва дарк карда нашавад, тарҷума саҳеҳ намебароял ва дар ин сурат интизор шудани натиҷаи дилхоҳ ғайриимкон мебошад. Маҳз, ҳамин гуна зарурати амалӣ олимонро водор сохтааст, ки асосҳои илмии ин масъалаи мубрами тарҷумашиносиро муайян намоянд.

Ҳадаф аз навиштани мақолаи мазкур таҳлили асосҳои назариявии мафҳуми воҳиди тарҷума ва мутобиқати он бо воҳидҳои забон мебошад.

Омӯзиши илмии масъалаи мазкур аз солҳои 50-60 асри XX оғоз гардидааст ва дар ин ҷода чанд назари илмӣ ба мушоҳида мерасад. Бо вуҷуди ин, назарҳо дар навбати худ ба ҳамдигар ихтилоф дошта, то ба ҳол як фикри мушаххас ва якбора ҳалкунандаи масъалаи мавриди назар вуҷуд надорад. Ба чанде аз ин андешаҳо ишора мекунем. Тарҷумашиносони аврупоӣ Ж.П. Вине ва Ж. Дарбелне аввалин олимоне буданд, ки истилоҳи "воҳиди тарҷумаро" ба миён гузошта, оид ба он ибрози назар кардаанд, чунончи: "як ҳиссаи гуфторро ҳамчун воҳиди тарҷума муайян кардан мумкин аст, ки дар раванди

тарҷума онро ба ҳиссаҳои дигар тақсим кардан мумкин набошад". Аз рӯи ин ақида воҳиди тарҷума он аст, ки дар як шакли муайян маънои яклухт дорад ва бояд дар асоси маънои умумиаш бидуни тақсим кардани он ба ҳиссаҳои нисбатан хурдтар интиқол ёбад.

Тарҷумашиноси маъруф Я.И.Ретскер қайд менамояд, ки "аллакай дар марҳилаи таҳлили матн дар он ин гуна "воҳидҳои тарҷума" ҷудо карда мешаванд ва бигзор онҳо калима, ибора ё қисми ҷумлаҳо бошанд, ки дар забони тарҷума мутобиқати доимӣ ва устувори худро доранд.

Ба ақидаи Р.К Миняр-Белоручев "забон аз унсурҳо (элементҳо) таркиб наёфта, балки баръакс ба унсурҳо ҷудо мешавад. Тарҷумон як навъ тамомияти маъниро дарк мекунад ва танҳо пас аз он дар раванди тарҷума онро вобаста ба амалҳои ногузири пешомада дар ҷодаи иҷрои вазифаи худ ба ҳиссаҳо ҷудо мекунад". Ӯ ҷумларо воҳиди матни сатҳи аз ҳама баландтарин меҳисобад, ки барои як амали тарҷума хеле калонҳаҷм мебошад. Дар натиҷа тарҷумон маҷбур мешавад, ки дар матни асл онро ба ибора ва калимаҳо ҷудо намояд. Р.К Миняр-Белоручев қайд менамояд, ки ба унвони воҳиди тарҷума ҳама гуна воҳиди нутқ амал карда метавонад. Калон ва ё хурд будани онҳо аз якчанд омилҳо вобастагӣ дорад - хислатҳои касбии тарҷумон, яъне дониши забони хориҷӣ, дарки масъалаҳои мавриди тарҷума дар ин ё он лаҳзаи мушаххас, мустаҳкамии хотира, таҷрибаи корӣ, дараҷаи аксуламали фаврӣ дар тарҷумаи шифоҳӣ ва ғайра. Ӯ илова менамояд, гурӯҳи воҳидҳои тарҷумае мавҷуданд, ки ба монанди ифодаҳои устувор, зарбулмасалҳо, истилоҳот, ифодаҳои образнок ва ғайра, сифати воҳиди тарҷумаро дар ҳама гуна шароит ҳифз карда метавонанд.

Ба ақидаи олими дигар Ю.П Степанов чунин воҳиди тарҷума ҳиссаи хурдтарини занҷираи маъноие мебошад, ки он

ҳангоми тарҷумаи ҳамзамон қобили тарҷума бошад. Ӯ воҳиди тарҷумаро асосан дар тарҷумаи шифоҳии ҳамзамон дар мисоли забонҳои фаронсавӣ ва русӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад ва воҳиди тарҷумаро ба се гуруҳ ҷудо менамояд. Ба гуруҳи якум аз нигоҳи Ю.П. Степанов воҳидҳои тарҷумае дохил мешаванд, ки пас аз талаффуз шудан ба зудӣ қобили тарҷума мебошанд, яъне ҳангоми тарҷумаи онҳо фосилаи ками вақт мегузарад. Ӯ таъкид менамояд, ки ба ин гуруҳ бештар калимаҳои ҷудогона дохил шуда метавонанд. Ба гуруҳи дуюм муаллиф воҳидҳои тарҷумаеро дохил менамояд, ки бинобар сермаъно будани шаклҳои воҳидҳои луғавӣ, морфологӣ ва синтаксисии забон бо каме қафомонӣ тарҷума карда мешаванд. Гуруҳи сеюм воҳидҳоеро дар бар мегиранд, ки тарҷумаи онҳо то ба итмом расидани ҷумла имконпазир намебошад. Воқеан, таҷрибаҳои тарҷумаи ҳамзамон нишон медиҳанд, ки баъзе ҷузъҳои маъноии гуфтор танҳо пас аз дарки гурӯҳи ҷумлаҳо равшан мегардад. Ҳамчунин, гуфта мешавад, ки ҳиссаи ҷудогонаи раванди тарҷума чанд гуфтор, чанд воҳиди забониро метавонад дар бар гирад. Аз тарафи дигар ҳангоми тарҷумаи ҳамзамон бо расидани матни асл, яъне хабар, тарҷума дар ҳудуди гуруҳи маъноӣ оғоз мегардад ва ҳаҷми воҳиди раванди тарҷума дар ин ҷо бо он ҳиссаи гуфтор баробар аст, ки маънои нисбатан мустақил дошта бошад ва ба тарҷумон имкон диҳад, ки муодили сохтори ҷумларо дар забони тарҷума интихоб карда тавонад. Албатта, мушкилиҳои тарҷумаи шифоҳӣ, алалхусус тарҷумаи ҳамзамон, дар ҳолатҳое, ки тарҷумон тарҷумаро аз матни тарҷума намехонад ва аз нутқи гӯянда якбора тарҷума ва талаффуз мекунад, ба ҷуфти забонҳо ва самти тарҷума низ вобаста аст. Масалан, ҳангоми тарҷумаи ҳамзамон аз забонҳои англисӣ ва русӣ ба забони тоҷикӣ дарк ва ҷудо кардани воҳиди тарҷума ва дар навбати худ интихоб ва офаридани сохтори гуфтор

дар тарҷума нисбатан осонтар аст, зеро асосҳои грамматикии ҷумлаҳои ин ду забон (сараъзои ҷумла - мубтадо ва хабар) ба ҳамдигар наздик ҷойгиранд ва матлаби гуфтор нисбатан осонтар дарк мешавад. Вале дар акси ҳолат, яъне ҳангоми тарҷума аз забони тоҷикӣ ба забонҳои русӣ ва англисӣ ин вазъият барои тарҷумон як андоза сарбории равонии иловагӣ зам менамояд, зеро пас аз садо додани мубтадо ӯ мунтазир мешавад ё фарз мекунад, ки хабари ҷумла чӣ метавонад бошад. Ин ҳолат ҳам, бешубҳа, ба масъалаи то чӣ андоза муваффақ шудан ба ҷудо кардани воҳиди тарҷума аз ҷониби тарҷумон ва умуман босифат анҷом додани тарҷума таъсири худро мерасонад.

Ба ақидаи Л.С. Бархударов мушкилии воҳиди тарҷума яке аз мушкилиҳои печидатарини тарҷумашиносии муосир мебошад. Ӯ қайд менамояд, ки “воҳиди тарҷума воҳиди забонии хурдтаринест дар матни забони асл, ки дар матни забони тарҷума мутобиқати худро дорад”.

В.М. Комиссаров низ таърифи фарогири воҳиди тарҷумаро пешниҳод менамояд. Ба ақидаи ӯ ба унвони воҳиди тарҷума ҳар воҳиде метавонад амал кунад, аз ҷумла: 1) воҳиди хурдтарини матне, ки дар раванди тарҷума ҳамчун объекти мустақили ин раванд амал мекунад; 2) воҳиди хурдтарини забонии матни асле, ки дар шакли яклухт тарҷума карда мешавад; 3) маҷмӯаи хурдтарини воҳидҳои луғавӣ ва грамматикие, ки бо категорияҳои луғавӣ ва грамматикии забони тарҷума як андоза мутобиқат доранд ва ғайра. Дар ин гуна мавридҳо интихоби ҳиссаи аз нигоҳи маъно мукаммал дар ҳолатҳои мушаххас комилан ба тарҷумон вобастагӣ дорад, ки вазифаи ӯ таъмин кардани муоширати самараноки байнизабонӣ бо тарҷумаи дақиқ, комил ва саҳеҳ мебошад.

В.С.Виноградов нақши аввалиндараҷа доштани ҷиҳати маъноии матни мавриди тарҷума ва хусусияти “иборагӣ” дош-

тани тарҷумаи матни хаттиро таъкид менамояд. Тарҷумашинос ва тарҷумон В.Н.Крупнов низ ҷонибдори ҳамин ақида аст ва зикр менамояд, ки барои ноил шудан ба сифати баланди тарҷума моҳирона омехта кардани унсурҳои ҷузъӣ ба монанди калимаву ибораҳо бо унсурҳои кулл ба монанди кулли маъно дар сатҳи ҷумла бо дарназардошти контексти фарогиртар лозим меояд. Мавқеи олими дигар Д.Жуков низ ба ин ақидаҳо наздик аст.

Бо вуҷуди ин, як қатор олимон, ба монанди В.С. Виноградов, А.А. Смирнитски, Л.О. Резников нақши калимаро ҳамчун воҳиди самтгирӣ таъкид менамоянд. Албатта, ин аз баҳсҳо холӣ буда наметавонад, зеро калима як воҳиди забониест, ки ба он сермаъногӣ хос аст ва ҷиҳатҳои маъноӣ ва услубии он маҳз дар дохили ибора ё калима мушаххас мегардад. Ҳамин гуна хусусияти калимаҳоро ба инобат гирифта, баъзе олимони тарҷумашинос ба монанди Латишев Л.К. ибора ва ҷумларо ҳамчун намунаҳои барҷастатарини воҳиди тарҷума меҳисобанд. Ба назари онҳо, дар раванди тарҷума тарҷумон маъмулан матни мавриди тарҷумаро ба ҷузъҳои гуногуни маъноӣ ҷудо мекунад ва онҳоро бо тартиби муайян ба забони тарҷума интиқол медиҳад. Яъне, матни тарҷума дар натиҷаи интихоби воҳидҳои аз ҷиҳати маъно мутобиқи ҷузъҳои ҳаҷман начандон калони матни асл ташаккул меёбад. Таърифи пешниҳоднамудаи воҳиди тарҷумаи Л.К.Латишев ҷолиб аст, чунончи: “воҳиди тарҷума ин воҳидҳои матни асл мебошанд, ки дар сатҳи онҳо мутобиқатҳои тарҷумавӣ муқаррар карда мешаванд. Дар ин ҷо муаллиф ибора ва ҷумлаҳоро дар назар дорад.

Гуфтаҳои О.И. Бродович оид ба воҳиди тарҷума ҷолиби диққатанд. Ба ақидаи ӯ воҳиди тарҷума ба тарҷума ҳамчун натиҷа, яъне матни тарҷума тааллуқ надошта, ба тарҷума ҳамчун раванд тааллуқ дорад ва бинобар ин бояд ҳам-

чун воҳиди амалиётӣ тасниф карда шавад. Ва “ин он воҳиди хурдтарини дорои маънои мустақиле мебошад, ки дар сатҳи он тарҷумон иттилои матни аслро мехонад... ва дар аксари мавридҳо калима ҳамчун воҳиди тарҷума интихоб карда мешавад, ҳарчанд дар матни ниҳоӣ тарҷумаи таҳтуллафзӣ ба мушоҳида намерасад”. Воқеан ҳам, агар раванди тарҷумаро ба ёд орем, ҳангоми кор бо матн тарҷумон бештар бо калимаҳо сарукор дорад ва аз рӯи анъана аксаран барои комилан дарк намудани ҷузъҳои маъноии матн кори луғавӣ мегузаронад, вале шояд дар таҳрири ниҳоӣ пас аз мутобиқ кардани матни тарҷума ва ҷузъҳои маъноии он бо хусусияти матни асл аз тарҷумаи калима ба калима шояд нишоне намемонад, зеро матни тарҷума маъмулан дар асоси ҷузъҳои маъноии ҷудогона аз таҳрири ниҳоӣ гузаронида мешавад ва воҳидҳои тарҷума ба воҳидҳои забон дар сатҳҳои гуногун мувофиқат пайдо мекунанд, на танҳо дар сатҳи калима. Чунон ки ҳамин муаллиф меафзояд, “дар баъзе мавридҳо бо матнҳое дучор шудан мумкин аст, ки воҳиди тарҷума дар онҳо ё аз калима хурдтар ва ё аз он калонтар мешавад”. Дар ин ҷо матлаб ин аст, ки агар ҳар ҷузъ ё морфемаи калима ба маънои он саҳми ҷудогона гузорад, ҳар яки он бояд бо амали ҷудогонаи тарҷумон ба забони тарҷума интиқол дода шавад, яъне он морфема воҳиди ҷудогонаи тарҷума аст. Вале агар маънои ибора ё ҷумла нисбат ба калимаҳои таркибии худ маҷозан ё ба таври идиоматикӣ ифода ёфта бошад, ин гуна ибора ва ҷумлаҳо бояд яклухт, дар асоси маънои умумӣ ҳамчун воҳиди мустақили тарҷума ба забони дигар интиқол дода шавад, яъне дар ин ҷо воҳиди тарҷума ибора ё ҷумла аст. Зикри як фикри дигари ӯ оид ба воҳиди тарҷума хеле ҷолиб аст, ки мегӯяд: “воҳиди тарҷума на дар матнҳо, балки дар зеҳни тарҷумон аст”. Дар ҳақиқат, тарҷумон дар муайян намудани воҳиди тарҷума ва умуман ташкил намудани раванди тарҷума дар ҳолатҳои му-

шаххас нақши калидӣ дорад.

Олими забоншинос ва тарҷумашиноси дигар А.Д. Швейтсер мавҷудияти воҳиди тарҷумаро инкор мекунад. Ба ақидаи ӯ ҳиссаҳои ба сифати чунин воҳидҳо ҷудошавандаи нутқ ҳаҷм ва хусусияти гуногун доранд ва худи мафҳуми “воҳиди тарҷума” дар истилоҳот ихтилоф ба вуҷуд меорад”. Асос надоштани ҷудокунии воҳиди тарҷума ба ақидаи ин муаллиф он аст, ки дар назарияи тарҷума ба унвони воҳид ҳиссаҳои матни асл қабул карда мешаванд, ки дар истилоҳоти забоншиносӣ муайян нагардидаанд. Ин нуктаҳоро аз он ҷиҳат метавон асоснок ҳисобид, ки раванди тарҷума як қолаби устуворе надорад, ки аз рӯи он воҳидҳои тарҷума ба ҳамдигар пайваст карда шуда, тамоми масъалаҳои марбут ба тарҷумаи матн ҳалли худро ёбанд. Баръакс, раванди тарҷума аз амалиёти мураккаб ва печида иборат аст. Л.А.Черняховская низ тарафдори мавқеи муаллифи зикргардида буда, ягон воҳиди забон ё порчаи матни аслро воҳиди тарҷума ҳисоб намекунад ва чунин менависад: “объекти тарҷума на ин ё он аломати забон, балки маълумоти мухталифи ба таври гуногун ифодаёфтаи матни асл ба шумор меравад. Мақсади муаллиф аз он иборат аст, ки мавриди таваҷҷуҳи тарҷумон маҳз иттилоъ ё худ ҷанбаи маъноии матни асл аст, ки он метавонад ҳам бо фонема (овоз) ва ҳам сархати ҳаҷман калонтар ифода ёбад. Ин ақида ҳам аз мантиқ холӣ нест, зеро дар ҳақиқат, тарҷума амалан вақте сурат мегирад, ки сохтори маъноии матн ташаккул ёфтааст ва аз ин лиҳоз воҳиди тарҷума ин ё он воҳиди забонии матни асл набуда, маънои ҷудогона аст, ки ҷузъи сохтори умумии маъноии кулли матн мебошад.

Ширяев А.Ф. низ истилоҳи “воҳиди тарҷумаро” як андоза ноком меҳисобад ва ба ивазаш истилоҳи “воҳиди самтгириро” пешниҳод мекунад ва қайд менамояд, ки “воҳиди самтгирӣ як ҳиссаи матни асл буда, аз нигоҳи маънӣ дарк кардани

он ба тарҷумон имкони ҷустуҷӯ ё интихоби тасмими тарҷумавии навбатиро медиҳад. Бо вуҷуди ин, қайд карда мешавад, ки “воҳиди самтгирӣ” муродифи истилоҳи “воҳиди тарҷума” нест ва марҳилаи сарфаҳм рафтани “ҳиссаи” матни асл мебошад, ки барои тасмим гирифтан лозим аст”. Ҳамчун муҳаққиқи фаъолияти тарҷумонҳои ҳамзамон А.Ф.Ширяев аз нигоҳи тарҷумаи шифоҳӣ фикр меронад ва шояд аз ин лиҳоз ҳақ бар ҷониби ӯ бошад, зеро тарҷумаи шифоҳӣ, алалхусус тарҷумаи ҳамзамон, чунон ки дар боло ишора рафт, нозукиҳои худро дорад ва аз нигоҳи равонӣ бештар ба маъно ва иттилооти шунидашаванда сарукор дорад.

Е.В.Бреус ҷумла-гуфторро воҳиди асосии самтгирӣ меномад.

Дуруст аст, ки мухолифони масъалаи ҷудо кардани воҳиди тарҷума дар раванди тарҷума диққати мутахассисони соҳаро ба мураккаб ва баҳсталаб будани он ҷалб мекунанд, вале амалияҳои тадқиқи тарҷумаҳо ин ақидаҳоро як андоза инкор мекунанд, ки ҳангоми таҳлили қонуниятҳои фаъолияти тарҷумонӣ зарурате пеш меояд, то ки ҷузъҳои мунтазам такроршавандаи ин раванди мураккаб ба ҳиссаҳо ҷудо карда шаванд. Шояд ин гуна ҷузъҳои такроршавандаро метавон воҳиди тарҷума номид.

Қобили зикр аст, ки мафҳуми воҳиди тарҷума дар адабиёти илмии даҳсолаи охир низ мавриди баррасӣ қарор мегирад, ки аксарияти корҳои нав ба тадқиқоти пешин ишора мекунанд.

Дар адабиёти илмии Ғарб низ чанд мулоҳизаро оид ба мафҳуми воҳиди тарҷума мушоҳида кардан мумкин аст. Воҳиди тарҷума дар забони англисӣ бо номи “unit of translation” (UT) маъруф аст. Питер Нюмарк оид ба ин масъала чанд нуктаи ҷолиб гуфтааст. Ӯ масъалаи мазкурро ба баҳсҳои миёни тарҷумаи озод ва тарҷумаи таҳтуллафзӣ нисбат дода, чунин қайд менамояд: “the freer the translation, the longer the UT; the

more literal the translation, the shorter the UT, the closer to the word, or even to the morpheme”. Аз гуфтаҳои ин муаллиф бармеояд, ки тарҷума ҳар чӣ қадар озод бошад, воҳиди тарҷума ҳамон қадар ҳаҷман калон мешавад ва агар тарҷума ҳар чӣ қадар таҳтуллафзӣ анҷом дода шавад, ҳамон қадар ҳаҷми воҳиди тарҷума ҳам кӯтоҳ, ба калима ё ҳатто хурдтар аз он - ба морфема наздик мешавад. Ин гуфтаҳо, албатта, асос доранд, зеро ин ду тамоюли таърихии тарҷума солиёни зиёд бо ҳамдигар дар зиддият буданд ва дар давраҳои муайян бо навбат яке аз дигаре бартарӣ ва тарафдорону мухолифони худро доштааст. Дар мулоҳизаҳои хулосавии худ дар ин бобат П.Нюмарк иброз медорад, ки дар ҷараёни иҷрои тарҷума аз нигоҳи ҳаҷм тамоми воҳидҳои забон дар лаҳзаҳои гуногун ва ё ҳамзамон метавонанд ба ҳайси воҳиди тарҷума истифода гарданд. Муқоиса кунед: “All length of language can, at different moments and also simultaneously, be used as a unit of translation in the course of the translation activity. …To me the unit of translation is a sliding scale, responding according to other varying factors”. Ақидаҳои олимони дигари англисзабон низ ба гуфтаҳои боло наздик аст ва дар байни онҳо фарқияти ҷиддӣ ба мушоҳида намерасад.

Афкори аксарияти муҳаққиқоне, ки мо дар ин мақола таҳлил намудем, баҳсталаб ва ягона набудани қоидаи воҳиди тарҷумаро собит менамоянд. Чунон ки Ю.Найда оид ба таърифи худи мафҳуми тарҷума шӯхиомез қайд карда буд, чӣ қадар шумораи муҳаққиқони ин масъаларо баррасикунанда зиёд бошад, шумораи таърифи тарҷума ҳам ҳамон қадар зиёд аст. Нисбат ба асосҳои илмии мафҳуми воҳиди тарҷума низ ёдовар шудани ин нукта мантиқан дуруст аст, зеро ҳар муҳаққиқ оид ба масъалаи мавриди назар диди шахсии худро дорад.

Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки воҳиди хурдтарини тарҷума ҳиссаи ҷудогонаи гуфтор ё на-

виштор аст, маънои мустақил дорад ва онро дар алоҳидагӣ тарҷума кардан зарур меояд. Ин гуна воҳидхои тарҷума дар сатҳ ё бахшҳои гуногуни забон мушоҳида мешаванд.

1. Дар сатҳи фонемаҳо. Ҳарчанд фонема ё худ овозҳо маънои мустақил надоранд, дар лаҳзаҳои ҷудогонаи раванди тарҷума маҳз ин ё он овоз воҳиди тарҷума буда метавонад. Дар ин сатҳ асосан исмҳои хос - номи ширкату ташкилотҳо, мавзеъҳои ҷуғрофӣ, реалияҳо ва ғайра таҷума карда мешаванд. Мисолҳо: William – Вилям/Уилям, Абдуғаффор – Abdughaffor; General Motors – Ҷенерал Моторз; Фароз – Faroz; The Washington Post – Вашингтон Пост; Ҷумҳурият – Jumhuriyat; New York – Ню Йорк; Душанбе – Dushanbe; Хуҷанд – Khujand; Lord – Лорд; “Shutdown” – “Шатдаун” (реалияи сиёсӣ); Маҷлиси намояндагон – Majlisi namoyandagon; Қурутоб – Qurutob ва ғ.

2. Дар сатҳи морфемаҳо. Ин сатҳ ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки дар баъзе мавридҳо морфема ба сифати воҳиди тарҷума амал мекунад. Ин маънои онро дорад, ки дар мавридҳои мушаххаси раванди тарҷума ба ҳар морфемаи забони асл як морфемаи муайяни калимаи забони тарҷума рост меояд. Масалан, мутобиқати морфемавиро дар мисоли калимаи забони англисии tables ва тоҷикии миз+ҳо дидан мумукин аст. Чунон ки мебинем, ба решаи калимаи забони асл table решаи калимаи забони тоҷикӣ миз ва ба суффикси ҷамъбандии он -s суффикси -ҳо мувофиқат мекунанд. Чунин ҳодисаи мутобиқати морфемавиро ҳангоми тарҷумаи калимаи poorhouse низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки калимаи фақирхона ба он аз рӯи морфемаҳо-решаҳои фақир ва хона мутобиқат дорад. Мавриди зикр аст, ки забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба гуруҳи забонҳои аналитикӣ дохил мешаванд ва забонҳои мавриди назар аз нигоҳи қолаби номбурда миқдори нисбатан бештари муодилҳои калимаҳоро байни ҳам дошта метавонанд. Бо

вуҷуди ин, дар умум тарҷума дар сатҳи форфема дар раванди тарҷума чандон маъмул нест, зеро сохтори морфологии калимаҳои аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздик аз нигоҳи грамматикӣ, яъне морфемаҳои калимасоз ва шаклсози забонҳои гуногун аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

3. Дар сатҳи калима. I live in Dushanbe - Ман дар Душанбе зиндагӣ мекунам; Ман ба мактаб меравам – I go to school ва ғ.. Дар ин мисолҳо ба ҳар калимаи ду забон калимаҳо мутобиқат доранд, танҳо ивазшавии ҷойи онҳо вобаста ба ҷумлабандии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба мушоҳида мерасад, ки ин табиист ва хилофи қоида нест. Воқеан, дар баъзе мавридҳо ҷумла ё ибораро калима ба калима тарҷума кардан мумкин аст, вале дар ин ҷода эҳтиёткор бояд буд, зеро тарҷумаи калима ба калима ё худ таҳтуллафзӣ на ҳамеша ба натиҷаи дилхоҳ меорад. Маҳорати тарҷумон низ маҳз дар он зоҳир мегардад, ки воҳиди забон ва тарҷумаро дуруст ташхис дода тавонад ва роҳи дурусти баргардон кардани онро пеша кунад. Дар ин сатҳ ҳолатҳое дар назар дошта мешаванд, ки калимаҳои ҷумлаи матни тарҷума ба калимаҳои ҷумлаи матни асл мувофиқат мекунанд ва маънои умумии ҷумла коста намегардад. Нуктаи дигар ин аст, ки сохтори ҷумла вайрон намешавад ва маънои он нигоҳ дошта мешавад, яъне ҷумла солим мебарояд.

4. Дар сатҳи ибора: Ин сатҳ ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки бо вуҷуди фарқияти воҳидҳои забон (ибораҳо) аз нигоҳи мутобиқати калимаҳо маънои умумии воҳидҳои ду забон якхела аст. Ҳамчун намунаҳои барҷастатарини тарҷума дар ин сатҳ воҳидҳои фразеологӣ, ибораву таркибҳои устувор ва ба онҳо монандро мисол овардан мумкин аст. Шарти асосӣ дар ин гуна мавридҳо аз он иборат аст, ки ибораҳо ба ҳамдигар аз ҷиҳати маъно мутобиқат дошта бошанд, на аз рӯи калимаҳои чудогонаи худ: to stay in touch - дар алоқа будан; talk through

one's hat – аз ҳаво гап задан; make storm in a tea cup-аз пашша фил сохтан; бо дасти чап бархостан - to get out of bed by the wrong side ва ғ. Чунон ки мебинем, маънои воҳиди фразеологӣ ба маъноҳои ҷудогонаи калимаҳои онҳо рост намеояд ва дар натиҷа тарҷумаи таҳтуллафзӣ дар аксари мавридҳо имконпазир намегардад ва кулли ибора ба унвони воҳиди тарҷума қабул карда шуда, тарҷума низ дар ҳамон сатҳ, яъне дар асоси маънои умумии ибора сурат мегирад.

Албатта, тарҷумаи таҳтуллафзии як зумра воҳидҳои фразеологӣ имконпазир аст, агар "шаклҳои дохилизабонии" онҳо, яъне ҷузъҳои алоҳидаи воҳидҳои забонҳои асл ва тарҷума бо ягон асос ба ҳамдигар мутобиқат дошта бошанд, масалан, be afraid of one's own shadow-аз сояи худ тарсидан; he wouldn't hurt a fly- ӯ пашшаеро ҳам озор намедиҳад ва ғ. Сабаби калима ба калима мутобиқат дошани ин гуруҳи воҳидҳо муодили пурра будани воҳидҳои ду забон мебошад, ки муодилҳои пурра баробарии ҳам шакл ва ҳам мазмуни воҳидҳои забониро дар назар дорад.

Бо вуҷуди ин, набояд тасаввуроти нодуруст ҳосил гардад, ки гӯё дар сатҳи ибора танҳо ибораҳои устувор ё фразеологӣ воҳиди тарҷума буда метавонанд. Дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ миқдори зиёди иборaву таркибҳои озодеро низ вохӯрдан мумкин аст, ки дар асоси маънои умумӣ, яъне ибора ё таркиб, тарҷума карда мешаванд. Чунончи: to get inside – даромадан; to get out-баромадан; обу ҳаво – weather; сару либос – dress ва ғ.

Ҳолатҳоеро низ бояд ба назар гирифт, ки дар ҳудуди як ҷумла ин ё он ҷузъи он метавонад дар сатҳи калима ва қисми дигари он дар сатҳи ибора тарҷума карда шавад.

Тарҷума дар сатҳи ибора дар раванди тарҷума хеле маъмул ва серистеъмол аст, моҳирона ва дуруст истифода кардани он ба малакаву маҳорати тарҷумон вобастагӣ дорад.

5. Дар сатҳи ҷумла. Мутобиқати воҳидҳои забон дар сатҳи мазкур низ ба маънои умумии ҷумлаҳо такя намуда, тарҷума низ дар асоси маънои умумии ҷумлаҳои дорои калимаҳои гуногун сурат мегирад. Яъне, дар ҳолатҳои ҷудогонаи раванди тарҷума мутобиқати тарҷумавӣ танҳо дар сатҳи ҷумла муқаррар карда мешавад. Дар ин ҷо ҳолатҳое дар назар дошта мешаванд, ки ҷумлаҳо шаклан устувор буда, маънои умумии онҳо бо маънои калима ва ибораҳои ҷудогонаи онҳо баробар нест. Мисол: how old are you? - шумо чандсола хастед?; keep off the grass – чаманзорро поймол накунед ва ғ.. Қайд кардан лозим аст, ки ба ин гуруҳ теъдоди зиёди ҷумлаҳои устувор, зарбулмасалу мақолҳо ва ғайраро дохил кардан мумкин аст. Мисол: East or West home is the best - хоки Ватан аз тахти Сулаймон беҳ; you scratch my back, and I'll scratch yours – ба ҳамдигар дасти кӯмак дароз кардан; as you make your bed, so you must lie in it – худкардаро даво нест, вовайлои пинҳонӣ ва ғ.

Чунон ки аз мисолҳо баремояд, ҳангоми ин гуна тарҷумаҳо кулли ҷумла воҳиди тарҷума ба ҳисоб меравад, яъне маънои умумии ҷумлаҳои ду забон якхелаанд ва дар дохили ин гуруҳи ҷумлаҳо мутобиқати калима ва ё ибораро муқаррар кардан мумкин нест.

6. Дар сатҳи матн. Дар бобати мутобиқат дар сатҳи матн бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки байни сатҳи ҷумла ва матн дар ин маврид фарқи кам вуҷуд дорад, зеро мо матнҳоеро дар назар дорем, ки аз ҷумлаҳои кутоҳ иборатанд ва ҳамзамон матнҳои мустақиланд. Барои ин сатҳ матнҳои реклама (таблиғот, паёмҳои тиҷоратӣ), навиштаҷот, шиорҳо ва ғайраро ҳамчун мисол овардан мумкин аст. Мушкилии тарҷумонҳо, алалхусус, тарҷумонҳои навқалам ҳангоми тарҷумаи чунин мавод аз он иборат аст, ки ногузир будани дар сатҳи ҷумла ва матн тарҷума шудани онҳоро ба назар намегиранд ва аз

рӯи одати ҳамешагӣ ин гуна маводи тарҷумаро аксаран бо як роҳ - тарҷумаи таҳтуллафзӣ - баргардон мекунанд, ки дар натиҷа тарҷума сунъӣ ва ҳатто хандаовар мебарояд. Ин гуна мисолҳои начандон қобили қабулро дар воситаҳои ахбори умум мушоҳида кардан мумкин аст (контакт – есть контакт - контакт – ҳаст контакт). Ҳол он ки дар ин гуна мавридҳо як матн як воҳиди тарҷумаро ташкил медиҳад ва тарҷума бояд дар сатҳи матн, яъне аз рӯи муҳтавои умумӣ бо калимаҳои гуногун сурат гирад. Масалан, дар даромадгоҳҳои ташкилоту муассисаҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ одатан навишта мешавад: ба бегонагон даромадан манъ аст – personnel only; сигор кашидан манъ аст – no smoking ва ғайра.

Намунаи барҷастатарини ин сатҳи тарҷумаро дар мисоли тарҷумаи осори назм равшан мушоҳида кардан мумкин аст ва тарҷума дар сатҳи матн бештар дар раванди тарҷумаи назм хеле серистеъмол аст. Ин ҷо ба унвони мисол аз як рубоии Умари Хайём ва тарҷумаи англисии он ёдовар мешавем:

*Эй дӯст биё, то ғами фардо нахӯрем,*
*В-ин якдама умрро ғанимат шумарем.*
*Фардо, ки аз дайри фано дар гузарем,*
*Бо ҳафтҳазорсолагон сарбасарем.*
*Тарҷумаи Эдвард Фитсҷералд:*
*Oh, my Beloved, fill the Cup that clears*
*To-day of past Regrets and future Fears-*
*To-morrow? Why, To-morrow I may be*
*Myself with Yesterday’s Sev’en Thousand Years*

Чунон ки мебинем, миёни матнҳои мазкур дар сатҳи калима (ба истиснои ду калимаи хаткашида), ибора ва ҳатто ҷумла мутобиқати воҳидҳои забонро муқаррар кардан мумкин нест, зеро ҷумлаҳои ҷудогонаи матни тоҷикӣ дар алоҳидагӣ, берун аз матн, аз рӯи маъно муодил ҳисобида намешаванд ва кулли матн дар ин ҷо воҳиди тарҷума аст ва матнҳои ду забон хусу-

сияти бадеӣ ва маъноии ба ҳам наздик доранд.

Ҳамин тариқ, чунон ки аз бознигарии ақидаҳои як қатор олимон бармеояд, воҳиди тарҷума метавонад дар шакли ҳама гуна воҳиди забон амал кунад ва ҳаҷму сохтори он аз овозҳои забон то ба кулли матнро (фонема, морфема, калима, ибора, ҷумла ва матн) дар бар гирад. Мусаллам аст, ки тарҷумонҳои навқалам бинобар надоштани таҷрибаи кофӣ дар асоси мундариҷаи матн ба масъалаи муайян намудани воҳиди тарҷума таваҷҷуҳ намекунанд ва дар натиҷа ба тарҷумаи калима ба калима даст зада, муҳтавои матнро коста мегардонанд.

Ташхис додани воҳиди тарҷума ба шакли фаъолияти тарҷумонӣ (хаттӣ ё шифоҳӣ будани он) низ вобастагии калон дорад, зеро дар тарҷумаи хаттӣ ва шифоҳии паиҳам ва ҳамзамон воҳиди тарҷума якхела буда наметавонад.

Хулоса, бо таваҷҷуҳ ба гуфтаҳои боло, ба тариқи зайл таъриф кардани воҳиди тарҷума шояд ба мақсад мувофиқ бошад: Воҳиди тарҷума мансуби раванди тарҷума буда, воҳидҳои бахшҳои гуногуни дар матн маънои мустақилдоштаи забон ва нутқ ба шумор мераванд ва вобаста ба хаттӣ ё шифоҳӣ будани тарҷума дар ҳолатҳои мушаххас аз ҷониби тарҷумон муайян карда мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки маҳорати тарҷумон оид ба дуруст ташхис додани воҳиди тарҷума хеле муҳим аст ва ба сифати тарҷума таъсири бевосита мерасонад. Мафҳуми воҳиди тарҷума бо мафҳумҳои воҳидҳои забон ва муодилҳои тарҷумавӣ робитаи зич дорад.



Насимбек ҚУРБОНЗОДА:

# ТААММУЛЕ ДАР РӮЗГОР ВА ОСОРИ САЛИМИ ТЕҲРОНӢ



Омӯхтани рӯзгор ва осори Салими Теҳронӣ барои муайян кардани баъзе паҳлӯҳои норавшани ҳаёт ва хусусияти ашъори ӯ аз аҳамият холӣ нест. Хусусан, таҳқиқи осору рӯзгори шоирони гумноме, ки пиромуни аҳволу осори онон маълумоти хеле кам ва парешон боқӣ мондааст, кори хайр ба ҳисоб меравад.

Муҳаммадқулии Салими Теҳронӣ низ дар ин радиф қарор до-

рад. Номи ӯ Муҳаммақулӣ буда, Салим тахаллуси шоирии ӯст. Баъзеҳо исми ӯро Муҳаммадқулибек ва бархеи дигар Алиқулӣ низ меноманд.

Соли таваллудаш чун аксар шоирони форсизабони Ҳинд маълум нест. Тазкиранависону адабиётшиносон пиромуни соли таваллуди ӯ чизе нагуфтаанд ва Салим ҳам дар шеърҳояш ба соли таваллуди худ ишорае накардааст. Рӯзгори шоир дар сарчашмаҳои адабӣ ба таври парешон омадааст. Хушбахтона, девони шоир то замони мо ба пуррагӣ омада расидааст. Дар ин хусус Қудсии Машҳадӣ байте дорад:

*Сарнавиштамро қазо аз бас парешон зад рақам,*
*Ҳар ки хондаш гуфт, мазмуне дар ин мактуб нест.*

Доир ба зодгоҳи шоир дар девони ӯ ишораҳои мавҷуданд:

*Нозад ба ашку оҳи дилам кӯи ӯ, Салим,*
*Чун мулки Рай ба обу ҳавои Тарашти мо.*

Аз байти боло маълум мегардад, ки зодгоҳи ӯ Тарашти Теҳрон будааст. Сироҷиддин Алихони Орзу дар луғати «Чароғи ҳидоят» вожаи «Тарашт»-ро чунин маънидод намудааст: «Тарашт номи мавзеест хушобу ҳаво аз мулки Рай, ки Теҳрон доруссалтанат аст».

Аз ин сабаб ӯро Теҳронӣ, баъзан Таraштӣ низ мегӯянд. Ҳусайнқулихони Азимободӣ дар тазкираи «Ништари ишқ» зикр намудааст, ки Озод ӯро аз қавми атрок медонад. Салим дар ҷойи дигар ба зодгоҳаш чунин ишора кардааст:

*Пой дар гил монда дар Гелон маро, варна Салим,*
*Дар фироқи Рай дилам вайронтар аз шаҳри Рай аст.*

Шеъри Салимро метавон оинаи зиндагии ӯ ба қалам дод, зеро дар он ба кор рафтани ҷуғрофиёи шаҳру марказҳое, ки ӯ зистааст, мазкуранд. Мисоли равшан перомуни сафар ва авзои замони ӯ дар навиштаҳои ӯ дида мешавад.

Ӯ ба Лоҳиҷон меояд ва бино ба маълумоти Насрободӣ «муддате бо Мулло Восиб ва Мирзо Абдуллоҳ вазири Лоҳиҷон бу-

данд».

Ҳамчунин ӯ илова менамояд, ки «писаре ба ҳам расонид ва худаш бисёр бадхӯ буд.

Ба қавли Забеҳулло Сафо «нахустин рӯзгори шоирии ӯ дар Лоҳиҷон гузаштааст. Баъдтар ба Ироқ рафт, чанд соле аз авохири аҳди шоҳ Аббоси нахустин ва оғози даврони шоҳ Сафӣ дар Исфаҳон ба сар бурд ва ин ҳар дуро сутуд».

Зикри исми Ироқ ва Наҷаф низ дар девони Салим дида мешавад ва шоир дар байти зерин аз шоҳи Наҷаф умедвор будани худро баён доштааст:

*Салим аз домани ҳар кас кашида дасти худ акнун,*
*Зи шоҳони ҷаҳон уммед бар шоҳи Наҷаф дорад.*

Ҷое дигар дар Ироқ соҳибсухан будани худро чунин ба қалам додааст:

*Булбуле чун ман бурун омад зи гулзори Ироқ,*
*Шӯру ғавғои ҳарифони хуросонӣ нишаст.*

Байти дигари ӯ гувоҳи он аст, ки баъд аз сайри Ироқ дар Гелон зистааст ва дӯстони худро ёд намудаву менависад:

*Салим, то ба кай аз шавқи дӯстони Ироқ,*
*Чу абр гил кунам аз гиря хоки Гелонро.*

Исми Сифоҳон (ё Исфаҳон) дар дар шеъри Салим зиёд ба назар мерасад, зеро ӯ дар ин ҷо зистааст. Сифоҳонро низ чун Ироқу Эрон мавриди арҷгузорӣ қарор додааст:

*Салим, сарви саросар равӣ ҳавас дорад,*
*Хаёл карда, ки Лоҳур ҳам Сифоҳон аст.*

Салим дар Ҳинд дилгир буда ва хоки Исфаҳонро «сурмаи чашм» номидааст:

Сафари Қазвин кардани худро дар байте ишора кардааст:

*Ҳар куҷо бошад зи каф магзор ҷоми май, Салим,*
*Сайри Қазвин кун, Сифоҳон гар набошад, гӯ мабош!*

Ба андешаи Муҳаммад Қаҳрамон «гӯё шоир муддате ҳам дар Хуросон гузаронидааст» ва ҳамчун намуна ду байт меорад:

*Завқи гулгашти Хуросон рафтааст аз ёди мо,*
*Дар саводи Ҳинд сайри боғи зоғон мекунем.*

***

*Магар бар доғи дурии Хуросон,*
*Ниҳад марҳам Салим аз сайри Шероз.*

Салим дар байте пазмонии худро ба шаҳри Машҳад чунин баён намудааст:

*Эй хуш он рӯзе, ки аз шавқи тавофи даргаҳат,*
*Ҳамчу гул оям пиёда то ба Машҳад аз Ҳарӣ.*

Салим баъд аз сайри Исфаҳон ба Шероз меравад. Дар ин бора Забеҳулло Сафо чунин овардааст: «Аз дарбори Сафавӣ таваҷҷуҳеро, ки интизор дошт, наёфт ва ногузир аз Исфаҳон ба Шероз рафт».

Ӯ ба Шероз ниҳоят муҳаббат дошта ва эҳтиром мегузоштааст. Аз ин рӯ ба ҷуз чанд байт, инчунин ӯ дар васфи Шероз ғазали зебое низ сурудааст. Байте аз он ғазалро дар поён намуна меоварем:

*Ҳар каси хуб, ки бинӣ ба ҷаҳон, шерозист*
*Рост гӯянд, ки хубон ҳама аз як шаҳранд.*

Насрободӣ менависад, ки Салим аз Шероз қасди роҳи Ҳиндро дошт дар Шероз Мирзо Абдулҳасан ном марде бузургҷусса дар хидмати Имомқулихон буд. Хон фармуд, ки барои Салим қалён оранд. Он қалён чун бузург буд, Салим гуфт: «Дар хона ба кадхудош монад ҳама чиз». Чун хон қавиҷусса буд, аз ин ҳарф озурда шуд ва дигар илтифоте бад-ӯ накард. Рафтани Салимро аз Шероз ба ин воқеа асос додаанд.

Салим аз Шероз ҷониби Ҳинд раҳсипор мегардад. Ҳангоми вуруд бар Ҳинд қаҳтӣ Ҳиндустонро фаро гирифта будааст. Ӯ дар «Маснавии қаҳти сол» менависад:

*Чу мо аз толеи худ ноумедем,*
*Чунин вақте ба Ҳиндустон расидем.*

Забеҳулло Сафо бар он аст, ки соли сафари Салим ба Ҳинд

1040 – 1042 буда. Раҳим Ризо соли сафари ӯро 1040 медонад. Ҳирмон Ота бар он аст, ки Салим ҳамроҳ бо Қудсии Машҳадӣ ба Ҳинд сафар намудааст. А. Ғаффоров ин воқеаро дар соли 1628 донистааст.

Тазкиранависон чун Сархуш, Хушгӯ, Насрободӣ қайд намудаанд, ки дар замони Шоҳҷаҳон вориди Ҳинд шудааст. Маликшоҳ Ҳусайни Сиистонӣ менависад, ки «Муҳаммадқулӣ Салим шомлуист ва маншаъ ва таваллуди ӯ Теҳрон аст ва ҳол низ дар он диёр аст»

Таълифи тазкираи ӯ байни солҳои 1018 – 1019 буда, соли 1035 – 1036 дар он таҷдиди назар намуда, ба шоҳ Аббоси аввал такдим намудааст.

Аз ин бармояд, ки Салим байни солҳои 1018 – 1035 дар зодгоҳи худ қарор дошта ва аз он ҷо ба Ҳинд рафтааст. Агар вуруди ӯ ба Ҳинд соли 1040 ҳ. (1631 м.) воқеъ шуда бошад, пас ӯ 16 сол дар Ҳинд зистааст.

Салим дар мадҳу санои Исломхон якчанд шеър гуфта ва бо ӯ ба шаҳрҳои зиёде сафар низ кардааст. Ба қавли тазкираи «Каламот-уш-шуаро» Салим ҳаёти худро «дар мулозимати наввоб Исломхон, вазири аъзам гузаронид.

Салим саросари Ҳиндро дидан намуда, дар дил сафари Кобулро низ орзӯ кардааст:

*Сар ба сар гаштам саводи Ҳиндро, акнун Салим,*
*Мурғи рӯҳам дар ҳавои сайри Кобул мепарад.*

Шояд бад-он сабаб бошад, ки Зуфархон ҳокими Кобул буда ва бо шоирон ҳамнишинӣ дошта ва онҳоро эҳтиром ва парасторӣ менамудааст.

Салим дар шеърҳои худ ба Ҳинд, Эрон ва дигар манотиқе, ки умр ба сар бурдааст, ишораи зиёде намудааст. Аз байтҳои зерини Салим бармеояд, ки бо вуҷуди дар паноҳи мансабдорон будан ӯ дарди бенавоиро кашидаву азоби дурии ватанро низ дидааст:

*Ташвиши сафар бо дили ношод бар аст,*
*Бо дасти тиҳӣ чу кор афтод бад аст.*

***

*Салим, лахти дилам чанд сӯи Эрон бурд,*
*Чу он касе, ки зи Ҳиндустон матоъ орад.*

Салим орзуи зиёрати Маккаро низ дар сар доштааст. «Салим пас аз чаҳордаҳ соли сафар дар рикоби Исломхон дар дохили Ҳиндустон бо сабаби хастагӣ ва пирӣ аз мамдуҳ тақозои мураххасӣ мекунад, то ба Макка биравад:

*Зи остони ту хоҳам ба сӯи Макка равам,*
*Ки дар ҳақиқат ҷое нарафта бошам дур.*

Аммо роҳии Макка намешавад. Зоҳиран таҳаммули дурии он сафари дурро надоштааст. Салим оқибат дар Кашмир сокин мешавад:

*Гӯшае гир ба Кашмир Салиму бинишин,*
*Рафтану омадани Агразу Лоҳур бас аст.*

Баъд аз ду сол 1057 ҳ. (1647 м.) дар Кашмир дармегузарад.

Роҷеъ ба фавти Салим муаллифи тазкираи «Ништари ишқ» Ҳусайнқулихони Азимободӣ чунин овардааст: «Дар соли як ҳазору панҷоҳу ҳафти ҳиҷрӣ ба Кашмир даргузашт. Он, ки Вола заммоти (вафоти Қ. Н.) вайро дар Бурҳонпур навишта, аз ғалали тадқиқоти ӯст. Муаллиф ба соли вафоташ гӯяд:

*Ошиқе гуфт мисраи таърих:*
*«Зи ҷаҳон чун кунам, Салим бирафт».*

Аз моддаи таърихи мисраи дуюми байти боло соли 1056 бармеояд. Аз моддаи таърихи «ризвон» як сол кам аст.

Салим дар мазорушшуарои Сринагари Кашмир паҳлуи Туғро, Илоҳӣ, Фарҳат барин шоирони машҳури асри XVIII дар як ҷо дафн гардидааст. Дар мазорушшуаро паҳлуи шоирони маъруф дафн гардидани ӯ гувоҳи соҳимақом будани ӯст.

Салими Теҳронӣ тавонистааст, ки бо сухани баландпояи худ дар таърихи адабиёти тоҷик мақоми босазое дошта бошад.

Диққати соҳибони сухани баланд ва шоирону адибони бузургро амсоли Бедили Деҳлавӣ, Соиби Табрезӣ, Авҷии Натанзӣ, Воқифи Лоҳурӣ, Сироҷҷиддин Алихони Орзӯ, Холис ва монанди инҳоро ба худ кашидааст. Инчунин луғатшиносони маъруфе чун Ғиёсуддини Ромпурӣ, Алихони Орзу, Вораста аз осори Салим дар фарҳангҳои хеш истифода намудааст, ки ин гувоҳи саҳеҳ будани сухани Салимро дорад.

Миқдори абёти девони Салими Теҳрониро гуногун баён доштаанд. Ҳусайни Сиистонӣ дар «Тазкираи Ҳусайнӣ» менависад: «Девонаш тахминан бист ҳазор байт буда», вале Забеҳулло Сафо барғалат менависад, ки «девони Салим наздик ба нӯҳ ҳазор байт» аст. Баъзе дигар хеле кам – ду ҳазор донистаанд. А. Ғаффоров девони Салимро 20 ҳазор байт медонад.

Мураттиби девони Салими Теҳронӣ Муҳамад Қаҳрамон ҳини муаррифии нусхаҳои истифодашуда миқдори абёти нусхабадалҳоро нишон надодааст. Ба ҷуз як нусхае, ки онро аз Алии Шомлӯ гирифтааст, ки дорои 25 ҳазор байт будааст. Мураттиб менависад, ки нусхаи мавриди назар қисми ғазалҳо нокис будааст ва ғазалҳои зиёди он афтодаанд.

Миқдори абёти нусхаи аз ҳама зиёд 25 ҳазор будааст, шояд нусхабадалҳое, ки мураттиб истифода намудааст ва абёти онро нишон надодааст, миқдори абёташон зиёдтар бошад, чун он нусхаҳо зери дасти мо қарор надорад, наметавон пиромуни он чизе гуфт. Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки миқдори абёти девони Салим аз 25 ҳазор зиёд будааст, зеро мураттиб аз нокомил будани нусхаи мазкур ёдрас шудааст.

Нусхаҳои девони Салим дар китобхонаҳои дунё мавҷуд мебошанд. Як нусхаи девони ӯ дар Лондон зери рақами 1558 мавҷуд будааст, ки Раҳим Ризо аз он ёд кардааст. Боз нусхае дар Теҳрон – зодгоҳи шоир вуҷуд дошта.

Академик Аҳрор Мухторров маълумот додааст, ки «Девони Камоли Хуҷандӣ аз ин китобхона (китобхонаи Ризои шаҳри Рам-

пур. Қ. Н.) бо девони Салим якҷоя муқовабандӣ шудааст. Дар нусхаи аввали девон (№3308) касе «Бобои Камолиддин Хуҷандӣ» гӯё навиштааст».

Аҳвадии Якто зикр менамояд, ки ду ғазали Салим дастраси мост, ки бо хати худи ӯ навишта шудааст.

Аввалин мартиба соли 1349 девони Салим дар Теҳрон бо кӯшиши Раҳим Ризо ба чоп расидааст, ки он аз ғалату носаҳеҳиҳо орӣ набуда, баъд аз чиҳил сол, яъне соли 1389 бо кӯшиши Муҳамад Қаҳрамон ба нашр расид, ки бино ба қавли мураттиб: «Дар чопи ҳозир теъдоди абёт ба 9690 мерасад, ки 6021 байтҳои он мутааллиқ ба ғазалҳост.

Девони таҳиянамудаи Муҳаммад Қаҳрамон зери дасти мо қарор дорад, иборат аст аз ғазал, қасида, қитъа, маснавӣ ва рубоиёт.

Ғазал. Асоси девони Салимро ғазалиёти ӯ ташкил медиҳанд. Ғазал корбурдтарин навъи адабӣ дар Шибҳи Қораи Ҳинд аст. Салим дар ғазал ба Назирии Нишопурӣ ва Ҳофиз пайравӣ намудааст. Ғазалҳои ӯ маъмулан аз панҷ байт иборат буда, шоир онро ба ангуштони даст ташбеҳ намуда менависад:

*Аз панҷ фузун гашт чу абёти ғазал,*
*Бар панҷаи ман ҳаст чу ангушти зиёд.*

Қасида. Қасоиди ӯ дар мадҳи шоҳон ва имомон аст. Забеҳулло Сафо қасоиди ӯро сусту каммоя хондааст.

Аммо қасоиди ӯ холӣ аз ороишоти бадеӣ нест. Нозукхаёлона ва зебо корбаст намудани саноти бадеӣ дар қасоиди ӯ дида мешавад:

*Фиғон мекунад хандаи кабк дар кӯҳ,*
*Тамошост чун маст шуд рустоӣ.*

Таносуби кабки дарӣ бо рустоӣ ва тамсили ин байт бисёр тоза аст.    Қитъа. Дар мавзӯъҳои гуногун қитъа сурудааст. Панду андарз, ҳаҷв, мадҳ ва амсоли ин. Қитъаҳои ӯ холӣ аз тозагӣ нест:

*Шукр аз хоҷа гирифтам талаби хеш, Салим,*

*Марди оқил зари худро ба чунин кас надиҳад.*
*Ки аз ин даст бар он даст чу гирад зарро,*
*То қиёмат ба ҳамон дасти дигар барнадиҳад.*

Маснавӣ. Маснавиҳои Салими Теҳронӣ барои ӯ шуҳрати зиёде овардааст. Маснавиҳои ӯ «Роҳи Кашмир», «Ҳикояти марде, ки об дар шир мекард», «Дар қаҳти сол» «Ҷанги Ҳоҷӯ», «Қазову қадар», «Достони Ҳотами Той» ва монанди инҳо маснавиҳои ӯ ба шумор мераванд. Беҳтарин ва пуровозатарин маснавии Салим «Қазову қадар» аст. Бесабаб нест, ки Бедили Деҳлавӣ дар баёзи хеш аз Салим баргузидаву дар маснавии «Муҳити аъзам» аз Салим ёд намудааст.

Рубоӣ. Дар нусхаи Муҳаммад Қаҳрамон 94 рубоии Салим мавҷуд аст. Ӯ дар сурудани рубоӣ низ дасти тамом дорад. Рубоиёти ӯ аз ҳар ҷиҳат қобили ситоиш ва арҷмандист.



# ПАСТУ БАЛАНДИ ТАРҶУМА



## *Мусоҳиба бо устод Абдураҳмони Абдуманнон*

***– Устоди азиз, нахуст донистан мехоҳем, ки пояугузорони тарҷумаи бадеии касбии мо киҳо буданд ва онҳо барои ҳамвор шудани роҳи тарҷумонҳои оянда чӣ корҳои муҳиме анҷом доданд?***

- Тарҷумаи бадеӣ дар адабиёт ва муҳити мардуми мо хеле таърихи қадима дорад. Гуфтан мумкин аст, ки пеш аз Ислом ҳам мардуми мо ба тарҷумаи осори фалсафиву илмӣ аз Юнони қадим, аз адабиёти Ҳинд, аз адабиёти давраи ҷоҳилияти араб машғул буданд. Баъди пойдор шудани Ислом дар Эрон ва Осиёи Марказӣ тарҷума аз забони арабӣ, хусусан тарҷумаҳое, ки ба дин бевосита иртибот доштанд: тарҷума ва тафсири Қуръон, тарҷумаи ҳадисҳо хеле авҷ гирифт. Инҳо дар давраи Сомониён ва баъди Сомониён то давраи Шӯравӣ хеле ривоҷ доштанд. Вале тарҷумаи бадеӣ ба фаҳмиши имрӯзаи мову шумо дар Осиёи Миёна аз охири қарни 19 шуруъ шуд. Ба ин, албатта, заминаҳое буданд. Аввалин замина ҳамин аст, ки дар Эрон соли 1851 Амири Кабир Дорулфунун таъсис дод. Дар ин Дорулфунун як силсила асарҳои нависандагони Ғарб тарҷума шуданд. Аз ҷумла «Робинзон Крузо»-и Дефо, «Се мушкетдор»-и Дюма, асарҳои дигари нависандагони Ғарб Лесаж, Сен Пйер, Фенелон, Молйер, «Граф Монте-Кристо» дар нимаҳои асри 19 дар Эрон тарҷума шуданд. Ин тарҷумаҳо ба мардуми Осиёи Миёна дастрас буданд, хусусан ба зиёиёни тоҷик. Аввалин асаре, ки имрӯз мо медонем, баъди пайвастани Осиёи Миёна ба Русия аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума шудааст, ҳикояи Л.Н.Толстой «Як шудан зарур аст» мебошад. Асари мазкур соли 1897 ба хонандагони тоҷик дастрас гардид. Лекин тарҷумони ин ҳикоя маълум нест. Ин асар дар ёддоштҳои Мирзо Сироҷи Ҳаким ва Аҷзӣ номбар шудааст, аммо матни ҳикоя

имрӯз ҳам дар дастрасии мо қарор надорад.

Соли 1899 аз ҷониби Сиддиқии Аҷзӣ афсонаи «Моҳигир ва моҳии тилло»-и Пушкин тарҷума шуд. Аввалин тарҷумае, ки дастрас аст, ҳамин тарҷумаи Аҷзӣ аст. Баъди ин дар ибтидои асри 20, дар соли 1909 аз ҷониби Абдулқодири Шакурӣ китоби «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» омода карда шуд. Шакурӣ аз асосгузорони мактаби нав дар Самарқанд ба ҳисоб меравад. Дар «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» ҳикояҳои Л. Н. Толстой «Антар ва айнак», «Зоғ ва рӯбоҳ» тарҷума ва ба китоб ворид карда шуданд. Пас аз он рӯзномаҳои «Бухорои шариф», маҷаллаи «Оина» аз ҷониби Беҳбудӣ таъсис ёфт. Рӯзномаи «Самарқанд» низ аз ҷониби Беҳбудӣ чанд муддат чоп мешуд. Дар ин нашрияҳо ҳикояҳои Л. Н. Толстой хеле зиёд тарҷума шудаанд. Масалан, «Илёс», «Яздонро ё шайтонро?», «Худо ҳақро мебинад, вале зуд кашф намекунад», «Инсонро замини зироат бисёр лозим аст». Ҳамин ҳикояҳое, ки маърифати мардум, натанҳо маърифати донишомӯзӣ, балки маърифати зиндагӣ, маърифати рӯзгори мардумро ташвиқ мекарданд, аз ҷониби тарҷумонҳои мо тарҷума шуданд. Баъди инқилоб, баробари таъсис ёфтани шуъбаи Нашриёти давлатии Тоҷикистон дар Самарқанд, баъдан таъсиси худи нашриёт дар Душанбе, нашр шудани «Овози тоҷик», маҷаллаҳои «Дониш ва биниш», баъдан «Барои адабиёти сотсиалистӣ», пас аз он «Шарқи сурх» тарҷума хеле авҷ гирифту ривоҷ ёфт. Аввалин тарҷумаи алоҳида қиссаи Ф. Дюшен «Қамар» аз ҷониби устод Айнӣ мебошад. То он ҷо, ки ман медонам, аввалин тарҷума ҳамон асари «Сэм ва Дик»-и М. А. Алексеев, нависандаи рус аз ҷониби С.Улуғзода аст. Соли 1927 вақте ки С. Улуғзода 16 сола буданд, ин асар тарҷума ва соли 1929 дар рӯзномаи дорулмуаллимини Тош-

канд чоп шуд. Тарҷумаҳо аз ҷониби Аҷзӣ, масалан, тарҷумаи шеърҳо анҷом ёфтаанд. Вале он тарҷумаҳо камтар чоп шудаанд ва таъсири чандоне барои рушди тарҷумаи минбаъда дар адабиёти тоҷик надоштанд. Аввалин тарҷумаи ҷиддие, ки дар адабиёти мо ба вуҷуд омад, романи «Занбӯр»-и Войнич аз ҷониби С. Улуғзода аст, ки соли 1930 анҷом ёфт. Он вақт С. Улуғзода 19-сола буданд. Асар соли 1931 чоп шуд. Баъдан С. Улуғзода ба ин тарҷума дигарбора баргаштанд. Таҳрири нави он бо номи «Ғӯрмагас» чоп шуд. Дар солҳои 30 як зумра нависандагон ва тарҷумонҳои касбӣ хеле ва хеле барои ривоҷ ёфтани тарҷума кор карданд. Инҳо Ҳабиб Аҳрорӣ, Эмануэл Муллоқандов, Раҳим Ҳошим, Ҳасан Ирфон, Абдушукур Пирмуҳаммадзода, Рашид Абдулло ва дигарон мебошанд, ки барои тарҷума хеле хизмат кардаанд. Тарҷумаҳое, ки онҳо анҷом додаанд, бештар аз адабиёти рус сурат мегирифт. Ба наздикӣ як тарҷумаи С. Улуғзодаро пайдо кардем - асари драмавии Пушкин «Борис Годунов», ки соли 1937-38 онро ба муносибати 140-солагии зодрӯзи Пушкин анҷом додаанд ва онро соли 1939 ба алифбои лотинӣ дар шакли китоби алохида чоп кардаанд. Ин тарҷумаи манзум аст. Суҳайлӣ Ҷавҳаризода таҳрири қисмҳои манзуми ин драмаро ба ӯҳда гирифтаанд. Мо онро ба ҳуруфи кириллӣ баргардон кардем, ба наздикӣ дар яке аз шумораҳои «Садои Шарқ» чоп мешавад.

***- Кадом тарҷумаҳои бадеиямонро намунаҳои беҳтарини тарҷума гуфтан мумкин аст ва хусусияти барҷастаи онҳо чист?***

- «Дон Кихот»-и Сервантес, ки аз ҷониби С. Улуғзода тарҷума шудааст. Ҳам варианти русии ин асарро хондаам, ҳам тоҷикияшро. Фикр мекунам, ҳатто тоҷикияш аз

русияш беҳтар баромадааст. С. Улуғзода вақте ки худашон асар менависанд ё тарҷума мекунанд, қаҳрамонҳоеро интихоб мекунанд, ки табиатан ба худашон наздик бошанд. Масалан, Артур дар «Ғӯрмагас» ё ки худи Дон Кихот, Ҳамлет аз Шекспир. «Ҳамлет» дар тарҷумаи С. Улуғзода ба саҳна низ гузошта шуда буд. Устод Лоҳутӣ аз Пушкин «Кохи ёдгор»-ро тарҷума карданд. Маликушшуаро Баҳор низ ин асарро дар Эрон тарҷума карда буд, аммо тарҷумаи Лоҳутӣ ба аслаш хеле наздиктар аст. Аз тарҷумаҳои мансур «Чаманоро», ки Раҳим Ҳошим аз туркӣ тарҷума кардаанд, хеле тарҷумаи хушсифат аст ва гуфтан мумкин аст, ки ҳатто барои забономӯзӣ метавонем аз ин тарҷума истифода кунем. Ҳабиб Аҳрорӣ ҳам тарҷумаҳои хуб доранд. Асарҳои Толстойро бисёр тарҷума кардаанд. «Дони ором»-ро яке аз тарҷумаҳои беҳтарин ба забони тоҷикӣ мебошад. Дигар гуфтан мумкин аст, ки тарҷумонҳои касбии мо Шамсӣ Собир, Шариф Шараф, Нусур Холмуҳаммадов, Аслам Адҳам ва дигарон заҳмати зиёд кашидаанд, ки тарҷумаҳояшон хуб бароянд. Он вақтҳо асар ки тарҷума мешуд, ҳатман дар бораи он тақриз менавиштанд ва дар тарҷума агар камбудиҳо бошанд, бераҳмона нишон дода мешуданд, тарҷумонҳо андак мекебиданд барои рӯякӣ ва хушк тарҷума кардани асарҳо. Дар замони Шӯравӣ ба тарҷума таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешуд.

***– Тарҷумаи осори кӯдакону наврасон чӣ мушкилиҳо дорад? Назари Шумо дар бораи тарҷумаи асарҳо барои кӯдакон чист?***

- Тарҷумаи осори кӯдакон аз ҳама душвортар аст. Баъзеҳо хаёл мекунанд, ки тарҷумаи асарҳои бачагона бисёр осон аст ва ба ҳамон даст мезананд. Баъд тарҷумаҳоро мебинем, ки завқи кӯдак онҳоро қабул

надорад. Бинобар ин завқи кӯдакро донистан лозим аст. Устод Убайд Раҷаб вақте ки дар бораи адабиёти кӯдак гап мезаданд, кӯдак барин сӯҳбат мекарданд. Гӯё, ки ба образи кӯдак ворид мешуданд. Тарҷумони асари кӯдак бояд завқу салиқаву иштиёқи кӯдакро донад. Ман то кунун асари кӯдаконаеро тарҷума накардаам. Метарсам.

***– Баъзеҳо мегӯянд, ки тарҷумаи тоҷикии «Война и мир»-и Толстой на «Ҷанг ва сулҳ», балки «Ҷанг ва ҷаҳон» аст, ё тарҷумаи унвони тоҷикии романи «Закон вечности»-и Нодар Думбадзеро «Бақои одамият» медонанд, на «Қонуни абадият». Оё ин дуруст аст ва тарҷумон ҳақ дорад, ки номи асарро тағйир бидиҳад?***

- Воқеан ҳамин хел аст. «Ҷанг ва ҷаҳон» аст ин асар. Воқеаи ҷанге, ки Нопелеон бо Русия дошт ва вазъи ҷаҳон чи гуна буд. Ин масъала ҳаст дар асари Л.Н.Толстой. То Ватерлов рафтанд, сулҳ накарданд. Артиши рус то Ватерлов рафт, охирин ҷангро ҳамон ҷо кард ва шикасти қотеъ ба артиши Наполеон зада шуд. Ҳамчунин, «Закон вечности»-и Нодар Думбадзеро «Бақои одамият» гуфтаанд. Аз нуқтаи назари мазмун ва мундариҷаи ин асар «Бақои одамият» ғалат нест, лекин номи асар «Қонуни абадият» тарҷума мешуд, беҳтар буд.

***– Яке аз анъанаҳои хубе, ки имрӯз Маркази тарҷумаи ИНТ пеш гирифтааст, тарҷумаи асарҳо аз забони тоҷикӣ ба забонҳои дигар аст. Дар ин бора чанд сухан мегуфтед.***

- Чанд сол пеш аз ин вақте ки ман дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекардам, масъалаи ташкил кардани як маркази тарҷумаро чандин бор гузошта будем. Ва ниҳоят бо ташаббус ва амри махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2014

дар назди Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон маркази тарҷума таъсис шуд. Дар низомномаи ин марказ омадааст, ки вазифаи асосии маркази тарҷума тарғибу ташвиқ кардани дастовардҳои адабиёти тоҷик ба забонҳои дигар аст. Банда ба маркази тарҷума охири соли 2017 омадам. Маҳсули сесолаи маркази тарҷума аз соли 2014 то соли 2017 қариб чоп нашудааст. Аввалин коре, ки анҷом додем, солномаи махсус ташкил намудем бо номи «Летературный Таджикистан», ки дар он тарҷумаи осори устодони даврони Шӯравӣ, аз устод Айнӣ ин тараф то асарҳои нависандагон ва шоирони имрӯзаи мо тарҷума ва чоп мешаванд. Се шумораи солнома аллакай чоп шудааст. Шумораи чорум дар дасти чоп аст, дар оғози соли оянда чоп мешавад. Агар ҳамин хел давом кунад, ин солнома ба ҳар ҳол як имконе ҳаст, ки осори адибони имрӯзаи мо ба забонҳои дигар, аз ҷумла ба забони русӣ тарғибу ташвиқ шавад. Ба ғайр аз ин, дар Маркази тарҷума баргардонидани осори адибони имрӯзаи мо ба забонҳои ӯзбекӣ, англисӣ, немисӣ, арабӣ ба роҳ монда шудааст ва ба забони арабӣ аллакай чанд намуна дар матбуоти Арабистони Саудӣ ва Қатар дар тарҷумаи корманди мо Нарзуллои Назар ба табъ расидаанд. Тарҷумаҳои Нарзуллои Назар аз арабӣ низ хуб аст. Ҳам аз арабӣ ба тоҷикӣ, ҳам аз тоҷикӣ ба арабӣ. Ба забони англисӣ ҳам кӯшиш мекунем ба наздикӣ се асар, ду асари устод Айнӣ–»Исёни Муқаннаъ» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик», инчунин «Марги ҳофиз» ном ҳикояи устод Сотим Улуғзода, ҳикояи Фазлиддин Муҳаммадиев «Даъво»-ро дар як ҷилд, ба шакли як маҷмӯаи хурд ба чоп расонем. Тарҷумаҳо омодаанд, лекин чопи китоб мушкил аст. Барои чоп маблағ надорем. Ҳатто ҳамон солномаро аз ҳисоби ҳаққи қа-

ламе, ки бояд ба тарҷумонҳо диҳем, ба нашр мерасонем. Мо тарҷума мекунем, аммо чоп мушкилоти зиёд дорад. Ба унвони муовини сарвазир мактуб ҳам навишта будем, ки нашриёти «Адиб» ва дигар нашриётҳои ҷумҳурӣ чопи асарҳои тарҷумавии адибони имрӯзаи тоҷикро ба нақша гиранд, ваъда кардаанд, ки кӯмак мерасонем, мо ҳам умедворем, ки тарҷумаҳо дастраси хонандагон мегарданд. Дар давоми се сол ҳикояҳо ва қиссаҳои Абдулҳамид Самадовро бо номи «Зигзаги судбы» ба чоп тайёр кардем ва нашриёти «Русская литература» онро чоп кард. Ҳозир маҷмӯаи ҳикояву қиссаҳои Муҳаммад Ғоиб дар дасти чоп аст.

***– Маълум аст, ки кори тарҷума нозукиҳои зиёд дорад. Тарҷумон бояд вақти тарҷумаи асар аз рӯи кадом усулу меъёрҳо корро ба роҳ монад?***

- Дар вақташ устодоне буданд мисли Раҳим Ҳошим, Ҳабиб Аҳрорӣ, ки семинарҳои тарҷума мегузаронданд дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, дар Институти забон ва адабиёт. Ҳоло ин иқдомҳо аз байн рафтааст. Нозукиҳои бисёр дорад тарҷума. Пеш аз ҳама донистани ду забон: аввал забони модарӣ, баъд забоне, ки аз он тарҷума мекунед. Натанҳо фаҳмидан, балки ҳис кардани забон, дуруст дарк кардани забон бисёр зарур аст. Тамоми назокати забонро бояд ба инобат гирифт. Тарҷумаҳои хубро ман ном бурдам, чанд тарҷумае, ки солҳои охир анҷом ёфтаанд, мехонам, мебинам, ки мефаҳманд забони русиро, лекин ҳис намекунанд. Дар натиҷа ғалатҳо меравад. Ғалатҳое ҳастанд, ки вақти хондан халал ёфтани мантиқро дарк мекунед. Ин алифбои тарҷума аст. Касе ба тарҷума ҷиддӣ машғул шуданӣ бошад, ин ҳадд ва ин сатҳро бояд нигоҳ дорад. Бар замми ин, тарҷумон бояд завқи бадеӣ дошта бошад. Агар завқи бадеӣ надошта бошад,

ҳар қадар дуруст тарҷума ҳам кунад, шираи асар ба забони тоҷикӣ намебарояд.

Усули тарҷума ва меъёри тарҷума ҳамин аст, ки фарз кардем як асари муаллифи русро вақте шумо тарҷума мекунед, бояд ҳамин хел масъулияте эҳсос кунед, ки ин асар баъди тарҷумаи шумо моли адабиёти тоҷик мешавад. Бинобар ин, масъулияти тарҷумон аз масъулияти нависанда камтар нест. Шумо ҳамон қадар масъулият доред, ки нависанда дар назди хонанда дорад. Усулу меъёри тарҷумаро худи усулУ меъёри ҳамон асари тарҷумашаванда муайян мекунад. Фарз кардем, асари ҳикоятӣ бошад, шумо ҳамон усулро пеш мегиред. Асари лирикӣ бошад, шумо бояд бисёр меҳнат кунед, ки ҳамон эҳсосоте, ки дар асари асл ҳаст, бо ҳамон сатҳу бо ҳамон самимият ба забони тоҷикӣ садо дода тавонад. Вагарна тарҷума барор намегирад.

***– Дар асари бадеӣ лаҳҷа, зарбулмасалу мақол низ ба кор бурда мешаванд. Ҳангоми тарҷумаи онҳо ба забони тоҷикӣ тарҷумон дар ин мавридҳо чӣ кор бояд кунад?***

- Истифодаи забони гуфторӣ, лаҳҷа, мақол дар тарҷумаи бадеӣ мамнуъ нест. «Дон Кихот»-ро бинед, дар он зарбулмасалу мақолҳо ниҳоят бисёранд. Муродифҳоеро бояд дар забони тоҷикӣ пайдо ва ҷойгузини он намоед, ки ҳамвазн бошанд аз нигоҳи маънӣ ба ҳадаф, чунки зарбулмасалу мақол ҳатман ягон ҳадаф дорад. Агар тарҷумон чунин муродиф пайдо кардан тавонад, тарҷума бобарор мешавад. Агар тарҷумаи таҳтуллафз кунад, кор баръакс сурат мегирад. Тарҷумаи таҳтуллафзи зарбулмасали русӣ ба тоҷикӣ маъно намедиҳад. Ман асари Борис Василев «Субҳ ин ҷо сокит аст»-ро тарҷума кардам. Зарбулмасалу мақол ва калимоти лаҳҷавӣ дар ин асар ниҳоят зиёд аст. Ин қиссаро

ду сол тарҷума кардам, ҳол он ки метавонед дар як моҳ тарҷума кунед. Аз Раҳим Ҳошим, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Раҷаб Амонов мепурсидам, то ҳадди имкон муродифи зарбулмасалҳои русиро ба тоҷикӣ меёфтам. Агар муродиф пайдо нашуд, мазмунан тарҷума кунед, беҳтар аст аз он ки айнан тарҷума шавад.

***– Вазъи тарҷумаи бадеии даврони Истиқлолро чӣ гуна арзёбӣ мекунед: рӯ ба пеш аст ё ба қафо?***

- Чунон ки гуфтем, тарҷума дар замони истиқлолият аз байн нарафтааст. Масалан, Фарзона чанд сол пеш аз ин як силсила шеърҳои Анна Ахматова ва Марина Светаеваро тарҷума кард. Тарҷумаҳои бисёр хуб ҳастанд. Шоирони мо камтар ба тарҷума машғуланд, лекин нависандагони мо Қодири Рустам, Бахтиёри Муртазо, Салими Зарафшонфар, С. Расулӣ, Абдуғаффори Абдуҷаббор, Сипеҳри Ҳасанзод дар замони истиқлол бештар ба тарҷума сару кор доранд, хуб тарҷума мекунанд. Нисбат ба шоирон нависандагони мо дар тарҷума фаъолтаранд. Намешавад гуфт, ки тарҷумаи бадеӣ равнақ дорад дар адабиёти мо, лекин аз байн нарафтааст.

***– Лутфан дар бораи ҳусну қубҳи тарҷумаҳои бадеии имрӯз чанд сухан бигӯед.***

- Тарҷумонҳои имрӯзи мо мисли тарҷумонҳои даврони Шӯравӣ нестанд. Чунки забони русӣ дар он сатҳе, ки дар замони Шӯравӣ дар мактабҳои миёнаву олӣ таълим дода мешуд, имрӯз дар он сатҳ таълим дода намешавад. Насли имрӯзи нависандагони мо забони русиро дар он сатҳе, ки нависандагони даврони Шӯравӣ медонистанд, намедонанд. Бинобар ин ман бисёр таманно дорам, ки вақте забони асари тарҷумашавандаро намедонед, тарҷума накунед. Ин ҳам ба он асаре, ки тарҷума мешавад як зарба аст, ҳам ба худи шумо, ки забони русиро намедонед. Ман

ба тарҷумаи як нависандаи номдорамон дар даврони Шӯравӣ тақриз навишта, як саҳифаи онро таҳлил карда будам. Забони русиро намедонист, лекин асари Чингиз Айтматовро тарҷума кард. Мошинеро, ки ба чап меравад, ба рост равон кардааст, касе, ки ба боло меравад, ба поён рафтааст. Резасангро мегираду, харсанг тарҷума мекунад.

***–Кадом асарҳои тарҷумашуда дар ин даврон ба назари шумо муваффақонаанд?***

-Вазъи тарҷума имрӯз он равнақеро, ки дар замони Шӯравӣ дошт, надорад. Чунки заҳмати тарҷумон подош надорад. Касоне, ки тарҷума мекунанд, бисёр вақт китобҳоро аз ҳисоби худашон ё ягон маблағгузор нашр менамоянд. Дар «Садои Шарқ» ва «Адабиёт ва санъат» тарҷумаи ҳикояҳо ва қиссаҳои адибони хориҷӣ чоп мешаванд. Лекин нависандагоне ҳастанд, ки дар баробари эҷоди осори бадей ба тарҷума ҳам шуғл доранд. Бештар Абдуғаффори Абдуҷаббор ба тарҷума машғул аст. Солҳои охир Қодири Рустам ба тарҷума зиёдтар сару кор дорад. Чанд асари Окутоговоро тарҷума кард. Саидмурод Расулӣ – тарҷумоне аз Ҳисор ҳаст, ки «Ғуломони озод»-и Майн Рид ва чанд асари дигарро тарҷума карда аст. Салими Зарафшонфар низ се шоҳкори адабиёти ҷаҳонро ба тоҷикӣ тарҷума кард ва ба наздикӣ рӯнамои ин тарҷумаҳо дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон баргузор шуд ва тарҷума баҳои баланд ҳам гирифт.

***– Ба тарҷумонҳои ҷавоне, ки дар оғози роҳанд, чӣ маслиҳат медиҳед?***

- Пеш аз ҳама бояд забони модарии худро бо тамоми назокатҳояш хуб омӯзанд. Тамоми тобишҳои маъноии луғатро аз худ кунанд. Мантиқро бояд омӯзанд. Чунки мантиқ асос аст. Ҳам дар навиштан, ҳам дар тарҷума кардан. Чи дар тарҷума,

чи дар асари навишташуда агар мантиқ хароб бошад, сухан ҳеҷ таъсир надорад. Дуввум, аз кадом забоне, ки тарҷума кардан мехоҳанд, он забонро бояд донанд. Дар сатҳи забони модарии худ мушкил аст забони дигареро донистан, аммо бояд дар сатҳи хуб бояд донанд. Саввум, бояд завқи бадеӣ дошта бошанд. Завқи бадеӣ аз хондани асарҳои бадеӣ сар мезанад. Забоншиносони мо асари бадеиро барои ҷамъ кардани мисол мехонанд. Ҳол он ки асари бадеиро бояд ҳамчун асари бадеӣ хонд. Мисоли лозима баъд пайдо мешавад. Чорум, таҷриба андӯхтан, машқ кардан, навиштан. Як мақоли машҳур ҳаст, ки мегӯянд: кори неку кардан аз пур кардан аст. Аз ҳикояҳо оғоз кунанд, андак-андак дасташон, ки рост шуд, баъд ба асарҳои бузургтар гузаранд.

– Барои сӯҳбат ташаккур, устод.

***Сӯҳбаторо***
***Насимбек Қурбонзода***






# ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ АНГЛИСИВУ АМРИКОӢ

1. Кореро, ки худат наметавонӣ, маслиҳат мадеҳ.
2. Маслиҳати хуб дершавӣ надорад.
3. Хашм бо аблаҳӣ сар мешаваду бо дуо ба анҷом мерасад.
4. Хашм бехудшавии кӯтоҳ аст.
5. Хӯроки нав – иштиҳои тоза.
6. Рӯзе як себ хӯрдан беҳ аз дидори табиб.
7. Ҳавои бад атеистро дар як лаҳза ба Худо мегардонад.
8. Ҳамраҳи бад занҷири шайтон аст.
9. Рӯзи бад ҳеҷ гоҳ шаби нек надорад.
10. Сартарош сартароширо дар сари аблаҳон машқ мекунад.
11. Ҳар касе риш дорад, худаш шона мехарад.
12. Риш одамро духтур ё файласуф намекунад.
13. Зебоӣ аз ботин бурун меояд.
14. Зебоӣ қудрат аст ва табассум шамшери он.
15. Зебоӣ дарҳои бастаро мекушояд.
16. Ангуштон пеш аз корду чангак офарида шудаанд.
17. Аз туздӣ дида гадоӣ беҳ, аммо аз гадоӣ дида меҳнат кардан авлотар.
18. Касе аз гадоӣ шармаш наомад, аз дуздӣ ҳам рӯй намегардонад.
19. Гадо ҳеҷ гоҳ муфлис намешавад.
20. Насиби гадои хашмгин санг аст, на нон.
21. Вақте аз касе манфиат мегирӣ, озодиатро аз даст медиҳӣ.
22. Хун бе оташ меҷӯшад.
23. Марди кӯрро чию доварии рангҳо.
24. Марди бе китоб мисли подшоҳи бе хазина аст.
25. Китобҳо тирезаҳоянд, ки мо тавассути онҳо ҷаҳон мебинем.
26. Қарз модари ташвишҳост.
27. Қарз ҳеҷ гоҳ беҳ аз гадоӣ нест.
28. Ҷоруби нав тоза мерӯбад.
29. Бародарон мисли дасту поянд.

30. Ҷое, ки тиҷорат сар мешавад, дӯстӣ ба охир мерасад.
31. Дақиқкорӣ ҷони тиҷорат аст.
32. Алмосро бо алмос мебуранд.
33. Бадбахтӣ омӯзгори хуб аст.
34. Камбағал он нест, ки кам дорад, балки онест, ки орзуҳои бешумор дорад.
35. Қашшоқ касест, ки дӯст надорад.
36. Бенавоён интихобро намедонанд.
37. Агар орзую умед намебуд, дил кайҳо мекафид.
38. Бе занбӯр асал гирифта наметавонӣ, бе кор – пул.
39. Ҷойи бехавф – мобайн.
40. Аз чоҳи хушкшуда об кашидан бефоида аст.
41. Худо ба он кас ёрӣ медиҳад, ки худ ғами худро мехӯрад.
42. Сарватмандӣ ғуломӣ аст.
43. Сарватмандӣ бидуни саломатӣ ҳеҷ аст.
44. Боигарӣ меравад, номи нек мемонад.
45. Сарватманд шахсест, ки дӯстони зиёди бовафо дорад.
46. Моҳии калон моҳии хурдро фурӯ мебарад.
47. Аз даруни халта аз будаш зиёд гирифта намешавад.
48. Киштии калон оби чуқур мехоҳад.
49. Хум бӯи онро дорад, ки бори аввал ба он андохта буданд.
50. Издивоҷ лоторея аст.
51. Ақди никоҳ дар осмон баста мешавад.
52. Агар сахӣ будан хоҳӣ, аввал одил бош.
53. Барзаговро аз шоху одамро аз забонаш медоранд.
54. Пул решаи бадбахтиҳост.
55. Дар сафари дур ҳар як хас вазне зам мекунанд.
56. Дар зиндагии ҳар як шахс имтиҳонҳои мушкил рӯй медиҳанд.
57. Дар баҳри ором ҳар кас ҳам нохудо шуда метавонад.
58. Дар мамлакати нобиноён шоҳ якчашма аст.
59. Дар торикӣ ҳамаи гурбаҳо хокистарранг метобанд.

60. Дар Рим мисли римиҳо рафтор кун.
61. Рад кардан бо сухани хуш беҳ аз дағалона пазируфтан.
62. Шутур дар ҷустуҷӯи шох гӯшҳояшро гум кардааст.
63. Дӯсти ҷонӣ мисли доруест барои ҳамаи бемориҳо.
64. Табъи болида – беҳтарин дору.
65. Шамолро бо тӯр дошта намешавад.
66. Шароб ба дарун, ҳақиқат ба берун.
67. Шароб даромад, ақл берун шуд.
68. Рангорангӣ – лаззати ҳаёт.
69. Ҷанг бозии шоҳон аст.
70. Шарқ ё Ғарб хуб, аммо хона беҳтар аст.
71. Вақт – табиби бузург.
72. Вақт – тилло.
73. Вақт парвоз мекунад.
74. Ҳамаи духтарон хубанд, аммо занҳои бад аз куҷо пайдо мешаванд?
75. Ҳар кореро агар бо майлу хоҳиши худ иҷро кунӣ, осон метобад.
76. Ҳамеша он чӣ рӯй медиҳад, ки интизораш нестӣ.
77. Фикри дуюм беҳтар аз фикри якум.
78. Некии маҷбурӣ ба сипосгузорӣ намеарзад.
79. Куҷое, ки ифлосӣ ҳаст, он ҷо пул ҳам ҳаст.
80. Агар хоҳиш бошад, роҳи кор пайдо мешавад.
81. Чашм аз шикам бузургтар аст.
82. Хашм – душмани ашаддии одам.
83. Хашм – бехудшавии кӯтоҳ.
84. Хашм ва шитоб хирадро тира мегардонанд.
85. Андеша нокарда гуфтан мисли бенишон тир андохтан аст.
86. Каллаи пиронро ба китфи ҷавонон гузошта намешавад.
87. Гуруснагӣ беҳтарин кушояндаи иштиҳо аст.
88. Сарсахт касест, ки танҳо бошад.
89. Деге, ки дар болои сараш назорат карда меистанд, ҳаргиз

намеҷӯшад.

90. Ишқи сӯзону марғуб зуд аланга мегирад ва зуд хомӯш мешавад.

91. Ба муқобили бадӣ омода бош, хубӣ худаш омадан мегирад.

92. Дағалӣ муҳаббатро мекушад.

93. Моҳии беҳтарин ҳам баъди се рӯз бӯй мекунад.

94. Ҳатто ба воситаи шакар ҳам таоми болаззатро вайрон кардан мумкин аст.

95. То метавонӣ коре бикун, ҳарчанд дар вазъияти душвор қарор дорӣ.

96. Кор намаки зиндагист.

97. Пул ҳам хизматгори хуб аст ва ҳам хӯҷаини бад.

98. Пуле, ки сарфи донишомӯзӣ шудааст, ҳаргиз барбод намеравад.

99. Кӯдакон – боигарии камбағалон.

100. Барои бойҳо як қонун, барои камбағалон қонуни дигар.

101. Дар хушбахтӣ вақт баназар наменамояд.

102. Номи нек беҳ аз сарват.

103. Дӯстон вақти туро медузданд.

104. Агар абрҳо намешуданд, мо бо баромадани офтоб шодӣ намекардем.

105. Агар то вақти субҳона бихандӣ, пеш аз хӯроки шом гирямекунӣ.

106. Агар хоҳиши кор бошад, усули иҷрои он пайдо мешавад.

107. Агар сирро се кас донанд, пас ҳама мефаҳманд.

108. Агар харе ҳангос занад, дар ҷавоб ба ӯ мисли хар ҳангос назан.

109. Агар корро барвақт сар кунӣ, барвақт тамом мекунӣ.

110. Агар дудила ҳастӣ, беҳтараш ҳеҷ кор макун.

111. Агар дар коре муваффақ нашудӣ, рӯҳафтода нашав, ҳамаашро аз нав сар кун.

112. Баҳона ҳаст, ё нест, барои хук фарқ надорад, хур-хур кардан мегирад.

113. Хоҳиш – падари фикр аст.

114. Зани мӯзадӯз пойпӯшӣ фарсуда дорад.

115. Зиндагӣ кун ва омӯз.

116. Таҷрибаи рӯзгор – модари хирад.

117. Зиндагӣ шиноварии оҳиста дар обҳои ором нест.

118. Зиндагӣ мисли муносибати гурбаву муш аст.

119. «Пагоҳ» тамомшавӣ надорад.

120. Ба ҳама чиз чанг занӣ, аз ҳамааш мемонӣ.

121. Пас аз нобарориҳо аксар вақт комёбӣ ҳаст.

122. Даҳони халтаро пеш аз оне, ки пур шавад, бибанд.



***Гирдоварӣ, тарҷума ва таҳияи***
***Дилшод Раҳимов***

# ҲОМЕР



Шоири овозадори Юнони бостон, муаллифи «Илиада» ва «Одиссея». Замони зиндагиашро садаи 12 ё 7 пеш аз милод медонанд. Ҳамосагӯе нобино будааст. Донишмандони ҷаҳони бостон зиндагии ӯро ба замонҳои гуногун бурдаанд. Як набиштаи куҳани юнонӣ ҳафт шаҳрро меҳани Ҳомер медонад; Смира, Хиос, Колофон, Пилос, Аргос, Итака, Отин. Дар асл номгӯи шаҳрҳо беш аз ин аст. Достони мусобиқаи чакомагӯӣ миёни Ҳомеру Ҳесиод машҳур аст. Он гуна ки шумори зиёди пажӯҳишгарон мепиндоранд, достонҳои Ҳомер дар садаи 8 пеш аз милод дар Осиёи Хурд ва Иони бар пояи устураи ҷанги Троя суруда шудаанд. Дар бостон осоре аз ҷумлаи гимнҳо, достонҳои ҳаҷвии «Маргит», «Ҷанги мушҳо ва ғукҳо»-ро низ аз Ҳомер мехондаанд. Ҳамосаҳои Ҳомер сарчашмаи бебаҳои таърихиву ҷуғрофӣ دониста шудаанд.

* * *

*Дуди ватан ширин аст.*

* * *

*Зевари зан хамӯшист.*

* * *

*Боре гаронтар аз бори ғурбат нест.*

* * *

*Зебоӣ кӯтоҳумр аст.*

* * *

*Аблаҳ танҳо ба чашми сар мебинад.*

**Тарҷумаи Юнус Юсуфӣ**

## А.С.Пушкин



# МОҲИГИР ВА МОҲИИ ТИЛОӢ

Рӯзгоре, ки яке буду яке ҳич набуд,
Лаби дарёи кабуд
Пири сайёде бо пирзане
Дар яке кулбаи вайрону ҳақир
Сиву се соли тамом
Зиндагӣ мекарданд.
Пир дар он ҳама сол
Сайди моҳӣ мекард
Пирзан сиву се сол
Пунбаресӣ мекард.
Пир як рӯз лаби дарё рафт,
Тури худро чу фиканд андар об
Ҷуз лаҷан ҳич наёфт.
Боз як бори дигар тӯр афканд,
Ҷуз гиёҳоне чанд,
Руста андар таги дарёи кабуд
Боз ҳам ҳич наёфт.
Бори савум чу фиканд
Тӯри худро дар об,
Моҳие бас кӯчак
Омад андар тӯраш
Лек
Моҳии кӯчаки гиромада дар тӯр
Моҳии сода набуд,
Моҳии кӯчаки заррине буд.
Ногаҳон моҳии кӯчак
Ба забони одам
Сухан оғоз намуд:
«Пири сайёд, раҳо кун ту маро,
То диҳам ҳадяи бисёр туро,
Диҳамат он чи ки хоҳӣ аз ман».

Пири сайёд аз ин ҳодиса ҳайрону ҳаросон гардид,
Зери лаб бо худ гуфт:
«Ман ҷавон будаму гардидам пир
Андар ин даҳри куҳан,
Лек ҳаргиз нашунидам, ки бигӯяд моҳӣ
Одамигуна сухан».
Пир бо моҳии заррин ба навозиш сухан оғоз намуд:
«Инак, аз тӯр раҳоят созам,
Рав ба дарёи кабуд,
Ки ман аз моҳии заррина нахоҳам ҳадя,
Ҳар куҷое ки равӣ, бод Худо ёр туро!».

Пири сайёд зи соҳил
Дасти холӣ ба дари кулба расид.
Пиразан чашм ба роҳи шавҳар
Пунбаресӣ мекард.
Ӯ зи шавҳар пурсид,
Ки чаро дасттиҳӣ баргаштаст.
Пир гуфто ки даруфтод ба тӯрам имрӯз
Моҳие бас кӯчак,
Лек ин моҳии кӯчак
Моҳии заррин буд
Ва сухан мегуфт
Ба забони одам.
Ӯ ба ман гуфт:
«Гар раҳоям созӣ
Диҳамат ҳарчи ки хоҳӣ ҳадя».
Лек ман баски дилам сӯхт, раҳояш кардам.
Пирзан сахт ба хашм омаду гуфт:
«Аблаҳӣ, бас аблаҳ
Моҳии кӯчаки зарринро
Ройгон аз чӣ раҳо кардӣ?

Ту ба ӯ мегуфтӣ,
Ки кам аз кам бидиҳад ташт маро,
Ташти мо кӯҳнаву фарсуда шуда».

Пир як бори дигар гом ниҳод
Сӯйи дарёи кабуд,
Ҷунбише дар дили дарё уфтод.
Пир бо бонги баланд-
Гуфт: Эй моҳии заррина кучҷой, баргард.
Моҳии кӯчаки заррина басе зуд
Лаби дарё омад.
Гуфт:
«Эй пир чи хоҳӣ ту зи ман?»
Пири сайёд ба меҳру ба навозиш гуфто:
«Шоҳбонуи қашанги дарё
Зани пирам зи раҳо кардани ту
Сахт дар хашм шуду дод басе дашномам.
Ӯ зи ман имрӯз
Ташти нав мехоҳад,
Ташти мо куҳнаву фарсуда шуда».
Моҳии кучаки заррина чунин посух дод:
«Ғам махӯр, рӯ ба сӯйи хона бинеҳ,
Меҳрубон аст Худо,
Ташти нав хоҳӣ дошт».

Пир баргашт, сӯйи хонаи хеш,
Дид дар дасти занаш ташти навест.
Лек зан
Хашмгин буду ба ӯ
Носазоҳо мегуфт.
Пир пурсид, ки ин ташти наву поку зариф
Нашуда мояи хушнудии ту?

Зан бад-ӯ гуфт, ки як ташт чи дорад арзиш?
Боз баргард сӯи моҳии заррину бигӯ,
Ки яке хонаи зебо бидиҳад.



Пир як бори дигар гом ниҳод
Суйи дарёи кабуд.
- Мавҷҳо сахт барошуфтанд-
Пир бо бонги баланд
Гуфт, эй моҳии заррина, куҷоӣ, баргард.
Моҳии кӯчаки заррина басе зуд
Лаби дарё омад,
Гуфт:
«Эй пир чи хоҳӣ ту зи ман?»
Пири моҳигир
Бо тазарруъ чунин гуфт:

«Шоҳбонуи қашанги дарё,
Зани ман дар ғазаб аст,
Носазоҳо гӯяд,
Зи дилам бурда шикебу ором,
Ӯ зи ман хонаи нав мехоҳад».
Моҳии кӯчаки заррина чунин посух дод:
«Ғам махӯр, рӯ ба суи хона бинеҳ,
Меҳрубон аст Худо,
Хонаи хубтаре хоҳӣ дошт».
Пир баргашт суи хонаи хеш,
Лек аз кулба нишону асаре ҳеҷ наёфт.
Хонае буд ба ҷояш чи қашанг,
Хонаи поку наве,

Ки шуда сохта аз хишти сафед,
Дараш аз чӯби булут.
Пирзан
Шодмону мағрур
Ногаҳон панҷараи манзили дуввум бикушуд,
Гуфт бо шавҳари хеш:
«Аблаҳӣ, бас аблаҳ,
Ту аз он муъҷизагар моҳии зарринаи худ
Хонае хостаӣ
Хонаро ман чӣ кунам?
Боз баргард ба дарёву ба он моҳӣ гӯй?
Зани ман
Русторо написандад ҳаргиз
Ӯ ҳавохоҳи яке зиндагии ашрофист».
Пир баргашт сӯи дарё боз
Ва нидо дод ба он моҳии зарринаи хурд.
Моҳии кӯчак
Зуд сӯяш омад

Ва бипурсид, ки эй пир чи хоҳӣ аз ман?
Пир ин гуна ба посух пардохт:
«Зани ман боз ба хашм омадааст,
Бурда орому шикеб аз дили ман.
Русторо написандад дигар
Ӯ ҳамехоҳад ашрофиву доро бошад».
Моҳии кӯчаки заррина чунин посух дод:
«Ғам махӯр,
Меҳрубон аст Худо
«Ба сӯи хона бирав!»

Пирмарди сайёд
Чунки баргашт ба сӯи зани хеш,
Ногаҳон кохе дид,
Кох, бас кохи баланд
Ва занаш бар дари айвон бинишастаст ба ноз.
Ҷомааш аз санҷоб
Бар сараш низ кулоҳе зарбофт
Ва баровехта аз марворид
Чи гулубанди қашанге.
Ва бар ангуштонаш
Дода ангуштари заррин зинат
Ва ба пояш
Кафшҳои зебо.
Даври ӯ ҳалқа зада
Хайли хидматгорон.
Пирмарди сайёд
Гуфт бо меҳр ба зан, бонуи ашрофии ман, бар ту салом.
Бояд акнун аз ман
Хушу розӣ бошӣ.
Пирзан бар сари ӯ
Сахт фарёд кашид

Ва ба ӯ гуфт:
«Бирав аз кох!
Ту ба он кай арзӣ,
Ки кунӣ зист дар ин кохи баланд.
Бирав андар истабл,
Ки бувад дархури ту,
Кор дар он ҷо кун».

Як-ду ҳафта чу гузашт,
Ҳирсу ози зани пир
Боз афзоиш ёфт.
Шавҳари хеш зи истабл фаро хонду бигуфт:
«Боз баргард сӯи баҳру ба он моҳӣ гӯй,
Зани ман мехоҳад
Шоҳбону бошад».
Пир бо тарси фаровон ба занаш гуфт чунин:
«Ту магар банг бихӯрдӣ?
Ё ки девона шудӣ?
Ки туро ҳич на кирдор дуруст асту на гуфтор дуруст.
Аз чунин шеваи дур аз хирадат
Ҳамаи мардуми шаҳр
Ба туву кори ҷунуномезат
Рӯзу шаб ханда зананд»
Зан ба хашм омад сахт,
Силие бар рухи шавҳар кӯбид
Ва бад-ӯ гуфт, бирав ҷониби баҳр
Пирмарди аҳмақ,
Ту чи сон ҷуръати онро кардӣ,
Ки чу бо ман зани вологуҳаре
Гуйӣ ингуна сухан?
Ту бирав худ сӯйи баҳр
Варна хидматгорон
Мебарандат бо зӯр.

Пир бо тарсу ҳарос
Суи дарё бишитофт.
Ранги амвоҷ сияҳгун шуда буд,
Моҳии заррини кӯчак лаби соҳил омад.
Гуфт бо меҳр, ки эй пир чи хоҳӣ аз ман?
Пирмарди сайёд
Сар фурӯ овард
Гуфт:
«Меҳрубон моҳии зарринаи ман
Пирзан бори дигар бар сари хашм омадааст,
Озаш афзун шудааст,
ӯ кунун мехоҳад
Шоҳбону бошад».
Моҳии заррин
Дод посух:
«Пирмардо, махӯр андӯҳ
Зани ту
Шоҳбонуи тавонову гузин хоҳад шуд»,

Пир баргашт ба сӯи зани худ, лек чи дид?
Дид дарбори шукӯҳандаву зебоеро,
Ки занаш бо сад ноз
Такя бар маснади заррин задааст,
Хайли ашрофу бузургон ҳама дар хидмати ӯ.
Бода дар гардиш буд,
Соқиён ҷоми майи ноб ба даст,
Бар сари суфра хуришҳои гуворо чида.
Посдорон ҳама ҷо истода,
Ҳамагон теғу табарзин бар дӯш.
Пир чун дид чунин шавкату шон,
Дилаш аз дард тапид,
Пеши пойи зани худ зону зад,

Гуфт шаҳбонуи зебову тавоно, аз ман
Бод бар шавкату ҷоҳи ту салом,
Ҳол розӣ шудаӣ?
Пирзан ҳатто
Сӯи ӯ нимнигаҳ низ накард,
Дод дастур, ки дураш бикунанд аз дарбор.
Посбонони табарзин бар дӯш
Ба сӯи пир давиданду ба мушту силӣ
Бикашиданд зи дарбор ӯро.
Бенаво моҳигир
Буд наздик, ки аз даст диҳад ҳастии хеш.
Ҳама аҳли дарбор
Бо тамасхур гуфтанд:
«Пирмарди аблаҳ,
Шоҳбону ба сазовор туро кайфар дод,
То ба ёдат бошад,
К-аз гилемат нанихӣ пой фаротар дигар».

Чанд рӯзе сипарӣ шуд,
Гашт афзуда ғурури зани пир.
Деги ҳирсу ҳавасаш
Боз дар ҷӯш омад,
Дод дастур, ки то шавҳари бадбахташро
Ҳар куҷо ҳаст, ба дарбор оранд.
Ҳоҷибони даргоҳ
Пири бечора бибурданд бар дарбор ба зӯр.
Шоҳбонуи аҷуз
Гуфт бо хашм ба сайёди нагунбахти забун,
Ки бирав боз ба дарёву ба он моҳӣ гӯй
Зани ман мехоҳад
Ин ки шаҳбонуи гетӣ бошад,
Хостор аст, ки фармондеҳи офоқ шавад

Ва ту, эй моҳии заррина, канизаш бошӣ!

Пирмард аз тарс
Ба сӯи баҳр шитофт,
Моҳии кӯчаки заррина
То ки огоҳ шуд аз омаданаш,
Сӯи соҳил бишитофт,
Гуфт:
«Эй пир, чӣ хоҳӣ аз ман?»
Пири моҳигир
Сар фурӯд овард
Гуфт:
«Эй бонуи моҳиҳо,
Ман намедонам бо ин зани нафриншуда дигар чи кунам.
Вопасин орзуи ӯ ин аст,
Ки бар офоқ биронад фармон
Ва ту, эй моҳии заррина, канизаш бошӣ».
Моҳии кӯчаки заррина дигар ҳич нагуфт
Ва фурӯ рафт дар об.
Пирмарди сайёд
Чашм дар роҳаш
Муддате бар лаби соҳил бинишаст.
Лек аз моҳии заррина дигар
Хич посух нашунид.
Дил пур аз тарс ба суи зани худ роҳӣ шуд,
Ногаҳон дид ҳамон кулбаи деринаашон
Боз гардида падид,
Пирзан бар дари он биншаста
Ва ҳамон ташти куҳан
Дар баробар дорад.

***Тарҷумаи Восифи Бохтарӣ***

# Алфонс Доде



# Асрори Корнил - бобо

Найнавози пир Франсе Мамай гоҳ-гоҳ назди ман меомад ва сари як қадаҳ шароб дуру дароз то дили шаб менишастем. Вай шаби гузашта қиссаи худро аз таърихи деҳаамон нақл кард, ки бист сол пеш осиёби ман шоҳиди он будааст. Қиссаи мӯйсафед ба ман таъсир кард ва ман кӯшиш мекунам, онро тавре, ки аз худаш шунидам, ба шумо расонам. Як лаҳза тасаввур кунед, хонандагони азиз, шумо дар назди кӯзаи шароби хушбӯй нишастаед ва як найнавози солхӯрда сухан мегӯяд: «Замини мо, хоҷаи ман, на ҳамеша мисли имрӯза бедолу дарахт ва ҷои камодам буд. Замоне осиёбонҳо дар ин ҷо ба тиҷорати бузург машғул буданд; мардум аз тамоми минтақаҳои атроф, аз хоҷагиҳои деҳқонӣ даҳҳо фарсахро тай карда, барои орд кардан ба ин ҷо гандум меоварданд. Ҳамаи теппаҳои атрофи деҳа бо осиёбҳои бодӣ пӯшида шуда буданд. Ҳам аз рост ва ҳам аз чап, танҳо он чиз аён буд, ки чӣ гуна болҳо аз таъсири шамол зери дарахтони санавбар чарх мезаданд ва сафи харҳо бо халтаҳои пурбор, қад – қади роҳҳо боло ва поён мефаромаданд, тамоми ҳафта дар баландӣ шунидани садои қамчинҳо, ғалоғулаву шавқун ва чу-чу гӯён фарёд задани ёрдамчиёни осиёбонҳо ба дилҳо шодӣ меовард. Рӯзҳои якшанбе мо гурӯҳ- гурӯҳ шуда ба осиёбҳо мерафтем. Дар баландӣ, осиёбонҳо бо шароби мускат зиёфат меоростанд. Занҳои осиёбон бо рӯймолҳои тӯрӣ ва салибҳои тиллоӣ монанди маликаҳо зебо буданд. Ман найи худро бо худ мебурдам ва то як поси шаб рақсу оҳанг қатъ намешуд. Ин осиёбҳо чӣ хеле, ки шумо мебинед шодию фараҳ ва боигарии сарзамини мо буданд.

Мутаассифона, фаронсавиёни Порис дар фикри бунёди осиёбҳои буғӣ дар роҳи Тараскон шуданд. Ҳар чӣ бошад кӯзаи наву оби хунук! Ҳамин тавр, мардум ба сӯи осиёбҳои буғӣ кашондани ғалладонаро шурӯъ карданд ва осиёбҳои бечораи бодӣ дигар коре надоштанд. Чанд муддат онҳо кӯшиш карданд, ки бо онҳо дар рақо-

бат бошанд, аммо осиёи буғӣ ғолиб омад ва осиёбҳои бодӣ паси ҳам дарҳои худро пӯшиданд... Дигар омадану рафтани харҳо ба назар намерасид ... Занҳои осиёбони зебо салибҳои тиллоии худро фурӯхтанд. Шароби мускат куҷо!.. Дигар на рақс буду на оҳанг !.. Шамол бар абас мевазид , болҳо шах шуда монданд... Ва он гоҳ як рӯзи хуб сокинони маҳал тасмим гирифанд, ки тамоми осиёбҳоро вайрон карда, ба ҷои онҳо токзор ва дарахтони зайтун шинонанд.

Аммо як осиёб аз вайроншавӣ наҷот ёфт ва сарфи назар аз ҳама осиёбҳо дар теппаи худ барқасди дигар осиёбҳо дар пеши чашми осиёбонҳо далерона давр мезад. Ин осиёби бобои Корнил буд, ҳамин осиёбе, ки мо ҳоло шомро гузаронида истодаем. Бобои Корнил осиёбони пир шаст соли умри худро бо орду гандум гузаронидааст ва кори худро аз ҳад зиёд дӯст медошт. Пайдо шудани осиёбҳои буғӣ мӯйсафедро аз ақл бегона кард. Давоми як ҳафта ӯ дар атрофи деҳа давида, мардумро ба шӯр меовард ва мехост исбот кунад, ки онҳо музофотро бо орди осиёбҳои буғӣ заҳролуд карданианд. «Ба он ҷо наравед, - мегуфт ӯ, - ин ғоратгарон барои орд кардани ғалладона аз буғ истифода мебаранд , ки он ихтирои шайтон аст ва ҳол он ки боди осиёби ман нафаси Худо аст ...». Вай дар ситоши осиёби бодӣ калимаҳои зебо ёфта онро ситоиш мекард, аммо ҳеҷ кас ба гапи ӯ гӯш намедод. Сипас, пирамард аз ғазаб худро ба осиёби худ маҳкам кард ва дар он ҷо мисли ҳайвони ваҳшӣ танҳо зиндагӣ кард. Ҳатто нахост наберааш Виветта, духтари понздаҳсолае, ки пас аз марги волидонаш дар ин дунёи бузург ба ҷуз бобояш каси дигаре надошт, бо худ нигоҳ дорад. Духтараки бечора маҷбур буд, ки зиндагии худро пеш барад ва ҳангоми дарав, ҷамъоварии пилла ё зайтун, ба ӯ лозим меомад, ки дар ин ё он ферма кор кунад. Ба ҳар ҳол ба назар чунин менамуд, ки бобо ӯро хеле дӯст медорад. Бисёр вақт чунин мешуд, ки муйсафед зери офтоби сӯзон пои пиёда масофаи чор милро тай карда ба ферма барои дидани наберааш мерафт ва дар он ҷо соатҳо аз духтарак чашм намеканд ва гиря мекард...

Мардумон гумон мекарданд, ки осиёбони пир аз рӯи хасисӣ Виветтаро пеш кардааст. Муйсафедро барои он маҳкум мекарданд, ки ба духтарак ичозати дар хоҷагиҳои деҳқонӣ кор карданро додааст. Ӯ бояд ба дағалии хуҷаинон тоб оварда, бадбахтиҳои зиёдеро, ки насиби ҷавонони хизматгор мегардад аз сар гузаронад. Онҳо инчунин хуб намедонистанд, ки чунин шахси мӯҳтарам, ба монанди бобои Корнил, ки пештар ба худ ҳурмату эҳтиром хосе дошт, акнун дар кӯчаҳо монанди ҷӯгиҳои ҳақиқӣ пойлуч, бо сарпӯши сӯрохидор ва камарбанди дарида қадам мезанад. Бояд бигӯям, ки рӯзҳои якшанбе, вақте ки ӯ ба калисо меомад, мо пиронсолон, аз дидани ӯ дар хиҷолат мемондем ва Корнил инро комилан ҳис мекард ва ҷуръати дар курсӣ нишастан намекард. Вай ҳамеша дар дарунтари калисо, дар назди зарфи оби табаррукдор ҳамроҳи гадоён меистод. Дар зиндагии бобо Корнил чизҳое буданд, ки барои дигарон асроромез буд. Дер боз сокинони русто ба осиёби ӯ гандум наоварда буданд, аммо болҳои осиёби бодии бобои Корнил ҳамоно мисли пештара давр мезад.

Шабҳо осиёбони пирро дар роҳҳо медиданд, ки хари худро бо халтаҳои пур аз орд ҳай карда мебурд.

– Шом ба хайр, бобои Корнил! –Садо мекарданд деҳқонон. Осиёб мисли ҳарвақта кор карда истодааст?

– Мисли пешин, фарзандонам,-масрурона посух медод бобои Корнил.- Худоро шукр, ки бе кор намемонем.

Ҳамин тавр агар аз ӯ мепурсиданд, ки ин қадар фармоишро аз куҷо пайдо мекунад, вай ангушти худро ба лабҳояш гузошта ба таври ҷиддӣ посух медод:

– Хомӯш! Ман барои содирот кор мекунам ...

Дигар аз ӯ маълумот гирифтан ғайриимкон буд.

Дар ин бора аз ӯ пурсидан маъное надошт.

Ҳатто наберааш Виветта низ иҷозати ба он ҷо даромадан надошт. Ҳар касе, ки аз назди осиёб мегузашт медид, ки дари он ҳамеша баста, болҳои азим ҳамеша чарх мезананд, як хари пир алафҳои

ҳавлиро мехӯрд, дар назди тиреза гурбаи калони лоғаре дар офтоб нишаста ба роҳгузарон бо чашми бад менигарист.

Ин асроре дошт, ки боиси гуфтугӯиҳои зиёд шуд. Ҳама ба тариқи худ асрори бобои Корнилро донистан мехостанд. Воқеан, овозае паҳн шуд, ки дар осиёб халтаҳои тилло аз халтаҳои орд зиёдтаранд. Дар ниҳоят кор ҳамааш ошкор шуд:

Дар як рӯзи хуб ҳангоме, ки ҷавонон зери навои най мерақсиданд, пай бурдам, ки писари калониам ва Виветта ба ҳамдигар ошиқ шудаанд. Рости гап, ман хушҳол шудам: охир, ҳар чӣ мегӯед, мо Корнилро эҳтиром мекардем. Ман низ аз дидани чунин гунҷишкаки зебое мисли Виветта дар хонаам хушҳол мешудам. Ошиқон зуд-зуд вомехӯрданд, ман аз ин метарсидам, ки ягон чиз рӯй медиҳад аз ин рӯ қарор додам, ки ба осиёб рафта бо ду калима масъаларо дар ҳамон ҷо бо бобо ҳал кунам... Ҳа, ӯ ҷодугарест солхӯрда! Мебинем, ки чӣ тавр ӯ маро қабул хоҳад кард! Ягон имконияте набуд, ки ӯро ба кушодани дар водор кунонад. Ман аз сӯрохии дар сабаби омаданамро фаҳмондам, ки чӣ гап аст ва ҳама вақт ҳангоми сухангӯии ман , гурбаи лоғаршудаи ӯ дар болои сари ман мисли шайтон ғавғо мекард.

Мӯйсафед ба ман имкон надод, ки суханамро тамом кунам ва дағалона маслиҳат дод, ки ба хубӣ баромада ба хона ба назди найи худ баргардам; модом ки дар хонадоркунии писарам шитоб дорам метавонам ба осиёбҳои буғӣ рафта барои ӯ арӯс ҷӯям. Бовар мекунед, ки аз ин гуна гуфтори бад хун ба сарам давид, аммо ман то ҳол ба қадри кофӣ оқил будам ва худро нигоҳ доштам. Пирамарди девонаро дар осиёби худ гузошта, ба хона баргаштам ва ба кӯдакон аз нокомии худ хабар додам. Берӯзиҳо ба ин бовар кардан намехостанд; онҳо илтимос карданд, ки ман иҷозат диҳам, то якҷоя ҳар дуи онҳо ба осиёб рафта бо бобо сӯҳбат кунанд ... Ман ҷуръати рад кардан надоштам! Ана дилдодаҳои мо дилдодаҳо ба сӯи пирамард равон шуданд.

Вақте ки онҳо ба болои теппа баромаданд, бобои Корнил нава-

как аз осиёб баромада рафта буд . Дари осиёб бо ду ҳалқа маҳкам буд; аммо пирамард ҳангоми баромада рафтан зинапояро рӯи ҳавлӣ фаромӯш карда буд ва дар фикри кӯдакон андешаи ба тиреза баромадану дидани чизҳои дохили ин осиёби машҳур пайдо шуд...

Аҷабо ! Ҳуҷраи санги осиёб холӣ буд. На халта, на дони гандум, на гарде орд дар деворҳо ва дар торҳои анкабут. Ҳатто як бӯи хушу гарми орди гандумӣ , ки хоси тамоми осиёбҳо аст, эҳсос карда намешуд ... Дули осиёбро чанг зер карда буд ва он гурбаи хеле лоғар дар он мехобид.

Дар ҳуҷраи поёнӣ низ харобии нафратовар ба назар мерасид: кати шикаста, латтаҳо, нонрезаи хушк дар зинапоя, дар гӯшае сечор халтаи сӯрохшуда, ки аз онҳо шағал ва оҳак мерехт.

Ин аст, асрори бобо Корнил! Вай ин партовҳоро шомгоҳон бо осиёб меовард, то обрӯи осиёби худро наҷот диҳад. Одамонро бовар кунонад, ки ӯ орд мекунад! Осиёбони бечора! Корнили бечора! Чанде пеш корхонаҳои орд мизоҷони охирини ӯро кашида гирифтанд. Болҳо давр мезаданд, аммо санги осиёб бекор буд.

Бачаҳо гирякунон ба хона омада, чизҳои дидаашонро ба ман гуфтанд. Бо шунидани ин суханҳо дилам аз ғусса пур шуд ... Ман як дақиқа вақтро аз даст надода, ба сӯи хонаи ҳамсояҳо давидам ва ҳама чизро ба таври мухтасар ба онҳо гуфтам. Мо қарор додем, ки фавран тамоми гандумҳои дар хона доштаамонро ба осиёби бобои Корнил барем... Тамоми деҳа ба роҳ баромад ва мо бо қатори харҳои пур аз гандум ба боло баромадем–ин дафъа бо ғалла!

Дарҳои осиёб васеъ кушода... Бобои Корнил дар остонаи дар болои халтаи партов нишаста гиря мекард , рӯяшро бо дастонаш маҳкам пӯшонида буд. Пас аз бозгашт, ӯ пай мебарад, ки дар набудани ӯ касе ба осиёб даромада сирри ӯро ошкор кардааст.

– Ман бадбахту берӯзиам! Мегуфт вай.– Акнун ман ба ҷуз мурдан чораи дигар надорам... Осиёб беобрӯ шуд...

Ва ӯ чунон гирист, ки дили кас об мешуд, осиёби худро бо ҳар гуна номҳо садо мекард, гӯё ӯро мешунида бошад.

Дар ин лаҳза харҳо ба назди осиёб расиданд ва мо ба овози баланд мисли даврони пешин фарёд задан гирифтем:

- Ҳой, кӣ дар осиёб аст! .. Ҳой, бобои Корнил!

Ва акнун халтаҳоро дар назди дар ҷамъ карданд ва донаҳои зарди гандум аз ҳар сӯ ба замин меафтид ...

Бобои Корнил чашмонашро калон кушод. Ӯ гандумро ба кафи даст гирифта ба дидагонаш молид ва такрор ба такрор механдиду мегирист:

- Гандум! .. Худои ман! Гандуми воқеӣ ! .. Маро гузоред онро ба сери бинам.

Пас ба мо рӯ овард:

- Оҳ, ман инро медонистам, ки шумо ба назди ман меоед! Ҳамаи он осиёбонҳо қаллобанд.

Мо хостем, ки ӯро бо тантана ба деҳа барем.

- Не, не, бачаҳо, дар аввал ман бояд ба осиёб хӯрок диҳам ... Фикр кунед! Дер боз заррае хӯрок ба даҳон набурдааст!

Ва дар чашмони ҳамаи мо ашк пайдо шуд вақте дидем, ки пирамард ин тарафу он тараф медавиду халтаҳоро холӣ мекард, санги осиёбро ҳангоми орд кардан назорат мекард то он даме, ки чанги орд ба сӯи шифт боло мешуд.

Ба қадри хизмати мо мерасанд: аз он рӯз сар карда, мо ҳеҷ гоҳ осиёбони пирро бе кор нагузоштем. Пас, як саҳар, бобои Корнил мурд ва болҳои осиёби охирини мо аз чарх задан монд , ин дафъа то абад ... Корнил мурд ва касе ӯро иваз накард! Шумо чӣ кор карда метавонед, ҷаноб! .. Ҳама чизро дар рӯи замин анҷом аст, кас бояд фикр кунад, ки айёми осиёбҳои бодӣ гузаштааст, ба монанди айёми қаиқҳои калони боркаш дар Рона, судҳои шоҳон ва камзӯлҳои рангоранг.

***Тоҷиддин Муҳиддин.***
***Омӯзгори калони кафедраи забони фаронсавӣ.***

# Алфонс Доде



## Марги Дофин

Дофини хурдакак бемор аст. Дофини хурдакак мемирад… Дар тамоми калисоҳои қаламрави шоҳигарӣ маросими дуогӯӣ шабу рӯз идома дошт, шамъҳои калон бо умеди шифоёбии писари шоҳ фурӯзон буданд. Кӯчаҳои шаҳри қадима ғамзадаву хомӯш, зангулаҳо

садо намедоданд, фойтунҳо ҳаракат намекарданд… Дар даромадгоҳи қаср бошандагони шаҳр кунҷковона аз панҷараҳо ба посбонони саҳни қаср саргарми сӯҳбат буданд, нигоҳ мекарданд. Тамоми қаср ба шӯр афтода буд…

Камергерҳо ва дарбориён шитобон бо зинапояҳои мармарин рафтуомад доштанд… Долонҳои қаср аз маҳрамони дарбор ва хизматгорони атласпӯш, ки аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар рафта бо овози паст аз хабарҳои нав маълумот медоданд, пур буд.

Дар айвончаҳои кушод бонувони дарбор бо камоли эҳтиром сари дупо нишаста, чашмони ашкборашонро бо даструймолчаҳои шероздор пок мекарданд. Дар гармхона ассемблеяи зиёди табибони хилъатпӯш маҷлис ороста буданд. Мураббӣ ва аспбони Дофини хурдакак назди дар мунтазири қарори табибон буданд. Ошпазҳо даст ба сандуқи дил наниҳода шитобон аз назди ҳозирин мегузаштанд. Ҷаноби аспбон мисли фойтунчӣ дашном медод, ҷаноби мураббӣ шеърҳои Ҳорасро қироат мекард….

Ва дар ҳамин вақт аз ҷониби саисхона шиҳакашии дуру дароз ва аламноке шунида шуд. Ин тойчаи Дофини хурдакак мебошад, ки аспбонон нигоҳубини ӯро фаромӯш карда буданд ва асп назди охури холӣ ғамгинона шиҳа мекашид.

Волоҳазрат шоҳ дар куҷост?.. Шоҳ тани танҳо дар яке аз хонаҳои канори қаср дарро ба рӯи худ бастааст. Шоҳон дӯст намедоранд, ки касе ашки онҳоро бинад.

Барои малика, тамоман акси ҳол. Ӯ сари болини Дофини хурдакак нишастааст, чеҳраи зебояш зери ашк ва дар назди ҳама бо овози баланд монанди бофандазан зор–зор мегирист. Дар бистари сернақшу нигор Дофини хурдакак бо чеҳраи аз болишт ҳам сафедтар бо чашмони пӯшида оромона дароз кашидааст.

Ба назар чунин менамуд, ки ӯ хоб аст, аммо не! Дофини хурдакак хоб нест… Ӯ сӯи модараш дубора бо меҳр нигоҳ карда дид, ки вай мегиряд. Аз ӯ пурсид:

– Бону малика чаро шумо гиря мекунед? Оё шумо самимона бо-

вар мекунед, ки ман мемирам?

Малика хост ҷавоб диҳад. Гиря ӯро гулӯгир кард.

– Лутфан ашк нарезед, бону малика. Шумо фаромӯш кардед, ки ман валиаҳд ҳастам ва валиаҳдҳо набояд чунин бимиранд...

Малика бо тамоми овоз фиғон баровард ва Дофини хурдакак ба воҳима афтод.

– Ором, гуфт-вай, ман намехоҳам, ки марг барои гирифтани ҷонам биёяд. Ман ӯро ба ин ҷо нахоҳам гузошт...

Зуд дар атрофи ҷойхоби мо чил сарбози ҷангии кирояро барои посбонӣ омода созед! Бигзор дар зери тирезаҳои мо шабу рӯз сад тӯп бо пилтаҳои оташафрӯз дар ҳолати омодабош нигоҳ дошта шавад! Ва вой ба ҳоли марг, агар вай ҷуръати ба мо наздик шудан кунад!.. Ба хотири фарзанди шоҳ, малика амр дод. Дарҳол аз саҳни қаср садои чархҳои тӯпҳои бузург шунида шуд. Чил марди ҷангӣ бо найзаҳои оҳанин дар атрофи ҳуҷра саф оростанд. Инҳо сарбозони солхӯрдаи ришсафед буданд. Дофини хурдакак бо дидани онҳо ба қарсакзанӣ даромад. Яке аз онҳоро ӯ шинохт ва садо кард:

– Лоран! Лоран!

Сарбоз қадаме ба сӯи ӯ гузошт:

– Ман туро бениҳоят дӯст медорам, дӯсти деринам Лоран…

Шамшери бузургатро каме намоён ку... Агар марг қасди ҷони ман кунад ӯро ҳатман бояд кушт, ҳамин тавр не?

Лоран ҷавоб дод:

– Бале, аълоҳазрат...

Ва дар рухсораҳои шамолхӯрдааш ду қатра ашки калон ҷорӣ шуд.

Дар ҳамин вақт кашиши дарбор ба Дофини хурдакак наздик шуд ва салиберо ба ӯ нишон дода, бо овози паст дуру дароз бо вай сухан гуфт. Дофини хурдакак ҳайратангезона гӯш кард ва баъд ногаҳон сухани ӯро бурид:

– Ман он чӣ шумо гуфтед хуб фаҳмидам ҷаноби кашиш. Гуфтагӣ барин оё дӯсти хурдакаки ман Бепо метавонад ба ҷои ман бимирад, агар ба ӯ пули зиёд диҳем?..

Кашиш бо овози паст насиҳатомез суханшро давом медод ва чеҳраи Дофини хурдакак боз ҳам мушавваш мегашт. Ҳангоме ки кашиш суханашро тамом кард , Дофини хурдакак оҳ кашида гуфт:

– Он чӣ шумо гуфтед хеле ғамангез аст, ҷаноби кашиш, аммо як чиз маро тасаллӣ медиҳад, ки дар олами боло, дар биҳишти пурситора ман шохзода хоҳам монд…

Ман медонам, ки худои бахшандаву меҳрубон аз табори ман аст ва маро мувофиқи мартабаам ҷой хоҳад дод.

Баъд ба сӯи модараш рӯ оварда илова кард:

–Бигзор либосҳои расмӣ, хилъати сафеди қоқумӣ ва кафшҳои махмалинамро биёранд! Ман меҳоҳам дар назди фариштагон дилкашу зебо бошам ва ба биҳишт дар либоси шоҳзода ворид шавам.

Бори сеюм кашиш хам шуда дуру дароз бо оҳанги нарм бо ӯ сухан гуфт… Дар миёнаҷои нутқи ӯ, шоҳзода хашмгинона сухани ӯро бурид.

– Дар он сурат, шоҳзода будан бо чӣ мақсад аст?

Дофини хурдакак дигар майли шунидани сухани касе надошт, руяшро сӯи девор кард ва аламнок гирист.



***Тарҷумаи Абдулов Толибҷон***
***Донишҷӯи соли 4-уми факултети романӣ-германӣ.***
***Гурӯҳи 412***

# Ёван Вердил

# Пирамард ва духтари хурдсол



Пирамард ба сайри ҳаррӯзаи худ баромад. Вай асои дӯстдоштаашро гирифта, аз рӯи одат кулоҳашро аз пешониаш ба поён кашид. Ӯ бо мӯйҳои сафеду дарози номураттаб ва мӯйлабҳои кӯтоҳкардааш симои ҷиддӣ ва дағал дошт. Ҷомаи танаш аз давраи ҷавониаш, ки он замон муд буд, боқӣ монда, дар пой музаҳои вазнини низомӣ дошт. Вай тақрибан 10-сол боз дар деҳа зиндагӣ мекард ва ба назар чунин менамуд, ки ҳатто касе номи ӯро намедонад. Вақте хурдсолон аз пеши ӯ мегузаштанд, ба ҳолаш механдиданд. Куҳансолон дар ғайбаш роҷеъ ба ӯ қиссаҳо мекарданд, ӯ инро медонист, вале парво надошт. Шиораш чунин буд.

Аммо ба ин гурги танҳо як духтарчае, ки дар ҳавлии шафати маъмурияти шаҳр зиндагӣ мекард, таваҷҷӯҳ дошт. Пирамард ҳар рӯз пеш аз сайру гашти худ ба майдонҳо аз пеши хонаи ӯ мегузашт. Духтарак ҳар дафъа ӯро интизор мешуд.

Духтарча дар арғунчаки худ бесаброна интизори хӯроки шом буд ва пирамардро бо табассуми зебо салом дода, дасташро сӯи ӯ сахт афшонд. Модараш ҳар рӯз исрор меварзид, ки бо бегонагон сӯҳбат накунад, аммо духтарча инро қабул надошт. Пирамардро бегона намеҳисобид, мегуфт марди ғамгин аз кӯчаи муқобил аст.

Марди зоҳид дар аввал ба духтарча аҳамият надод, вале андешае ӯро ба ташвиш овард. Баъд ӯ тадриҷан ба сӯи духтарча ҳаракат карда шармгинона дар ҷавоби духтарча даст бардошт. Он рӯз ҳодисае рух дод, ки гашти маъмулии ӯро халалдор кард. Курсии пластикии арғувонии кӯдаконае дар беруни боғ ва як шиша об дар паҳлуи он гузошта шуда буд. Шишаи об ба девор такя дода шуда буд ва вақте духтарча пирамардро мушоҳида кард, ӯро бо ишораи дастонаш эҳтиёткорона ба назди худ хонд. Духтарча аз ӯ чизи ҷиддие намехост.

Бо вуҷуди ин пирамард одати вайрон кардани реҷаи худро надошт ва бо дили нохоҳам ба ӯ наздик шуд. Пас аз расидан ба масофаи имкони суҳбат, духтарча ба пирамард гуфт, ки нишинад ва бинӯшад. Пирамард ба суханони духтарча итоат карда бо диққат ба хотири нашикастани курсӣ бо эҳтиёт нишаст ва ҳарчанд ташна набуд, шишаи навро кушода, як ҷуръа об нӯшид то ҳамсуҳбати худро нороҳат накунад. Баъд пирамард аз духтарча пурсид, ки чаро чунин кард? Духтарча ҷавоб дод: метарсам, ки аз ин қадар роҳ рафтан хаста мешавед ва мебояд, ки доим об нӯшед, зеро модарашм доим ба ман хотиррасон мекунад, ки об нӯшам.

Дар охир пирамард ба ӯ гуфт, ки ту бояд ба назди модарат биравӣ. Пирамард намехост ба ӯ халал расонад.

Он гоҳ духтарак гуфт, ки модараш ба харид кардан рафтааст ва муҳим ин аст ки пирамард ба ӯ ҳодисаи дар ин ҷо рӯй додаро нагӯяд. Пирамард бо дили нохоҳам розӣ шуда, баромада рафтанӣ буд, ки духтарча ба вай савол дод: “Чаро шумо

зиштрӯй ҳастед”. Пирамард лаҳзае хомӯш монд ва дар ҷавоб гуфт ки ба он хотир зиштрӯй аст, то ин ки ба вай касе наздик нашавад. Аз нигоҳи ғарқшудаи пирамард, духтарча ногаҳон ба хандаи шадид фуру рафт. Вай ба мисли бемории сирояткунанда эҳсосоти шодии худро ба пирамард расонд, пирамард пеш аз ҳамроҳ шудан ба хандаи духтарча аз хурсандии беандоза ба табассум сар кард. Пас аз чанд дақиқа духтарча ба хона баргашт, то телевизор тамошо кунад, аз ин рӯ пирамард барои ба итмом расондани гашти худ рафт, вале қабурғаҳояш ҳанӯз аз хандаи сахт дар мекарданду ба мушкилӣ ба пеш ҳаракат мекард. Аммо бори аввал дар муддати тӯлонӣ пирамард бесаброна мунтазири фардо гашт.



***Тарҷумаи донишҷӯи курси 4-уми шуъбаи забони франсавӣ Шукуров Азамат***

# Аз “ФАУСТ”-и Гёте

*Офаридгор:*
*Боғбон чун парваронад як ниҳол,*
*Хуб донад ҳосилашро аз маол.*

***

*Арчи каҷраҳ гаштааст инсони нек,*
*Боз баргардад ҳамон бар роҳи рост.*

***

*Мефистофел (аҳриман):*
*Як заррае з-он иқтидор,*
*Ки бадӣ ройи вай асту лек некиҳо ба кор.*

***

*Ҳамадон арчи наям, кофӣ вале дорам савод.*

***

*Худ ар набудам Аҳриман,*
*Медодамаш ин руҳу тан!*

***

*Фауст:*
*Бо ҳама ин илму донишу сабақ*
*Будаму ҳастам ҳамоно аҳмақ!*

***

*Вагнер:*
*Бас ба рағбат кардаам таҳсилу лекин ин замон,*
*Гарчи доноям, ҳамон хоҳам, ки бошам ҳаммадон.*

*Йоахим Рингелнатс*
*Ҳамвора гӯянд одамон:*
*Расво шудастӣ ин ҷаҳон.*
*Ҳамвора будӣ ин ҷаҳон.*
*Расво шудастӣ одамон.*

***Аз забони олмонӣ тарҷумаи***
***Ф. Одинаев***



# Ҳамиди МУСАДДИҚ

Ҳамиди Мусаддиқ баҳмани соли 1318 дар Шаҳрзо ба дунё омад. Чанд сол баъд ҳамроҳи хонаводааш ба Исфаҳон рафт ва таҳсилоти худро дар он ҷо идома дод. Ӯ дар дабиристон бо чеҳраҳои дурахшони адаб ба мисли Ҳушанги Гулширӣ, Муҳаммад Ҳуқуқӣ, Баҳром Содиқӣ дар як донишгоҳ машғули тадрис буданд. Мусаддиқ дар соли 1339 вориди донишгоҳи ҳуқуқ шуд

ва онро бомуваффақият хатм намуд. Ӯ таҳсилро дар ин ришта идома дод ва унвони илмиро низ ба даст овард. Сипас дар донишгоҳи Улуми иртиботот дар Теҳрон ба донишҷӯён дарс мегуфт.

Ӯ дар 7-уми озармоҳи соли 1377 бар сари бемории қалбӣ (сактаи дил) дар синни 58-солагӣ дар бемористони Теҳрон даргузашт.

Осори чанд шоири форсу тоҷикро ба чоп таҳия намудааст. Инчунин аз ӯ чанд асари илмӣ ва маҷмӯаҳои ашъор низ ба мерос мондаанд:

1. Дирафши ковиён
2. Обӣ, хокистарии сиёҳ
3. Дар раҳгузари бод
4. Аз ҷудоиҳо
5. Солҳои сабурӣ
6. То раҳоӣ
7. Шери сурх
8. Рубоиёти Мавлоно
9. Ғазалҳои Саъдӣ
10. Шукӯҳи шеъри Шаҳриёр
11. Ғазалҳои Ҳофиз
12. Муқаддимае бар равиши таҳқиқ
13. Маҷмӯаи қавонини тиҷорат

Ӯ яке аз шоирони соҳибном ба шумор рафта, ашъораш лабрез аз ишқ ва ситоиши он аст. Инчунин ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ низ дар шеъраш ёд мекунад. Ашъори ӯ бо содагӣ, зебоӣ, латифу равон буда, мисли чашма ташнагони шеърро шодоб мегардонад.

## *«СЕБ»*

Ту ба ман хандидӣ
ва намедонистӣ,

ман ба чӣ дилхӯра аз боғчаи ҳамсоя
себро дуздидам.

Боғбон аз паси ман тунд давид,
себро дасти ту дид,
ғазаболуда ба мо кард нигоҳ,
себи дандонзада аз дасти ту афтод ба хок
ва ту рафтиву ҳанӯз,
солҳо ҳаст, ки дар гӯши ман ором,
ором,
хиш-хиши гоми ту такроркунон,
медиҳад озорам

Ва ман андешакунон,
ғарқи ин пиндорам
Ки чаро
 - хонаи кӯчаки мо себ надошт.

Хурдод 43

***

Гирам, ки оби рафта ба ҷӯ ояд,
Бо обрӯи рафта чӣ бояд кард?

## ЯК РУБОӢ

З-он лаҳза, ки дида бар рухат во кардам,
Дил додаму шеъри ишқ иншо кардам.
Не, не, ғалатам, куҷо сурудам шеъре,
Ту шеър сурудиву ман имзо кардам.

## ШОҲБАЙТ

Ман надонам, ки киям,
ман фақат медонам,

ки туӣ
шоҳбайти ғазали зиндагиям.

## ХУДШИКАН

Ин марди худпараст
ин дев, ин раҳо шуда аз банд
масти маст,
истода рӯбарӯи ману
хира дар ман аст.

гуфтам ба хештан,
оё тавони растанам аз ин нигоҳ ҳаст?
Муште задам ба синаи ӯ,
ногаҳон дареғ,
Оинаи тамомқади рӯнамо шикаст.

## БОРОН

Вой борон, борон,
шишаи панҷараро борон шуст,
аз дили ман аммо,
- чӣ касе нақши туро хоҳад шуст?
осмон сурбиранг,
ман даруни қафаси сарди утоқам дилтанг…
Ман шукӯфоии гулҳои умедамро дар руъёҳо мебинам,
Ва нидое, ки ба ман мегӯяд:
«Гарчӣ шаб торик аст,
Дил қавӣ дор,
Саҳар наздик аст»…

## БОЗ КУН ПАНҶАРАРО

Дар саҳаргоҳ сар аз болиши хобат бардор!
Корвонҳои фурӯмондами хоб аз чашмат берун кун!
Боз кун панҷараро!

Ту агар боз кунӣ панҷараро,
ман нишон хоҳам дод,
ба ту зебоиро…

Боз кун панҷараро,
Ман туро хоҳам бурд;
Ба арӯсии арӯсакҳои
кӯдаки хоҳари хеш;
ки дар он маҷлиси ҷашн
сӯҳбат нест зи доройи домоду арӯс,
сӯҳбат аз содагиву кӯдакӣ аст.
Чеҳрае нести абус.
Кӯдаки хоҳари ман
дар шаби ҷашни арӯсии арӯсакҳои хеш мерақсад,
кӯдаки хоҳари ман,
импературии пурвусъати худро ҳар рӯз,
Шавкате мебахшад…

***Таҳияи***
***Қурбонзода Насимбек***



# Раҳнавард ЗАРЁБ

Ҳафтсола будам. Ҳар рӯз, ки аз роҳ мегузаштам, аккоси (суратгири) пиреро медидам, ки камраи (камераи) рангу рӯ рафтаашро дар пиёдарав, наздики девор гузошта аст ва худаш ҳам рӯи замин нишаста чурт (ҳолати байни хоб ва бедорӣ) мезанад. Камраи ӯ чизе сандуқчамонанде буд, ки се то пояи дарозе дошт. Як тарафи ин сандуқчаи сӯрохи шишадоре буд, ки ҳамеша бо кулоҳгаки (кулоҳи хурд) коғазии сиёҳ пӯшида мебуд. Рӯбарӯи ин сӯрохи як килкинча (дарича, ин ҷо манзур даричаи асбоби аккосӣ) қарор дошт.

Ба тарафи рости сандуқча порчаи сиёҳи остинмонанде овезон буд.

Гоҳ-гоҳе медидам, ки аккоси пир кор мекунад–акси касеро мегирифт–дар чунин авқот марде, ки мехост аксаш гирифта шавад, наздики девор, ҷилӯи пардаи сиёҳе рӯи чавке (курсии чорпоя) менишаст. Аккоси пир чашмҳояшро ба килкинча мегузошт. Кӯлоҳгаки коғазиро аз рӯи сӯрохи шишадор мебардошт ва дар ин ҳол ба марде, ки мехост аксашро бигирад, мегуфт:

Саратро баланд бигир…каме пойин…не, не. Каме боло…дасти маро бубин…хуб, ҳамин тавр бош….

Ман бо ҳайрати тамом корҳои ӯро менигаристам ва бо худ мегуфтам:

– Дар байни ин сандуқча чӣ хоҳад буд?

Ҳар чи фикр мекардам ҳеч ҷавобе наметавонистам ба худам бидиҳам.

Вақте чанд лаҳза баъдтар медидам, ки аккоси пир коғази мартуберо (рутубатнок, намнок) берун мекашад ва рӯи ин коғаз акси марде мебуд, ки чанд дақиқа пеш дар баробари сӯрохи шишадор қарор дошт, ҳайрат ва тааҷҷубам боло мегирифт.

Як рӯз пеши ин аккос рафтам ва пурсидам:

– Акси маро мегирӣ?

Аккоси пир лабханде зад ва ҷавоб дод:

– Чаро не.

Гуфтам:

– Чанд мегирӣ?

Пурсид:

– Нимтана бошад ё сар то по?

Ҷавоб додам:

– Сар то по.

Гуфт:

– Як қитъа бошад?

Гуфтам:

– Ҳо, як қитъа.

Гуфт:

Даҳ афғонӣ.

Аз он рӯз ба ҷамъ кардани пулҳоям шурӯъ кардам. Мехостам даҳ афғонӣ шавад то аксамро бигирам. Рӯзҳо тӯл кашид то таво-нистам ин пулро ҷамъ кунам. Билохира як рӯз захираам ба даҳ афғонӣ расид. Пулҳоро дар ҷайб кардам ва рафтам ба суроғи ак-коси пир. Вақте маро дид, мисли он ки мунтазирам буда бошад, пурисд:

– Омадӣ?

Пул ба ӯ додам ва гуфтам:

– Даҳ афғонист!

Бе он ки бишуморад, ба ҷайб карду гуфт:

– Хуб, ҳоло биё ин ҷо истода шав.

Ҷилӯи пардаи сиёҳ истодам кард. Кӯлоҳгаки сиёҳи сӯрохи ши-шадорро бардошт ва худаш чашмҳояшро ба килкинча ниҳод. Ба сӯрохи шишадор чашм дӯхтам. Шавқ дар дилам ғулғула мекард. Ба сахтӣ аз хандаам ҷилавгирӣ мекардам. Ба худам мегуфтам:

– Аксам гирифта мешавад…аксам…

Садои аккоси пирро шунидам:

– Ба тарафи чап бубин…не…камтар…тарафи рост…як зарра… бас.

Фикр мекардам:

– Ин аксам чи тавр хоҳад буд?

Аккоси пир гуфт:

– Поҳоятро наздик кун.

Дигар натавонистам аз ханда ҷилавгирӣ кунам. Лабҳоям боз шу-данд.

Аккоси пир гуфт:

–Ханда накун!

Лабҳоямро рӯи ҳам фишурдам.

Ҳамчунон ба сӯрохи шишадор чашм дӯхта будам ва ба сахтӣ аз хандаам ҷилавгирӣ мекардам. Овози аккосро шунидам:

– Такон нахӯрӣ!

Мисли муҷассама хушк истода будам. Аккоси пир чашмҳояшро аз килкинча бардошт ва килкинчаро басту сӯрохи шишадорро бо кӯлоҳгаки коғазӣ пинҳон кард. Баъд наздикам омад ва якбор саропоямро нигарист ва такрор кард:

– Такон нахӯрӣ!

Барои ин ки аз хандаам ҷилавгирӣ кунам, лабҳоямро бештар рӯи ҳам фишурдам. Аккос кӯлоҳгаки сиёҳро бардошт. Сӯрохи шишадор намоён гашт. Сипас дубора сӯрохро пинҳон кард ва гуфт:

– Халос шуд!

Нафаси роҳате кашидам. Дигар хандае вуҷуд надошт. Танҳо иштиёқи дидани акс диламро месӯхт. Саранҷом аксро бар коғазе печиду ба дастам дод. Чанд қадам дуртар бозаш кардаму беихтиёр хандидам:

– Худам будам. Ҳама чизаш аз ман буд. Чин, лунги (дастор) кӯчак, пайзорҳои (кафши қадимӣ) обгинӣ. Худамро медидам, ки истодаам. Лунгам каме боло рафта буд ва мӯҳои сарам маълум мешуд. Мисли аскарҳо рост истода будам ва лабҳоямро тавре рӯи ҳам фишурда будам, ки маълум мешуд ба сахтӣ аз хандаам ҷилавгирӣ мекунам. Дар ин ҳол дар чашмҳоям тааҷҷуб ва ҳайрат мавҷ мезад. Чапанам (куртаи дароз) дар танам дарозӣ мекард ва нуки пайзорҳоям вазъи музҳике дошт. Бо ин ҳама аз худам хушам омад.

Аксро дар ҷайбам андохтам ва давидам, ки биравам ба модарам нишон бидиҳам.

Дар хона ба модарам гуфтам:

– Акси худамро гирифтам!

Модарам гуфт:

– Бидеҳ бубинам.

Даст дар ҷайб кардам. Қалбам ба шиддат тапидан гирифт. Шояд ҳам рангам парид. Барои ин ки акс ҷое афтода буд. Модарам пурсид:

– Чаро?

Бидуни он ки чизе бигӯям, ба тарафи кӯча давидам. Роҳеро, ки омада будам, чандин бор ҷустуҷӯ кардам, аммо аксро наёфтам. Ба хона ки бозгаштам, гиряро сар додам. Баъд момоям омад ва гуфт:

– Парво надорад…ман аксатро мегирам…

Модарам сарамро шона зад ва либоси покизаамро пӯшонид. Момоям дастамро гирифт ва бурд то аксамро бигирад. Пеши аккоси пир нарафт. Гуфт:

– Акси барқӣ мегирем. Ба аккосхонаи маҷаллале бурдам. Аксамро гирифт. Дидамаш. Худам будам. Вале чанге ба дилам назад. Кайф надошт. Он аксе, ки гум карда будам, ҳамеша ба хотир доштам. Баъд солҳо гузашт, аксҳои зиёде гирифтам, аммо ҳеч кадом ба назарам мисли он акси аввалӣ зебо набудааст.

Ҳангоме, ки охирин сол мактабро мехондам, як рӯз дар маҷаллае чашмам ба аксе афтод. Такон хӯрдам. Акси худам буд. Ҳамон аксе, ки гумаш карда будам:

Писари хурдсоле буд, ки мисли аскарҳо рост истода буд. Чапанаш дар танаш дарозӣ мекард. Лунги кӯчакаш пас рафта буд ва мӯйҳои сиёҳаш дида мешуд. Нукҳои баргаштаи пайзорҳои обгинияш вазъи музҳике дошт. Писари хурдсол лабҳояшро ба ҳам фишурда буд то аз ханда ҷилавгирӣ кунад. Дар ин ҳол гунаҳояш пандида ба назар меёмаданду дар чашмҳои ҳайратзадаи ӯ шавқи азиме мавҷ мезад–гузаштаи худамро дидам.

Хандаам гирифт. Болои акс навишта буданд: «Акси ҷолиби ҳафта»

ва дар зери акс ин калимаҳо дида мешуданд:

«Рустоибачаи хушҳол».

Ва ман беихтиёр дар зеҳнам гузашт:

– Он аккоси пир зинда аст ё мурда?

***Баргардони***
***Насимбек Қурбонзода***

# *Гӯшанишин ва муш*

Буд набуд як гӯшанишини пири доное буд, ки ӯ боре дар назди кулбааш дар ҷангал бо таъби хуш нишаста, ба андеша фурӯ рафта буд. Ӯ дар бораи одамон, ҳайвонот, ситораҳо ва зиндагӣ меандешид.

Инчунин ӯ рӯзи дигар низ ҳаминтавр нишаста буд, ки ногоҳ диққаташ ба як муши хурде ҷалб шуд. Муш ба ӯ писанд омад ва муддате таваҷҷӯҳашро ба ӯ ҷалб намуд. Ногоҳ зоғе аз болои дарахте ба поён парида, мушакро дошт. Пирамарди гӯшанишин аз ҷояш ҷаҳида, ҷонвараки ночорро аз чанги зоғ наҷот дод ва ӯро ба кулбааш бурда, нигоҳубин кард.

Лаҳзае, ки мушак сиҳат ёфта, ба ҷаҳидан шурӯъ намуд, гурбае ба назди кулба омад. Гурба оҳиста-оҳиста, қадамзанон ҳар лаҳза наздиктар мешуд. Пири гӯшанишин дарҳол дид, ки гурба мушакро қасди шикор дорад.

Аз сабаби он ки гӯшанишин сеҳргари ниҳоят тавоно буд, мушро барои ҳимоя кардан, дарҳол ба гурбаи боқуввате мубаддал гардонид, ки он лаҳза гурбаи дигар аз дидани ин ҳолат тарсида, рӯ ба фирор ниҳод.

Шаб шуд. Марди гӯшанишин бо гурбааш ба хоб рафт, он замон саге дар ҷангал аккоси баланд мезад. Гурбаи бечорае, ки як рӯз пеш муш буд, сахт тарсида ба таги кати хоб пинҳон шуд. Марди хилватнишин ин ҳолатро дида, раҳмаш омад ва дарҳол гурбаро ба як саги ниҳоят бузург табдил намуд.

Рӯзи дигар саг дар назди кулба нишаста буд. Ин замон паланги гуруснае хомӯшона дар ҷангал гаштугузор мекард. Паланг ба саге, ки як рӯз пеш гурба ва ду рӯз пеш муш буд, ҳамла намуд. Хушбахтона пири хилватнишин дар наздикӣ буд ва бо ҳаракатҳои сеҳрноки дастонаш онҳоро аз ҳам ҷудо намуда, сагро ба паланги шоҳӣ мубаддал гардонид. Паланги шоҳӣ бо як нигоҳ паланги бегонаро сахт тарсонид ва ӯ аз тарси ҷон чунон фирор



намуд, ки ҳатто ба қафо боре нигоҳ накард.

Рӯзи дигар паланги шоҳие, ки се рӯз пеш муш, ду рӯз пеш гурба ва як рӯз пеш саг буд, дар ҷангал мағрурона қадам мезад. Ӯ ҳамаи ҳайвонотро тарсонда, аз болои онҳо ҳукмронӣ мекард.

Пири гӯшанишин инро дид ва ин ҳолат ба ӯ тамоман писанд наомад. Ӯ паланги ҳавобаландро танбеҳ дода, маломат намуд:

“Ту барои ингуна такаббурӣ кардан ва дӯстонатро (ҳайвоноти дигарро) тарсондан ягон асосе надорӣ. Чанд рӯз пеш ту худ як

мушаки ба ёрӣ муҳтоҷ будӣ! Агар ман ба ту кӯмак намекардам, ту то ҳол зинда намебудӣ.”

Паланг ба ғазаб омада, қарор дод, то пирамардро бикӯшад, зеро ӯ дигар натанҳо паланги ҳавобаланди мағрур балки як ҷонвари носипосе буд. Паланг худ ба худ андешид, ки набояд касе муш буданамро ба ман хотиррасон кунад!

Лекин пири гӯшанишине, ки бисёр медонисту ҳамаи чизро мефаҳмид ва ҳатто фикру андешаи палангро низ пай бурда тавонист. Ва гуфт:

“Ту ҳавобаландӣ ва бадтараш он аст, ки ту курнамак ҳастӣ! Ҳамон мушаки нотавони эҳтиёҷманде, ки будӣ, боз ҳамонгуна шав!”

Ва ҳаминтавр ҳам шуд. Паланги азимҷӯсса ба муши хурдакак мубаддал гашт ва ин мушак чӣ қадаре, ки тавонист, дохили ҷангал давида рафт. Пирамарди гӯшанишин дар назди кулбаи хеш нишаста, боз ба мисли рӯзҳои пешин дар бораи одамон, ҳайвонот, ситораҳо ва ҳаёт меандешид.



***Тарҷума аз забони олмонӣ ба забони тоҷикӣ***
***Роҳбари маҳфили “Тарҷумони ҷавон”-и***
***факултети забонҳои романӣ-германӣ***
***Шамсиддини Раҷабалӣ***

# Марг дар болои дарахт

(Der Tod auf dem Apfelbaum)



Замоне як зан дар деҳае зиндагонӣ мекард, ки як буз ва як дарахти себ дошт. Дар бораи буз бисёр қисса намекунем, аммо дар бораи дарахти себ бошад....

Зан дарахтӣ себашро хеле дӯст медошт, чунки дарахт ба ӯ себҳои ширин медод. Инчунин писарони деҳот низ он дарахтро хеле дӯст медоштанд.

Аслан дарахт ба онҳо себ намедод, аммо онҳо ба дарахт часпида мебаромаданд ва чӣ қадаре ки мехостанд барои худ себ

мегирифтанд.

Ин кори хуб набуд ва занро хело хашмгин мекард, ӯ дуздонро пеш мекард, аммо ин ба ӯ ҳеч суде намеовард. Ҳар шаб бачаҳо ба болои дарахт мебаромаданд ва то сер шуданашон себ мехӯрданд.

Рӯзе ба деҳа як марди аҷибе омад , ки ӯро то ҳол касе надида буд . Ӯ аз зан як дона нон пурсид.

“Ман нон надорам, вале агар ту себ бихоҳӣ як ё дуто диҳам.“

Мард гуфт:

“Хуб, лутфан ба ман як дона себ бидеҳ”.

Зан ба ӯ як ду дона себ дода гуфт:

“Ман ба ту бо майли том ин себҳоро медиҳам” ва мушкилоти доштаашро иброз намуд.

“Ҳар шаб ҷавонҳо меоянд ва себҳоро медузданд. Ин корашон дуруст нест, ман бояд чӣ кор кунам?”

Мард хандиду гуфт: “Бигзор онҳо биёянду ба болои дарахтат бароянд, ва танҳо ҳамон вақт аз болои дарахт мефароянд, ки ту бихоҳӣ?”

“Агар ман хоҳам?”

“Бале агар ту инро хоҳӣ”. Пирамард сар ҷунбонда рафт. Дар ҳақиқат боз ҷавонон ба болои дарахт часпида баромаданд, дигар ба поён фаромада натавонистанд. Тамоми аҳли деҳот давида омаданд, аммо зан ба онҳо танҳо баъд аз муддати 3 рӯз иҷозат дод, ки ба поён фароянд. Аз ҳамон рӯз сар карда, дигар ягон дузд ба боғ намедаромад.

Рӯзе марди дигаре омад: Ин фариштаи марг буд. Ӯ ба зан гуфт: “Ту бояд бо ман равӣ!” Баъдан вай розӣ шуд ва гуфт: “Хуб, майлаш, ман омода мешавам. Ман меҳоҳам бароямон барои гурусна намондан бо худ хӯрданӣ бигирам. Лутфан аз дарахт бароямон 2 дона себ чида биёр”.

Марг ба болои дарахт баромад ва 2 дона себ канда гирифт. Вале ӯ ба поён фаромада натавонист. Зан ӯро маҷбур сохт то

муддати се моҳ дар болои дарахти себ бимонад. Дар ин муддат дар тамоми дунё касе аз олам нагузашт. Ин ҳам нодуруст буд, чунки бисёр беморони вазнине вуҷуд доштанд, ки дардашон вазнин буду маргро интизор буданд. Аммо Марг наметавонист ба назди онҳо биравад.

Марг ба зан гуфт: "Иҷозат деҳ ба поён фароям ва ҳеҷ гоҳ ба назди ту барои ҷони туро гирифтан намеоям. Агар ман ба ту ваъда диҳам ки ҳеҷ гоҳ ба назди ту намеоям, маро ба поён мефарорӣ?"

"Бале." Ҷавоб дод зан. "Аммо ту бояд ба ваъдаат вафо кунӣ".

Марг ба ваъдааш вафо кард ва мегӯянд, ки ин зан то ҳол дар қайди ҳаёт аст.



***Тарҷума аз забони олмонӣ ба забони тоҷикӣ, узви маҳфили "Тарҷумони ҷавон"-и Факултети забонҳои романӣ-германӣ, Рузиқулов Фарзон***



# «ДОН КИХОТ»-И СЕРВАНТЕС

Дар январи соли 1605 дар Мадрид китоби Мигел де Сервантес Сааведра аз чоп баромад. Ношир ба муваффақияти ин роман онқадар дилпур ки набуд, онро дар коғази бад бо ҳуруфоти кӯҳнаи суда шуда бо як олам хатоҳои имлоӣ чоп карду бештарин нусхаҳояшро ба мустамликаҳои Испания фиристод: гумон мекард, ки дар он ҷоҳо китоб зудтар ба фӯруш меравад, зеро китобхонаҳои пойтахт ба осори нависандагони маъруфу машҳур одат кардаанд.

Аммо, бар акси гумони ношир, «Дон Кихоти Ламанчӣ» ба дӯконҳои саҳҳофон баромадан замон харидорони бисёре пайдо кард: дар давоми соли 1605 панҷ нашр ва дар панҷ соли баъд боз чаҳор нашри роман ба фурӯш рафт.

Роман аксаран дар байни мардуми оддии китобхон муваффақият пайдо кард, ва ин ҳол Сервантесро таҳрик кард бар он ки дар соли 1614 давоми ҷаҳонгардиву саргузаштҳои аҷиби Дон Кихоти Ламанчиро нависад; қисми дуюми китоб аз бисёр ҷиҳат назар ба қисми якумаш боз ҳам амиқтар ва пурмазмунтар баромад.

Дар давоми беш аз се аср романи Сервантесро на фақат дар ватани ӯ Испания, балки дар мамлакатҳои дигар низ ҳамчун яке аз дилангезтарин китобҳои адабиёти ҷаҳон мехонанд, дӯст медоранд.

Китоби Сервантес бешубҳа бузургтарии ҳиссагузории халқи Испания ба ганҷинаи маданияти ҷаҳон мебошад. Боиси умрдарозии ин асари аҷоиб — халқияти амиқи он, пайванди ногусастании он бо афкори пешрави замонаш ва реализми ҳақиқии он аст. «Дон Кихот» на танҳо маҷмӯи инкишофи беҳтарин анъанаҳои миллии адабиёти Испания буд, балки инчунин асаре буд, ки вай дар демократияи Испания дар давраи зулмоти истибдоди сиёсӣ ва авҷи гирудор низоми калисои католикӣ дар наму-

ди таъқиботи судӣ барои ҷиноятҳои зидди дин идеалҳои олии иҷтимоӣ ва ахлоқии худро нақш кардааст. Романи Сервантес баҳоеро, ки 7 октябри соли 1936, дар вақти ҳуҷуми шадиди ӯрдуҳои фашистии генерал Франко ва ҳомиёни ӯ ба Мадрид, дар хитобномаи ҷомеаи мутараққии Испания ба маданияти миллии испонӣ дода шуда буд, ба беҳтарин ваҷҳе тасдиқ мекунад. «Ҳар чӣ дар маданияти испонӣ гаронбаҳо ва безавол асту аҳамияти куллӣ ва ҷаҳоншумул дорад, ҳар як номи бузургони вай, ҳар кадом шоҳкори назм, наққошӣ, меъморӣ, мусиқӣ ва афкори илмию фалсафавии Испания ҳамагӣ аз они халқ аст, ҳамагӣ дар халқ зиндааст, зеро ҳамагӣ аз халқ баромада ва офаридаи халқ буда, бо таърихи ҷидду ҷаҳдҳо, корнамонҳо ва азобу машаққатҳои вай пайванди ногусастанӣ дорад.

Дар баҳори соли 1604, вақте ки сензура дастнависи «Дон-Кихот»-ро мехонд, муаллифи он Мигел де Сервантес дар шаҳри Валядолида мезист, ки дар он замон пойтахти Испания буд. Нависанда ба соли панҷоҳу ҳафтуми умраш қадам ниҳода, ҳаёти пур аз риёзатҳо ва нокомиҳоро тай кард.

Г. Белинский дар бораи «Дон Кихот» навишта буд: «Офарандаи бузурги Сервантес ба шӯҳрати бузурги худ комилан сазовор аст. Бо «Дон Кихот» даври нави санъат–санъати навтарини мо оғоз ёфт. Вай ба равияи идеалии роман зарбаи қатъӣ дода, ба ҳақиқати ҳастӣ руҷӯъ кунонд. Ин корро Сервантес на фақат бо оҳанги сатиравии асараш, балки бо фазилати олии бадеии эҷодшуда анҷом дод».

Мунаққид ва мутафаккири бузурги рус В. Г. Белинский бо ин гуфтаи худ ба аҳамияти таърихи, ғоявӣ ва бадеии романи Сервантес баҳои саҳеҳ ва аниқ додааст. Вай дар ин ҷо қимати «Дон Кихот»-ро ҳам яке нуқтаи гардиш дар таърихи романи аврупоӣ ва ҳамин намунаи аълои адабиёти сатиравии дар шакли олии бадеӣ эҷодшуда гуён қайд кардааст.

Сервантес ба навиштани «Дон Кихот» дар вақте шурӯъ кард

ки мушоҳидот ва таассуроти фаровоне ҷамъ намуда буд Вай хатари ҷангҳо, мӯҳтоҷӣ ва гуруснагӣ, талошу муборизаи сахти зиндагӣ, таъкиботи полис ва суд, навмедӣ ва нокомиҳоро аз сар гузаронида буд. Дар роҳи ҳаёти ӯ ҳар тоифа одамон: зотҳои олимақом ва хачирбонҳои фақир, роҳзанон ва ширинкорони сайёр, соҳибони работҳо ва боёни деҳот, донишҷӯён ва монаххо, сарбозҳо дучор мешуданд. Вай роҳҳои калони Кастилия ва пайраҳаҳои кӯҳии Серра Морена, даштҳои якранги беодами Ламанчро тай карда буд, дар кӯчаҳои серодаму сертараддуди шаҳрҳо саргардон гашта, дар мавҷи пурталотуми баҳрҳо дасту по зада, бо мардуми деҳаҳои дурдасту гумноми Испания ҳамнишин шуда буд.




Мушоҳидоти ӯ дар саросари дастгоҳи хукумати шоҳии Испания ҳам аз он камтар набуд–дар он дастгоҳи ҳукумати «Истибдод дар музофотҳои мухталиф, вобаста ба худсарона маънидод карда шудани қонунҳои умумӣ аз тарафи шоҳ ва губернаторҳои гуногун, ба шаклҳои мухталиф зоҳир гардид».

Дар ин вазъият «Дон Кихот»-и Сервантес дар адабиёти ҷаҳон ягона романе буд, ки ҳам дар бораи сохти иҷтимоии Испанияи онвақта сатирае буд, ҳам идеалҳои гуманизмро ки барои он давр утопия буданду бас, мудофиа мекард ва ҳам як

қатор масъалаҳои асосии ҳаёти миллии халқи Испанияро ошкор месохт. Дар тӯли саҳифаҳои роман то охирин варақи қисми дуюми он Сервантес яке аз вазифаҳои ба пеши худ гузоштааш– беэътибор ва нагун сохтани романи баҳодуриро таъкид мекунад. Вай бар зидди роман баҳодурӣ аз барои он қиём мекард, ки адабиёти ба ҳақиқати ҳаёт, ба реализм асосёфтаро тарафдорӣ карда бошад.

Аммо Сервантес бо асари оличаноби худ на фақат ба ҳамин мақсадаш ноил гардид. Ба қавли Белинский, «Оҳанги сатиравӣ»-и асари Сервантес адабиётро «ба ҳастӣ» рӯй оваронд. Маънон ин он аст, ки Сервантес дар «Дон Кихот»-и худ муваффақ шуд романе ба вуҷуд орад, ки дар вай реализми фошкунанда ба танқиди сатиравии ҷаҳони кӯҳиашудаи аристократияи феодалӣ хизмат мекард.

Дар замони мо вай ин китобро бо диққати махсус ва бо ҳаяҷони қалбӣ мутолиа мекунад, зеро нақши бошарофати муаллифи «Дон Кихот», сатираи вожгункунанда ва гуманизми олии ӯ ҳамоно ба башарияти тараққипарвар дар мубориза бар зидди ҷаҳолат, ки барои ақиб гардонидани чархи таърих зӯри беҳуда мезанад, ёрӣ мерасонад.



***К. Державин***

# Габриэл Гарсиа Маркес



## Рӯзе аз он рӯзҳо

Рӯзи гарму беборони душанбе омад. Дандонпизишки бедипломи саҳархез Аурелио Эсковар дари коргоҳро соати шаш кушод. Аз ҷевони шишабанд қолаби ҷоғро берун овард ва афзорҳоро аз хурд то бузург, чун дар намоишгоҳ, ҳама рӯйи миз гузошт. Пероҳани бегиребонаш аз боло як тукмаи зарҳалӣ доштушимаш бо бандҳои резинӣ ба китфҳояш овехта шуда буд. Пайкараш рости лоғар, нигоҳаш рамида ва монанд ба нигоҳи карҳо ҳамеша дар худ фурӯ рафта буд.

Пас аз ҷо кардани афзорҳо, чархи дандонро назди курсии гардон бурд ва саргарми пардози ҷоғ шуд. Дар кор фурӯ рафта буду пояш педали чархро беихтиёр мефишурд, ҳатто даме ки

ба он ниёз набуд, аммо чеҳрааш бепарво менамуд, пиндор он чи мекард, ӯро ҷалб намекард.

Соати ҳашт дам гирифт, аз тиреза ба осмон нигарист, нигоҳаш то ҷуфти каргас рафт, ки рӯйи боми ҳамсоя болу пар хушк мекард. Бозпас даст ба кор зад ва аз хаёлаш гузашт, ки шояд то чошт боз борон борад. Овози хаставу шикастаи писари ёздаҳсолааш риштаи андешаашро гусаст:

- Додо!

- Чи мегӯӣ?

- Алкалд мехоҳад дандонаша канӣ.

- Гӯ ки ман нестам.

Вай акнун рӯкаши тилоро ҷило медод. Онро бо ду ангушт доштаву дасташро ба пеш дароз карда буд ва аз дур бо чашмони нимпӯш нигоҳ мекард. Аз қабулгоҳи кӯчак боз садои писарак омад:

- Вай мегӯяд, ки ту ҳастӣ, овозата шунидаст.

Духтур назораи дандонро давом дод. Танҳо пас аз он ки онро ҳамроҳи дандонҳои тайёр рӯйи миз ниҳод, дубора садо дардод:

- Боз беҳтар.

Аз нав чархро ба кор даровард. Аз қутичаи картон, ки рӯкашҳоро нигаҳ медошт, пашро бо чанд дандони тило берун овард, ба ҷило додан сар кард.

- Додо!

- Чӣ?

Тарҳи рӯяш чун пешина буд.

- Алкалд мегӯяд, ки дадонаша наканӣ, туро мепаронад.

Бешитоб ва хеле ором пояшро аз педал бардошт, чархро аз курсӣ дур кард, хезаи мизро пеш овард. Он ҷо тапонча буд.

- Бошад, гӯ дарояд.

Ӯ курсиро тавре тоб дод, ки рӯяш ба сӯйи дар шуд ва дасташро ба лаби хеза ниҳод. Алкалд даромад. Рухсораи чапаш тоза тарошида шуда буд, дар рухсораи варамидаву дардманди росташ

риши панҷрӯза сиёҳӣ мекард. Духтур дар чашмони аз зӯри дард берангшудаи ӯ яъсу навмедии шабҳои бехобиро дид. Бо нӯки ангуштҳо хезаро бозпас ба ҷояш бурд, нарм шуд ва гуфт:

- Шинед.

Алкалд ғурунгид:

- Салом.

- Салом.

То он дам, ки афзорҳо меҷӯшид, алкалд пушти сар ба болиштаки курсӣ бурд ва андак роҳат шуд. Вай аз ҳавои олуда ба бухори сарди эфир жарф нафас кашид ва ба давру бар нигарист. Ҷиҳози коргоҳ камбағалона буд: курсии чӯбии афсурда, дандончархи кӯҳна ва ҷевони шишабанд бо шишаҳои бадалчинӣ. Тирезаҳо баробари қад парда доштанд. Духтур наздик омад, алкалд даҳонашро кушод ва кафи поҳоро ба замин тир кард.

Аурелио Эсковар рӯйи ӯро ба сӯйи рӯшноӣ гардонд. Дандони дардмандро дид, колинги варамидаро оҳиста бо нӯки ангушт санҷид:

- Ночорем аз беҳискунӣ даст кашем.

- Чаро?

- Варам доред.

Алкалд рост ба чашми ӯ нигарист ва базӯр табассум кард:

-Бошад.

Духтур чизе нагуфт. Дегчаро бо афзорҳои ҷӯш рӯйи миз гузошт ва бешитоб бо чустаки сард онҳоро аз об берун овард. Бо нӯки по туфдонро наздик кард ва назди дастшӯ рафт. Боре ҳам ба алкалд нигоҳ накард. Аммо нигоҳи алкалд ҳамеша ӯро дунбол мекард.

Дандони ақли поин дард мекард. Духтур по рӯйи фарш тир кард ва дандонро ба даҳони анбури тафсон гирифт. Алкалд ларзиши поҳо ва резиши сардие навмедкунандаро дар камар ҳис кард, чанг бар такяи курсӣ зад, аммо садо набаровард. Духтур дандонро андак ҷунбонд. Бидуни хашм, бо андӯҳи талх гуфт:

- Ҳолӣ хунбаҳои бисту панҷ шаҳида хоҳед дод, лейтенант.

Алкалд садои аз колинг ҷудо шудани решаи дандонро шунид, косаи чашмонаш пур аз об гардид. Вай хост нафас кашад, вале то онгоҳ ки бовар накард дандон дигар нест, натавонист ин корро кунад. Сипас аз паси пардаи ашк ба ӯ нигоҳ кард. Дард ба гунае ҷонкоҳ буд, ки азоби панҷ шаби бехобӣ наздаш ҳеч намуд. Вай арақшору нафасгардон рӯйи туфдон хам шуд, тукмаи нимтанаро боз кард ва барои ёфтани рӯмолак даст ба кисаҳояш зад.

Духтур порчае тоза ба вай дароз кард:

- Оби чашматона пок кунед.

Алкалд ашкашро пок кард. Ангуштонаш меларзиданд. Он гоҳ ки духтур даст мешуст, вай пушти тиреза ба фарознои осмони соф ва паҳлӯяш ба тори гардзадаи тортан, ки ҳашараҳои мурдаву тухми анкабуд канори ҳам афтода буданд, нигоҳ кард.

Духтур дар ҳоле ки даст пок мекард, наздик омад:

- Аз ҷогаҳ нахезед ва бо намакоб ғарғара кунед.

Алкалд боло шуд, худоҳофизӣ кард, даст ба параи кулоҳ бурд ва поҳои хоббурдаашро молидаву тукмаҳои нимтанаро ҷо карда сӯйи дар рафт:

- Чаки дастмузда фиристед.

- Ба шумо ё ҳукумат?

Алкалд ба духтур нигоҳ накард, дарро аз пасаш баст ва баъд аз пушти симтӯр садо зад:

- Фарқ надорад!

***Тарҷумаи Юнус ЮСУФӢ***



# Окутогова

# *Азобҳои ҷаҳаннам*

1

Марде мушобеҳ ба аълоҳазрат Хорикава дар замонҳои пешин, албатта, набуд ва ба гумон аст, ки дар оянда низ ба дунё ояд. Мегӯянд, пеш аз он ки ӯ таваллуд бишавад, дар сари болини модари муҳтарамаш худи Дайитокуи муқаддас зуҳур кардааст. Ба ҳар ҳол, вай аз ҳамон замони таваллудаш ба одамони маъмулӣ монанд набуд. Ва ба ҳамин сабаб, боре ҳам набуда, ки кардаҳои ӯ моро ба ҳайрат наоварад. Чунончи, ба кохи ӯ дар соҳили рӯди Хорикава бингарем, ки… чи тавр тавсиф бикунам… кохи «муҳташам» шоистаи тавсифаш бошад? Дар ин кох он қадар уъҷубакориҳо кардаанд, ки ақли содаи мо ба фаҳму даркаш намерасад. Мардум аз аълоҳазрат ҳар гуна ҳикоятҳо накл мекунанд, аълоҳазратро бо императорон Ши-Хуан-ди ва Ян-ди мушобеҳ медонанд, вале ин ҳама ба он мемонад, ки кӯр бо ламси даст дар бораи фил ҳарф бизанад. Аммо аълоҳазрат на танҳо дар бораи худ, шукуҳу ҳишмат ва шуҳрати худ меандешид. На, ӯ корҳои поинтар аз мақоми худро низ хуб дарк менамуд. Ӯ, чунонки мегӯянд, ҳамроҳи ҳама хурсандӣ мекард–ҳамин тавр қалби пурилтифот дошт аълоҳазрат.

Ба ҳамин сабаб аст, ки чун аълоҳазрат дар замони беназмиҳои шабонаи арвоҳи шарир дар кохи Нидзё сукунат ихтиёр кард, онҳо ба вай хеч зараре расонида натавонистанд. Ва руҳи худи садайдзин Тору , ки мегуфтанд ҳар шаб дар Кохи Кахараин, воқеъ дар кӯчаи Севуми шарқӣ – ин Кох бо тасвирҳои манзараҳои Сиогама дар Митиноку машҳур аст – ба зуҳур меояд, ҳатто ин руҳ чун аълоҳазрат ба ӯ дод зад, ҳамон лаҳза нопадид гардид. Чунин марди қудратманд буд аълоҳазрат ва беҳуда нест, ки ҳамаи мардуми пойтахт, пиру ҷавон, марду зан чун аз аълоҳазрат сухан ба миён меомад, дар боби ӯ монанди Буддои

зинда суҳбат мекарданд. Ҳатто гап-гап шуд, ки ҳангоми бозгашт аз иди гули олуча, чун барзговҳое, ки гардунаи аълоҳазратро мекашиданд, ба дав даромаданд ва пирамарди раҳгузареро зери пой карданд, ин пирмард танҳо даст ба даст расонда таъзим кард ва ибрози сипос намуд, ки барзговҳои аълоҳазрат ӯро мушарраф ба зери пой шудан кардаанд.

Чунин буд вазъи ҳол ва ин аст, ки ҳатто наслҳои оянда низ аз зиндагонии аълоҳазрат бисёр чизҳоро ҳикоят хоҳанд кард; чи тавр дар як зиёфат ба як бор сӣ аспи сафедро ба меҳмонон ҳадя кард, чи тавр ҳангоми сохтмони пули Нагара писараки худро барои «зерчӯб» дод, чи тавр ба роҳиби чинӣ, ки илми тиброб балад буд, фармуд, то ҷароҳати ронашро бибурад… Агар бихоҳем ҳама корҳои ӯро як ба як бишуморем, фурсат ҳам намерасад… Вале аз ин ҳама ҳикояти зиёд, даҳшатноктаринашон, албатта, қиссаи пайдоиши тоблуи азобҳои ҷаҳаннам аст, ки акнун дар хонаи аълоҳазрат муҳимтарин сарват маҳсуб мешавад. Ин нукта кофист, ки ҳатто аълоҳазрат, ки аз чизе дар ҷаҳон музтариб намешавад, он замон мушаввашхотир шуда буд. Ва мо, ки хидмати ӯро мекардем, андаке монда буд, ки ҷон биспорем, чи ҷойи сухан! Ҳатто ман, ки сӣ соли расо хидмати аълоҳазратро карда будам, ҳеч гоҳ дигар чунин даҳшатро надидам.

Вале пеш аз он ки ин воқиаро қисса бикунем, бояд аз наққош Ёсихидэ, ки пардаи азобҳои ҷаҳаннамро наққошӣ кардааст, ҳикоят намоем.

2

Ёсихидэ… шояд имрӯз низ ҳанӯз одамоне бошанд, ки ӯро дар ёд доранд. Ӯ ончунон наққоши машҳур буд, ки ба гумон аст, дар он замон дигаре мӯқалам дар даст баробар бо ӯ пайдо мешуд. Дар он замон ӯ, ба фикрам, қариб ба панҷоҳ расида буд. Ба ӯ менигарӣ–пирмарде буд кӯтоҳқад, лоғар, пӯсту устухон, абрубаҳамкашида. Ба Кохи аълоҳазрат ӯ пираҳани зарди торики карагину дар тан, кулоҳи момиэбоси ба сар меомад. Марди бад-

феъл буд ва лабони ӯ, ки сурхии барои синну солаш ғайритабиӣ дошт, ӯро ба тарзи кароҳатангез шабеҳи ҳайвон нишон медод. Мегуфтанд, ки ӯ мӯқаламро мелесад ва ба ин ваҷҳ ранги сурх ба лабонаш мечаспад, вале сабаби аслӣ чунин буд ё не, кӣ медонад? Бадгӯёнаш мегуфтанд, ки ҳама рафтори Ёсихидэ ба маймун мемонад ва ба ӯ лақаби «Сарухидэ» дода буданд.

Чун аз «Сарухидэ» ёд кардам, беҳтар аст воқиаи дигарро низ ҳикоят намоям. Дар он замон дар дарбори аълоҳазрат духтари понздаҳсолаву ягонаи Ёсихидэ, духтари зебо ва комилан мутафовит бо падарро ба унвони пешхидмат истихдом карда буданд. Изофа бар ин, духтар, шояд ба сабаби он ки хеле зуд аз модар ятим монда буд, ҳамеша андешаманд, нисбат ба синну соли худ оқил ва бо ҳама меҳрубон буд ва ин аст, ки ҳамаи хонумҳои дигар, аз мудирхонуми дарбор сар карда, дӯсташ медоштанд.

Ба муносибате аз вилояти Тамбо ба аълоҳазрат маймуни дастомӯзеро ҳадя оварда буданд ва писари шӯху шайтонтабиати аълоҳазрат ин маймунро Ёсихидэ лақаб дод. Маймун, ки бе ин ҳам хандаовар буд, чун ин лақабро касб кард, дар дарбор касе набуд, ки баробари диданаш ба ханда наояд. Агар фақат механдиданд ҳарфе набуд, вале гоҳе чун вай дар боғ ба дарахти сафедор мебаромад ва ё фарши хонаро меолуд, одамон барои ҳазлу мазоҳ садо мезаданд: «Ёсихидэ, Ёсихидэ», ки албатта, аз ин амр наққошро ҷон ба лаб меомад.

Боре чун духтари Ёсихидэ, ки чанд лаҳза пеш зикраш рафт, шохаи олуву нома дар даст аз даҳлези дароз қадам мезад, аз дари муқобил ба истиқболи ӯ давону лангон маймун Ёсихидэ берун ҷаҳид. Маймун, зоҳиран дасти худро маҷрӯҳ карда буд ва чун одат дар чунин маворид ба дарахт баромада наметавонист. Аз дунболи маймун – чӣ мегӯед? – писари аълоҳазрат чӯб дар даст медавид ва фарёд мезад:

– Дузди нобакор! Биист, биист!

Духтари Ёсихидэ бо дидани ин ҳол осемасар шуд, вале ҳамон

лаҳза маймун даррасид, чанг ба домони ӯ зад ва мазлумона садо дод. Духтар он қадар ба риққат омад, ки намедонист чӣ кор бикунад. Вай бо дасте, ки шохаи олуча дошт, остини худро, ки накҳати бунафша дошт, бар зад ва маймунро бо меҳрубонӣ канор гирифт ва сар ба назди писари ҷавони аълоҳазрат фуруд оварда, бо садои возеҳ гуфт:

– Маъзарат мехоҳам, охир ин ҳайвон аст. Хоҳиш мекунам, ӯро бибахшед.

Вале писари аълоҳазрат, ки дар баробари онҳо рост меистод, пой ба замин кӯфт ва бо хашм гуфт:

– Чаро ҳимояташ мекунӣ! Маймун норанҷиҳоро дуздид.

– Охир вай ҳайвон аст… – духтар ҷуръат пайдо карду ҳарфи худро такрор намуд ва пасон бо табассуми ғамолуде афзуд: – Вайро ҳамчунин Ёсихидэ ном мебаранд. Пас шумо ба падари ман хашм гирифтаед ва ман наметавонад ором ба ин ҳол бингарам.

Баъд аз ин писари аълоҳазрат, албатта, худро ба даст гирифт ва бо дили нохоҳам гуфт:

– Ҳамин тавр бигуй! Хайр, агар барои падарат хоҳиш мекунӣ, ман гузашт кардам ва гуноҳашро бахшидам, – ва чӯбро канор афканду ба ҳамон даре, ки бурун омада буд, даромад.

3

Дӯстии духтари Ёсихидэ бо маймун аз ҳамин воқиа оғоз шуд. Духтар зангӯлачаи тилоиро, ки аз шоҳхонуми ҷавон ҳадя гирифта буд, ба навори сурх авезон карда, ба гардани маймун баст ва маймун ҳам дигар аз духтар дур намерафт. Ва боре чун духтари Ёсихидэ бемор шуд, маймун лаҳзае аз сари бистари ӯ дур нарафт ва–шояд ба назар чунин мерасид, – бо чеҳраи ғамгин нишаста буду пайваста нохунҳояшро мегазид.

Ҷолиб ин аст, ки аз он замон дигар касе маймунро чунонки қаблан буд, азият намекард. Баръакс андак-андак ба навозиш кардани вай сар карданд, ҳатто писари аълоҳазрат гоҳе хурмо-

лу ва ё шоҳбулуте ба наздаш меафканд. Гузашта аз ин, вақте ки яке аз хидматгорон маймунро бо лагад зад, шоҳзода хеле дар ғазаб шуд; ва мегӯянд, чанд лаҳза пас аз ин аълоҳазрат фармуд, ки духтари Ёсихидэ маймун дар даст ба назди ӯ биёяд ва сабаб ин буд, ки ба ғазаб омадани шоҳзода ба гӯши аълоҳазрат расида буд. Зимнан, бояд гуфт, сабаби маймунро дӯст доштани духтар низ ҳамон вақт ба гӯши аълоҳазрат расида буд.

– Духтарак, духтари хуб аст. Офарин, – гуфт ӯ.

Ба подоши ин духтар аз аълоҳазрат акомэи мулавван ҳадя гирифт. Ва чун маймун низ бо эҳтиром акомэро ба даст гирифт ва вонамуд кард, ки онро тамошо мекунад, аълоҳазрат ба худ иҷоза дод, ки боз ҳам бештар хушҳол бишавад. Бале, асли воқиа чунин буд, яъне аълоҳазрат барои он ба духтари Ёсихидэ меҳрубонӣ кардан гирифт, ки аз эҳтиром ва муҳаббати вай ба падараш хушаш омада буд, ва сабаб аслан ин набуд, ки аълоҳазрат шаҳватпараст буда бошад, чунонки мардум мегуфтанд. Албатта, чунин овоза ҳам бесабаб пайдо нашуда буд, вале дар ин хусус ман бидуни шитоб, дар мавриди дигар ҳикоят мекунам. Ҳоло гуфтани ин нукта кофист, ки агарчи духтар хеле зебо буд, аълоҳазрат марде набуд, ки кудом як духтари наққоше ҳавасашро барангезад.

Ҳамин тавр, духтари Ёсихидэ аз ҳузури аълоҳазрат бо обруву эътибор берун омад, аммо азбаски вай духтари оқил буд, ин амр боиси рашку ҳасади дигар хидматгордухтарон нашуд. Баръакс, пас аз ин ба ӯ ва маймун илтифоти бештар менамуданд ва он қадар зуд-зуд шоҳхонумро дар сайругашт ҳамроҳӣ мекард, ки метавон гуфт, аз ӯ ҷудоӣ надошт.

Лекин ҳоло духтарро мегузораму боз дар боби падараш, Ёсихидэ ҳикоят мекунам. Дуруст аст, ки ҳама ба зудӣ маймунро дӯст доштанд, вале худи Ёсихидэро чун қабл чашми дидан надоштанд ва чун пеш дар ғайбаш Сарухидэ ном мебурданд. Ва на танҳо дар дарбор чунин буд. Ба ростӣ, падари руҳонӣ аз

Ёкогава низ чун дар ҳузури ӯ номи Ёсихидэро ба забон меоварданд, чеҳрааш тағйир меёфт, гуӣ, ки шайтонро дучор омада бошад ва умуман ӯро бад медид. Дуруст аст, ки мегуфтанд, сабаби ин бадбинӣ он буда, ки Ёсихидэ падари руҳониро дар тоблуҳои ҳаҷвии худ тасвир кардааст, вале ин ҳарфро хидматгорони паст мегуфтанд ва ман дақиқан наметавонам бигӯям, ки ин овозаҳо то куҷо ҳақиқат доранд. Ба ҳар сурат, дар ҳама ҷо чун дар боби ӯ суол мекардӣ, дар посух ҳарфи бад мешунидӣ. Агар нафароне ҳам буданд, ки ҳарфи баде аз ӯ намегуфтанд, ду-се нафар дӯстони наққошаш буданду бас. Ва ҳамчунин одамоне, ки наққошиҳои ӯро дида буданду худашро не.

Аммо Ёсихидэ на танҳо зоҳиран бад буд, вай ботини нафратангез низ дошт ва муносиб ба аъмолаш воку-ниши сазовор ҳам медид.



4

Ва наққош ботине бо чунин авсоф дошт: вай марде хасис, бешараф, танбал, ҳарис ва бештар аз ин ҳама, мағруру ҳавобаланд буд. Ин ки вай нахустнаққоши кишвар аст, аз ҳама гуфтору рафтораш ҳувайдо мешуд. Агар сухан танҳо аз наққошӣ буд, таҳаммулпазир буд, вале вай намехост дар дигар абъоди зиндагӣ низ аз касе кам бошад ва ҳатто одобу сунанро ба боди тамасхур мегирифт. Як нафар шогирди пири Ёсихидэ ба ман ҳикоят кард, ки чун боре дар хонаи як марди шариф руҳи шарир бар вуҷуди Хигаки – коҳинаи машҳур муставлӣ шуд ва бо садои ваҳим ба пешгӯӣ оғоз кард, Ёсихидэ ҳатто суханони ӯро гӯш накард ва мӯқаламашро, ки бо худ оварда буд, гирифту оромона чеҳраи даҳшатбори коҳинаро ба тасвир овард. Эҳтимол, таҳоҷуми арвоҳ ҳам ба назари ӯ тақаллуби кӯдакона мерасид.

Ҳамин тавр одаме буд ӯ ва ин аст, ки чеҳраи буддо Киссётэнро аз як нафар фоҳишаи маъмулӣ ва буддо Фудоро аз чеҳраи як нафар зиндонии машҳур наққошӣ намуда буд ва боз корҳои ношоистаи зиёд карда буд ва чун аз ӯ барои ин корҳояш гилагузорӣ мекарданд, вай савт мезаду бас. «Магар худо ва буддоҳое, ки Ёсихидэ тасвир кардааст, вайро барои ин кор ҷазо медиҳанд! Аҷаб!» Чунин суханон ҳатто шогирдонро ба тарс меоварданд ва бисёре аз онҳо аз бими ояндаашон ҳарчи зудтар тарки шогирдии ӯ мекарданд. Хуласи калом, ӯ фикр мекард, ки дар замони зиндагии вай марде наҷиб чун худаш дар ҳама сафҳаи офоқ дигар пайдо намешавад.

Аз ин ки Ёсихидэ дар ҳунари наққошӣ ба чӣ ситеғи баланде расида буд, ҳоҷати сухан нест. Рост, ки чун наққошиҳои ӯ ҳам аз лиҳози хутут ва ҳам аз лиҳози рангомезӣ аз осори дигар наққошон тафовут дошт, рақибони ӯ аз ҷумлаи ҳамҳирфаҳояш мегуфтанд, ки вай тақаллубкор аст. Ба гуфтаи онҳо, чун аз наққошиҳои Канавари, Канаока ва ё дигар устодони машҳури қадим баҳс ба миён меояд, дар бораи онҳо ҳикоятҳои ҷолиб нақл мекунанд, ки

масалан, гоҳе аз табақаи дари наққошӣ шуда бӯйи олу меояд, ва ё гоҳе аз нақши дарбориён дар рӯйи парда садои най ба гӯш мерасад. Аммо чун аз наққошиҳои Ёсихидэ сухан ба миён меояд, фақат ҳикоятҳои даҳшатангез нақл мекунанд. Масалан, дар боби тоблуи «Гирдоби зиндагӣ ва марг», ки Ёсихидэ дар дарвозаи маъбади Рюгадзи нақш кардааст, нақл мекунанд, ки чун пас аз як поси шаб аз ин дарвоза мегузарӣ, нолаву фиғони мурдагон ба гӯшат мерасад. Ва ҳатто баъзе одамон ҳам ҳастанд, ки савганд мехуранд, бӯйи ҷасадҳои пӯсидаро низ шунидаанд. Дар боби чеҳраи заноне, ки Ёсихидэ бо амри аълоҳазрат кашидааст, низ ҳар гуна гапҳо ҳаст. Мегӯянд, ки ҳанӯз се сол нагузашта, онҳое ки наққош чеҳраашонро тасвир кардааст, бемор мешаванд, гӯйӣ ҷонашонро аз зарфи тан берун мекашанд ва онон мемиранд. Агар гӯш ба бадгӯён диҳӣ, ҳамаи ин гувоҳ бар он аст, ки наққошиҳои Ёсихидэ омехта бо ҷоду аст.

Аммо азбаски Ёсихидэ, чунонки пештар гуфтам, одами хориқулода буд, вай аз ин гуфтугузорҳо фахр мекард ва чун боре аълоҳазрат ба худ иҷоза дод, ки бо шухӣ бипурсад: «ту, ба назар мерасад, ки зиштиро дӯст дорӣ?» - вай бо заҳрханд дар лабони сурхаш, ки ҳеч мутобиқате бо синну солаш надоштанд, бо камоли худхоҳӣ гуфт: «Бале, ин ҳама наққошони зоҳирбин зебоии зиштиро намефаҳманд». Ӯ агар нахустнаққоши кишвар аст, бошад, вале инчунин изҳори ғурур кардан дар ҳузури аълоҳазрат… Беваҷҳ нест, шогирде ки ман қаблан ёд кардам, дар ғайбаш ӯро «Тираэйдзю» лақаб гузошта ва барои мағруриаш накуҳиш мекард. Шумо шояд бидонед: «Тираэйдзю» исми шайтонест, ки дар замонҳои қадим аз Чин ба кишвари мо омада буд.

Вале ҳатто Ёсихидэ, ҳатто ин мард, ки ҳеч касу ҳеч чизро эътироф намекард, як эҳсоси воқеъии инсонӣ дошт.

5

Ёсихидэ духтари ягонаи худ, ҳамон хидматгордухтарро девонавор дӯст медошт. Ман пештар гуфтам, ки ин дӯшиза фар-

занди меҳрубон ва хубе буд, аммо меҳри падар ба духтар низ заррае камтар аз эҳсоси духтар ба падар набуд ва агар бигӯям, ин мард, ки боре ҳам маблағе барои маъбад хайр накарда буд, барои пироҳани духтараш ва ё васоили ороиши мӯйи ӯ ҳеҷ гоҳ пулро дареғ намедошт, шояд суханамро дурӯғ пиндоред.

Зимнан, меҳри Ёсихидэ ба духтараш танҳо дар он зоҳир мешуд, ки ӯро нозпарвард мекард, аммо аслан дар гӯшаи хиёлаш ҳам набуд, ки барои духтар шавҳари хубе пайдо бояд кард. На танҳо дар хиёлаш набуд, балки, агар ҷавоне дар гирду атрофи духтар мечархид, ба ҷустуҷӯи каллабурҳо мешуд, то ки ба ин ҷавони ҷасур ҳамла оваранду ӯро бикушанд. Ин аст, ки чун бо амри аълоҳазрат духтарро ба хидматгорӣ пазируфтанд, падари пир изҳори норизоӣ кард ва ҳатто дар ҳузури аълоҳазрат чин дар абрӯ дошт. Шояд ба ин ваҷҳ буд, ки гӯшона мекарданд, аълоҳазрат роғиби зебоии духтар шуда ва ӯро ба рағми норизоии падараш дар дарбор нигоҳ медорад.

Зимнан, ин овозаҳо, агарчи дурӯғ буданд, рост аст, ки Ёсихидэ ба асари меҳраш ба духтар, пайваста хоҳиш мекард, ки фарзандашро аз хидмати дарбор муъоф доранд. Боре ки Ёсихидэ бо амри аълоҳазрат аз Мондаюи кӯдак чеҳранигорӣ мекард ва тасвири кӯдаки азизи аълоҳазрат хеле муваффақу ҷаззоб омад, вай хеле хушнуд ва бо лаҳни пурилтифот гуфт:

– Ба ту ҳар чӣ хоҳӣ ҳадя мекунам. Бидуни тардид хоҳишатро арз кун!

Пас Ёсихидэ – чӣ гумон мекунед? – густохона гуфт:

– Хоҳиш мекунам, духтари маро аз хидмат муъоф доред.

Дар дарборҳои дигар муомила дигар аст, аммо онҳое ки хидмати аълоҳазрат Хорикаваро мекунанд, пайваста мавриди навозишанд… Ин тавр одами дуруштмуомила, ки чунин беназокат ва бо чунин хоҳише муроҷиа намояд боз аз куҷо пайдо мешавад? Ин амр, зоҳиран, ҳатто аълоҳазратро, ки чунин меҳрубон аст ба хашм овард ва ӯ чанд лаҳза фақат ба рӯйи Ёсихидэ нигаристу

баъд ба худ иҷоза дод, қотеъона «иҷоза нест» бигӯяд ва дафъатан аз ҷой бархезад. Ва чунин хоҳишҳо чанд бор такрор шуд. Акнун, ки ба хотир меоварам, мефаҳмам, ки аълоҳазрат ҳар бор сардтару сардтар ба Ёсихидэ менигарист. Худи духтар ҳам, шояд мушаввашхотир аз барои падар, зуд-зуд ба хонаи хидматгорон меомаду остин газида талх мегирист. Пас аз ин овозаи он ки аълоҳазрат ба духтари Ёсихидэ ошиқ шу-дааст, бештар паҳн шуд. Баъзе ҳатто мегуфтанд, ки пардаи азобҳои ҷаҳаннам ба ин хотир пайдо шуд, ки духтар ба майли аълоҳазрат муқовимат кардааст; вале, албатта, чунин нест.

Чунонки ман мефаҳмам, аълоҳазрат ба он хотир намехост духтари Ёсихидэро аз хидмат муъоф дорад, ки аз сарнавишти духтари ҷавон мушавваш буд. Ӯ бо илтифот бар ин андеша буд, ки духтар беҳтар аст дар дарбори ӯ, ки худро озод эҳсос мекунад бошад, аз он ки дар хонаи падари якраву худсар. Албатта, ӯ ба духтар меҳрубон буд. Аммо ин ки вай майлҳои шаҳвонӣ дар дил дошта бошад, хиёлоти воҳӣ асту бас. Ва на фақат хиёлот, ки дурӯғ аст, дурӯғе, ки ҳеч заминае надорад.

Аммо ҳар чи ҳам бошад, замоне ки Ёсихидэ ба сабаби духтараш тақрибан аз назари марҳамат уфтода буд, аълоҳазрат–намедонам чи андеша ӯро дар сар буд–ногаҳон наққошро ба назди худ хонд ва ӯро фармуд, пардаи азобҳои ҷаҳаннамро наққошӣ намояд.

6

«Пардаи азобҳои ҷаҳаннам» гуфтан кофист, ки ин манзараҳои мудҳиш пеши назар зоҳир шаванд.

Агар аз дигар тасовири азобҳои ҷаҳаннам сухан ба миён ояд, метавон гуфт: он чи ки Ёсихидэ ба тасвир овард, бо тоблуҳои наққошони дигар, пеш аз ҳама, чӣ тавр бигӯям, бо мавқеъияти суратҳову ашё тафовут дорад. Дар гӯшаи тоблу дар як табақаи хеле хурд даҳ нафар аз муваккилони дӯзах тасвир шудаанд, дар тамомии фазои дигар чунон оташи баланд забона кашида,

ки тасаввур мекунӣ теғдарахтони руста дар шамшеркӯҳ оташ гирифта бошанд. Фақат дар ҷой-ҷой лаккаҳои зард ва кабуди либосҳои чинии ходимони дӯзах намудор мешавад, ба дигар ҷойҳо, ки чашм давонӣ танҳо шуълаҳои сурхфоми оташро мебинӣ ва дар миёни забонаҳои оташ чун салиби хамидаи мандзи , дуди сиёҳи ранги мушкии пошида печутоб мехурад ва шамораҳои шуълавари хокаи тилоии пароканида мепаранд.



Дар ҳамин андак ҳам нерӯи мӯқалам бинандаро ба ҳайрат меоварад, вале тасвири гунаҳкорон, ки дар оташ печутоб мехӯранд, аслан ҳоҷати гуфтан нест, чунин тасовир дар ҳеч як аз тоблуҳои маъмулии азобҳои ҷаҳаннам дида нашудааст. Ёсихидэ дар миёни шумораи зиёди гунаҳкорон одамони табақаҳои мухталиф, аз ашроф то гадоёнро ба тасвир овардааст. Мансабдорони олимақом бо либосҳои фохири дарборӣ, хонумҳои ҷавони малеҳманзар, ки пираҳанҳои абрешимӣ бар тан доранд, руҳониёни буддоӣ тасбеҳ дар даст, хидматгорони ҷавон бо кафшҳои чӯбии пошнабаланд, духтаракон бо пира-ҳанҳои танги дароз, фолбинон бо васоили фолбиниашон–ҳамаашонро наметавон баршумурд! Ин гунаҳкорон, ки дар миёни оташи шуълавару дуди сиёҳ аз сӯйи ходимони ҷаҳаннам, ки каллаи гову асп доранд, азият мешаванд, осемасар, чунонки барги дарахтро бод бибарад, ба ҳар тараф гурезонанд. Дар каноре як хонум, ки зоҳиран коҳинзан буда, аз мӯйи сараш ба панҷшоха авезон аст ва пойу дастонаш мисли дастони анкабут дарҳам кашида шудаанд. Дар ҷойе марде, эҳтимол му-дири милке, ки ба синааш шамшер хаста шуда, мисли хаффош вожгун овезон аст. Якеро бо тозиёнаҳои оҳанин мезананд, дигареро харсанге, ки ҳазор нафар ҳам наметавонанд аз ҷой биҷунбонанд пахш карда, якеро мурғони даранда минқор мезананд, ба тани дигаре яшки аждаҳои заҳрдор халида аст–хулоса, анвои азобу азиятҳо низ мисли гунаҳкорон он қадар зиёд аст, ки бо баршумурдан ба интиҳояш намерасӣ.

Аммо даҳшатовартар аз ҳама гардунаи дар ҳоли уфтодан аст, ки то нимаи теғдарахт, ки нӯгаш чун ашки дарандае ба назар мерасад, лағзидааст. Дар паси пар-даи бамбукӣ, ки аз шиддати боди ҷаҳаннам як канораш бардошта шудааст, зани ончунон рангуборкардае, ки метавон гумон кард, надими шоҳхонум ва ё зани дарбориест бо мӯйҳои сиёҳи дарози оташгирифта, гардани сафедашро ба ақаб кашида, аз шиддати дард печутоб мехӯрад. Ҳам ин зан ва ҳам гардунаи оташгирифтааш дар пеши назар

азобҳои ҷаҳаннамро ба таври зинда ба дид меоваранд. Чунон тасаввур мешавад, ки ҳамаи даҳшатҳои тоблу дар сурати ин зан мутамарказ шудааст. Ва ин ҳунар ончунон фавқулинсонист, ки чун ба тасвир менигарӣ, худ ба худ фарёдҳои даҳшатангез дар гӯшҳоят садо медиҳанд.

Чунин аст ин тоблу ва он воқиаи даҳшатбор низ барои он рух дод, ки ин тасвир офарида бишавад. Агар чунин набуд, ҳатто худи Ёсихидэ низ наметавонист азобҳои ҷаҳаннамро чунин воқеӣ ва муассир ба тасвир биёварад. Вай барои он ки ин тоблуро наққошӣ бикунад, он қадар ранҷу азоб дид, ки аз зиндагӣ ҳам сер шуд. Метавон гуфт, ҷаҳаннами тасвиршуда дар тоблу ҳамон ҷаҳаннамест, ки худи Ёсихидэ – нахустнаққоши кишвар низ ба он хоҳад рафт.

Шояд ман дар ҳикоят кардани ин пардаи аҷиби азобҳои ҷаҳаннам шитобкорӣ кардаму бисёр чизҳоро фурӯ гузоштам. Вале акнун бо оҳистагӣ, бо таанӣ ҳикоятро бо низоми қаблӣ идома медиҳам ва ҳикоятамро аз он замон оғоз мекунам, ки Ёсихидэ аз аълоҳазрат фармон гирифт тоблуи азобҳои ҷаҳаннамро биофаринад.

## 7

Муддати панҷ-шаш моҳ Ёсихидэ ба дарбор наёмад ва пайваста машғули наққошии тоблуи худ буд. Нуктаи ҷолиб ин аст, ки чун ӯ ба худ мегуфт: «Хуб, акнун ба кор машғул мешавам», вай, ки фарзандашро хеле дӯст медошт, ҳатто духтарашро ҳам фаромӯш мекард. Он шогирде, ки қаблан дар боби ӯ нақл карда будам, ба ман гуфт, вақте ки Ёсихидэ ба кор шуруъ мекард, гумон мекардӣ бар вуҷудаш рӯбоҳ мусаллат мешуд. Ва дар воқеъ ҳам дар он вақт овоза шуда буд, ки гӯё Ёсихидэ маҳз ба он ваҷҳ номи худро дар наққошӣ ҷовидонӣ карда буд, ки ба худои саодат назр карда буд. Баъзе ба таъйиди ин сухан мегуфтанд, ҳангоме ки Ёсихидэ ба наққошӣ машғул аст, пинҳон ба ӯ назар кунед ҳатман хоҳед дид, ки чи тавр дар атрофи ӯ–ҳам аз пешу ҳам аз пас

ва аз ҳама тарафҳои дигар низ шабаҳи рӯбаҳон мегарданд. Ва воқеъият ин аст, ки чун ӯ мӯйқалам ба даст мегирифт, ба ҷуз тоблуи худ ҳамаи ҷаҳонро фаромӯш мекард. Вай рӯзу шабро дар хона мегузаронд ва аҳёнан ба берун мебаромад. Ва замоне, ки тоблуи азобҳои ҷаҳаннамро мекашид, айнан мисли ҷунунзадагон шуда буд.

Вай на танҳо аз хона берун намеомад, балки пардаи тирезаҳоро низ мебаст ва зери нури чароғ махфиёна рангҳо мемолид ва ё шогирдонашро ки моноҳои мухталиф пӯшонида ва тасвири ҳар кадомро ҷудогона ва бо диққат мекашид. Аз чунин корҳои аҷибу ғариб ӯ ҳеч гоҳ худдорӣ кардан наметавонист, инчунин корҳоро ҳатто то замони ба наққошии тоблуи азобҳои ҷаҳаннамро шуруъ намуданаш ҳам мекард. Вақте ки вай дар маъбади Рюгайдан тоблуи «Доираи зиндагӣ ва марг»-ро меофарид, оромонона дар назди ҷасадҳои уфтода дар роҳ, ки ҳар одами дигар талош мекард рӯй битобаду бигзарад, менишаст ва дастҳо, пойҳо ва рӯйҳои ним-пусидаи онҳоро нуқта ба нуқта ба тасвир меовард. Аз куҷо чунин руҳия дар вай падид омада, камтар кас метавонад бифаҳмад. Ҳоло барои бо тафсил суҳбат кардан дар ин боб фурсати кофӣ нест, вале агар ба шумо муҳимтарин воқиаро дар ин боб ҳикоят бикунам, пас он чунин рух дода буд.

Боре, ки яке аз шогирдони Ёсихидэ (ҳамоне, ки дар борааш қаблан ҳам ҳикоят кардам) рангомезӣ мекард, устод ногаҳон ба назди ӯ омаду гуфт:

– Ман мехоҳам андаке ғанаб кунам. Аммо вақтҳои охир бештар кобус мебинам.

Дар ин амр, чизе ғайритабиӣ набуд ва шогирд бидуни он ки аз кор бозистад, кӯтоҳ гуфт:

– Хуб.

Вале Ёсихидэ–кӣ гумон мекард бо ваҷоҳати ғайримаъмулии шармгинона хоҳиш кард:

– Вақти хоби ман дар канори ман наменишинӣ?!

Шогирд аз он дар ҳайрат уфтод, ки устод аз боби кадом хобе чунин андешаманд шуда, вале чун иҷрои хоҳиши ӯ душвор набуд, розӣ шуд. Устод боз ҳам бо изтироб ва то ҳадде шармгинона идома дод:

– Пас ба хонаи ақиб бирав. Ва агар шогирдони дигар оянд, бигӯ, ки ба назди ман надароянд.

Ин хона ҳамоне буд, ки вай тоблуҳояшро мекашид ва дар он ҷо дар паси дари чун шабона баста, дар нимарӯшноии чароғ тоблуи азобҳои ҷаҳаннам меистод, ки ҳоло танҳо ранги мушкиашро зада буданд. Вақте ки онҳо ба ин хона омаданд, Ёсихидэ сар ба рӯйи дасташ гузошту ба хоби амиқ рафт, гӯйи аз хастагӣ бемадор шуда буд. Вале ҳанӯз ним соат нагузашта буд, ки ба гӯши шогирд, ки дар канори ӯ нишаста буд, нолаҳои номафҳум, ки ташхиси маънояш душвор буд, расидан гирифт.

8

Нола баландтару баландтар шуда ва ба оҳистагӣ ба суханони канда-кандаи мураттаб бадал шуданд,–гӯйӣ касе ғарқ мешавад ва пайваста об аз даҳон берун андохта, дод мезанад.

– Чӣ мегӯӣ: «Ба назди ман биё?» Ба куҷо?–«Ба ҷаҳаннам биё. Ба ҷаҳаннами оташафшон биё!»–Ту кистӣ? Ту, ки бо ман сухан мегуӣ, кистӣ? Ту кистӣ? – «Ту худ чӣ гумон мекунӣ, кистам?»

Шогирд беихтиёр даст аз ранг омехтан боздошт ва зери чашм ҳаросон ба устод нигарист: чеҳраи пурожанги пирмард сафед шуда, дар он қатраҳои бузурги арақ пайдо шуда буданд, даҳонаш, ки чанд дандон беш надошт ва лабони хушкидааш калон кушода буданд, гӯйӣ нафасаш мегирифт. Андаруни даҳон чизе тез-тез меҷунбид, гӯйӣ бо ришта мекашиданд, – бале, забонаш буд, забонаш. Суханони канда-канда аз ин забон берун меомаданд.

– «Ту худ чӣ гумон мекунӣ, кистам?»– «Бале, ин туӣ. Ман ҳам бар ин гумон будам, ки туӣ. Ту барои бурдани ман омадӣ?» – «Ба ту гуфтам, ки биё. Ба ҷаҳаннам биё!» – Ба ҷаҳаннам… дар

ҷаҳаннам маро духтарам интизор аст.

Шогирд ба ҳарос уфтод, ногоҳ ба назараш намуд, ки ангор сояҳои ларзону аҷибу ғарибе аз тоблу ғеҷида фуромаданд. Табиист, ки шогирд ҳамон замон даст ба сӯйи Ёсихидэ ёзид ва бо тамоми қувват ӯро ҷунбондан гирифт, то ки бедораш кунад, вале устод, ҳеч бедор на-мешуд ва ҳанӯз ҳам дар хоб гап мезад, ончунонки дар ҳоли таб олоӣ мегӯянд. Пас шогирд ҷуръат пайдо карду оберо, ки дар канор барои шустани мӯқалам гузошта буданд, ба рӯйи устод пошид.

– «Вай интизорат аст. Э, ба гардуна биншин… ба ин гардуна биншину ба ҷаҳаннам биё!..»

Ҳамон лаҳза ин суханон ба нола бадал шуданд, мисли он ки гулӯи гӯяндаро хафа карда бошанд ва Ёсихидэ чашм кушоду ончунон зуд ба по бархост, ки гӯйӣ сӯзан халонида бошандаш. Зоҳиран манзараҳои ғайриодии кобус ҳанӯз аз пеши чашмонаш дур нашуда буданд. Чанд лаҳза вай бо даҳони калон кушода ва тарсон рост ба пеши худ нигоҳ кард ва ниҳоят ба худ омаду бо садои тунд фармуд:

– Ман худро беҳтар ҳис мекунам, акнун бирав!

Шогирд, ки медонист сухани устодро наметавонад ду бикунад, дар акси ҳол танбеҳ хоҳад шуд, зуд аз хона бадар рафт ва чун дубора рӯшноии офтобро дид, нафаси осуда кашид, гӯйӣ худ аз хоби даҳшатангез бедор шуда бошад.

Вале ин ҳанӯз чизе нест, масалан як моҳ баъд Ёсихидэ шогирди дигареро ба хона ба назди худ хонд: наққош бо дандон мӯқаламро газида дар нимарӯшноии нури чароғ нишаста буд ва якбора ба суйи шогирд, ки аз дар ворид шуд, рӯй тофта гуфт:

– Гӯш кун, аз ту хоҳише дорам: либосҳоятро бикашу урён шав!

Азбаски қаблан ҳам устод гоҳе чунин фармонҳо медод, шогирд зуд либосҳоро бадар карду луч шуд. Ёсихидэ ба таври аҷибе пӯзханд карду бо хунсардӣ гуфт:

– Ман мехоҳам ба марде бингарам, ки занҷирпеч кардаан-

даш, аз ин хотир каме заҳматро мутаҳаммил бошу хоҳиши маро иҷро намо!

Ин шогирд ҷавони танўманду бо китфу бозу ва дасти ӯ бештар аз мӯқалам боястаи шамшер буд, вале дар ин ҳол ҳатто ӯ тарсид. Баъдан, чун ӯ ин корро нақл мекард, ҳамеша такрор менамуд: «Ман хиёл кардам, мабодо устод аз ақл бегона шуда бошад, нияти куштани маро дошта бошад». Вале устодро зоҳиран тардиди ӯ ба хашм овард. Вай занҷири нозуки оҳаниеро, ки маълум нест аз кадом гӯша пайдо карда буд, бо дастонаш кашида, ногаҳон бо ҳаракати тунду тезе, чунонки ба душман ҳамла меоваранд, аз китфони шогирд дошт, бо зӯрӣ дастони ӯро тофт, ҳамаи баданашро занҷирпеч кард ва нӯгашро чунон сахт кашид, ки шогирд мувозанаро гум карда, рост ба фарш уфтод.

9

Дар он лаҳза шогирд ба шишаи уфтодаи сакэ монанд буд. Дасту пойҳояш сахт занҷирпеч буданд ва ӯ танҳо сарашро метавонист ҷунбонад. Афзун бар ин занҷир он қадар ба бадани фарбеҳаш фурӯ рафта буд, ки хун дар баданаш шах шуда ва на танҳо рӯйу синааш, балки пӯсти ҳамаи баданаш сурх гашта буд. Вале Ёсихидэро ин ҳол аслан мушавваш намесохт. Вай дар атрофи тани чун шиша уфтода давр зада, онро аз ҳар тараф нигоҳ мекард ва рӯйи коғаз тарҳҳое мекашид. Шогирди занҷирпеч чӣ азобҳое мекашид, ҳоҷати сухан гуфтан нест.

Агар ногаҳон воқиаи ғайриинтизоре рух намедод, ин вазъ эҳтимол дурудароз идома меёфт. Хушбахтона (ва шояд беҳтар аст, ки бигӯем, бадбахтона), аз кӯзае, ки дар кунҷи хона меистод, чун навори борик печутоб хӯрда, чизе монанд ба рӯғани сиёҳ берун хазид. Аввал вай хеле суст, чун моеи часпоне ба пеш ҳаракат мекард, вале баъд зудтару зудтар хазид ва шуоъ дода ба пеши димоғи шогирд омад. Шогирд бо душворӣ, сахт тарсида нолид: «мор, мор!» Ӯ баъдан ҳикоят кард, ки дар он лаҳза ба назараш чунин расидааст, ки хун дар баданаш шах шуда,–ва албатта,

каси дигар ҳам ба чунин ҳол гирифтор мешуд. Мор андак монда буд, ки неши сарди худро ба гардани ӯ, ки занҷир азияташ медод, бихалонад. Ин дахолати ғайриинтизор ҳатто Ёсихидэи бетараҳҳумро тарсонид. Вай саросема муйқаламро дур афкандуҳам шуд ва дар они воҳид морро аз думаш бардошт ва мор сарозер овезон шуд. Мор тоб хӯрда сар бардошт ва ба худ печид, вале ҳеч натавонист ба дасти ӯ бирасад.

– Аз боиси ту тасвир ҳам ҳайф шуд, – вай бо садои гирифта ва дарғазаб ғурунгос зад ва морро ба кӯзаи кунҷи хона андохт ва дили нохоҳам занҷирро аз бадани шогирд кушод. Ҳамин, тамом, вай ҳатто сухани хуше ҳам ба шогирдаш нагуфт. Бояст гуфт, вай бештар на аз он мутаассиф буд, ки мор андак монда буд шогирдро бигазад, балки натавонист тасвирро то ба охир бирасонад. Баъд маълум шуд, ки вай ин морро низ махсус нигоҳ дошта буд, то аз рӯяш расм бикашад.

Гумон мекунам, ҳикояти ин воқиа кофист, ки шумо то чи ҳадд ба кор дода шудани ӯ–ишқи ҷунуномези ӯро ба кор тасаввур бикунед. Аммо боз воқиаи дигареро нақл мекунам, ки чи тавр яке аз шогирдон, ҷавони сездаҳ-чаҳордаҳсола аз боиси тоблуи азобҳои ҷаҳаннам гирифтори ваҳшат шуд ва ин амр қариб боиси ҷон бохтанаш гардид. Ин шогирд пӯсте чун пӯсти занон сафед дошт. Боре бегоҳӣ устод ӯро ба хонаи худ даъват кард ва шогирд, ки ҳеч гумони баде надошт, ба ҳуҷраи ӯ рафт. Даромаду дид, ки Ёсихидэ дар ниматорикии чароғ бо даст ба кадом як парандаи барои ӯ ношинохта гӯшти хом медиҳад. Ин паранда тақрибан баробар бо гурба буд. Ва болҳояш низ ки мисли гӯш ба ду тараф дамида буданд ва чашмони калони каҳрабоияш ҳам гурбаро ба хотир меоварданд.

10

Ёсихидэ аслан таҳаммул надошт, ки касе ба корҳои ӯ мудохила бикунад. Бо мор, ки ҳикояташро кардам низ чунин буд ва умуман, дар мавриди он, ки дар хона-аш чӣ мегузарад, вай ба шо-

гирдонаш ҳикоят намекард. Гоҳе дар рӯи мизи ӯ косаи сар пайдо мешуд, гоҳи дигар гулӯлачаи нуқраиранг ва ё лаъличаи сирдор; вобаста ба он ки вай чӣ наққоширо дар даст дошт, дар хонаи ӯ чизҳои ғайриинтизор пайдо мешуданд. Баъдан ӯ ин чизҳоро ба куҷо мебарад, касе намедонист. Зимнан бояд гуфт, ин овоза, ки ба кори вай худои саодат мусоидат мекунад, аз ҳамин ҷо пайдо шудааст.

Аз ин рӯ шогирд ҳам ба натиҷа расид, ки ин парандаи ношинос ба устод барои наққошии тоблуи азобҳои ҷаҳаннам лозим шудааст ва дар назди ӯ қарор гирифта, бо эҳтиром пурсид:

– Даъватам карда будед?

Вале Ёсихидэ, гӯйӣ ҳарфи ӯро нашунид ва лабони сурхашро мазида, бо манаҳ ба сӯйи паранда ишора кард.

– Чӣ тавр, тамоман дастомӯз, а?

– Чӣ ном дорад? Ман чунин парандаро боре ҳам надидаам! – гуфт шогирд ва бо каме тарс ба парандаи гӯшдори гурбамонанд нигарист.

–Чӣ, надидаӣ? – пӯзханд кард Ёсихидэ. – Ту дар шаҳр тарбият гирифтаӣ, мушкилат ҳам ҳамин аст… Ин паранда бум ном дорад, чанд рӯз пеш як сайёд аз Курама туҳфа кард. Буми дастомӯз хеле нодир аст.

Бо гуфтани ин ҳарфҳо вай оҳиста даст ба сӯйи паранда, ки дигар аз ғизо хӯрдан фориғ шуда буд, ёзид ва оҳиста пушташро аз дум ба самти боло молид. Чӣ шуд? – ҳамон лаҳза паранда баланд садо дардода аз рӯйи миз бархост, чанголҳояшро боз кард ва рост ба сари шогирд парид. Агар вай фурсат намеёфт, ки бо даст рӯяшро пӯшонад, бум эҳтимол рӯшро чангол мезад. Шогирд аз тарс садо дардода остин меафшонд ва талош мекард бумро биронад, вале паранда минқор боз кардаву баста боз ба вай ҳамла меовард … Дигар шогирдро парвои он набуд, ки устод ҳузур дорад: вай гоҳе рост истода ҳамлаи бумро рафъ мекард, гоҳи дигар менишасту дур мерондаш, худро барои раҳоӣ аз ин

тараф ба тарафи дигар мезад, парандаи ваҳшӣ низ аз дунболи ӯ буд, гоҳе боло мерафту гоҳ паст меомад ва талош дошт роҳе ёбаду ба чашмонаш ҳамлавар шавад. Дар ин ҳол вай бол ба ҳам мезад, бол меафшонд ва аз ин ҳол аз чӣ бошад ба назари шогирд чунин мерасид, ки чизе шабеҳи бӯйи баргҳои хазоншуда ё қатраҳои оби шаршара ва ё ҳатто тааффуни меваҳои пусидаро, ки маймунҳо дар ковокии дарахтон пинҳон мекунанд, мешунавад… «Даҳшатовар» гуфтан кам аст. Дилаш фишурда шуд ва ба наза-раш намуд, ки рӯшноии хираи чароғ нури моҳтоб ва ҳуҷраи устод дараи кӯҳистонӣ аст, ки девҳо иҳотааш кардаанд.

Аммо шогирд на танҳо аз ҳамлаи бум тарсида буд. Не, вақте ки устод Ёсихидэ хунсардона ба ин вазъ нигариста, оромона сафҳаи коғазро боз кард, мӯқаламро гирифт ва ба тасвири ин манзараи даҳшатнок – чи тавр парандаи ваҳшӣ ҷавони мисли зан нозукандомро азият медиҳад, шуруъ намуд, мӯйи сари шогирд сих шуд. Шогирд лаҳзае бо гӯшаи чашм ин ҳолро дид ва тамоми вуҷудашро тарси ногуфтанӣ фаро гирифт ва ҳатто аз дил гузаронд, ки оё устодаш ӯро куштанӣ нест.

11

Бале, дар воқеъ наметавон гуфт, ки устод ба ин кор қодир набуд. Ба назар чунин мерасад, ки вай амдан шогирдро даъват карда буд, то бумро бар ӯ барангезад ва бо тарсу ҳарос ва осемасар гурехтани ӯро ба тасвир биоварад. Ин аст, ки чун шогирд бидид устодаш ба чӣ кор машғул аст, вай дасту по хӯрда, сарашро дар остин пинҳон кард, бо тамоми овоз дод зад ва ғунча заду печутоб хӯрда, дар гӯшаи хона, канори дар нишаст. Баъд аз ин Ёсихидэ, зоҳиран тарсид ва садо дардода бархост, вале садои бол афшондани паранда ҳам бештар шуд ва ҳамон лаҳза садои гӯшкаркунандае хонаро пур кард, гӯйӣ чизе уфтоду шикаст. Шогирд, ки аз тарс ниммурда буд, остин баргирифту сар бардошт ва дид, ки хона торик шуда ва танҳо овози ғазаболуди устод, ки шогирдонро садо мезанад, ба гӯш мерасад.

Ниҳоят аз дур кудоме аз шогирдон ҷавобан садо баровард ва шамъ дар даст шитобон ба хона даромад.

Дар рӯшноии шамъ, ки дуд мекард, диданд, ки чароғ фурӯ уфтода, рӯғанаш ба фарш рехтааст, бум ҳам рӯйи фарш мехобад ва музтарибона яке аз болҳояшро меафшонад. Ёсихидэ, ки бархоста буд, ҳамон тавр дар паси миз беҳаракат меистад ва ҳайратзада зери лаб суханоне номафҳум мегӯяд. Ва албатта, ин ҳол бе сабаб набуд: мори сиёҳ сар ва нимаи бадани бумро фишурда бадани вайро печонида буд. Эҳтимолан, вақте ки шогирд дар кунҷи хона ба худ мепечид, кӯзаро уфтонида буд. Мор аз кӯза ба берун хазид, бум хост морро минқор бизанад – ва ин ҳама ҳараҷу мараҷ ба миён омада. Шогирдон ба ҳам нигаристанд ва аз манзараи аҷиби пеши чашмашон ба ҳайрат омаданд, баъд хомӯш ба ус-тод таъзим карданду бошитоб аз ҳуҷра берун шуданд. Мору паранда баъд куҷо шуданд, касе намедонад.

Чунин воқиот хеле зиёд рух додаанд. Ман фаромӯш кардам бигӯям, ки наққошии тоблуи азобҳои ҷаҳаннамро ба наққош дар оғози тирамоҳ фармуда буданд ва шогирдон то охири зимистон аз турфакориҳои устод дар тарс ба сар мебурданд. Вале дар охири зимистон чӣ шуд, ки кори устод хуб пеш намерафт, чеҳраи ӯ гирифтатар шуд, вай бо асабоният сухан мегуфт. Аммо тоблу чунонки се чаҳорумаш тасвир шуда буд, ҳамон тавр мондан гирифт. Афзун бар ин, гоҳе наққош ба рӯйи тасвирҳои қаблӣ ранг мемолид ва ин кор ангор поён надошт.

Аммо он чи чиз буд, ки ба тавир намеомад, касе намедонист. Ба гумон аст нафаре ҳам талоши фаҳмидани онро карда бошад: шогирдон, ки худ таҷрибаи талх ан-дӯхта буданд, чунон эҳсос мекарданд, ки дар қафасе ҳамроҳ бо паланг ё гург нишастаанд ва талош мекар-данд ба чашми устод намудор нашаванд.

12

Дар ин муддат воқиае, ки сазовори нақл кардан бошад, рух нададааст. Танҳо … аз чӣ бошад, ки пирамарди якрав зуд-зуд

мегирист; гоҳе танҳо ки мемонд мегирист. Як шогирд ба ман ҳикоят кард, ки боре вай бо коре ба боғ медарояд ва мебинад, ки устод зери долон истода ба осмони фасли баҳор менигарад ва чашмонаш пури ашканд. Шогирд худро нороҳат эҳсос мекунад ва хомӯш бармегардаду шитобон меравад. Оё аҷиб нест, ки ин марди худрой, ки барои тоблуи «Доираи зиндагиву марг» ҷасадҳои афканда дар рӯйи роҳро наққошӣ мекард, акнун ба иллати он ки наметавонад ончунон, ки мехоҳад тоблуеро ба тасвир биоварад, чун кӯдак мегиряд.

Аммо замоне ки Ёсихидэ чун ҷунунзадагон, гӯйӣ ақл бохта бошад барои халқи тоблу кор мекард, духтари ӯ ба чӣ сабаб бошад ғамгинтару ғамгинтар мешуд ва ҳатто мо медидем, ки вай зуд-зуд ашконашро фурӯ мебарад. Ӯ ҳамеша, андешаманд, хомӯшу ором буд, аммо акнун зери чашмонаш варамида, чашмонаш фурӯ рафта буданд – муҷассамаи андуҳ шуда буд дигар. Дар оғоз мо фикр мекардем, ки ё дар андешаи падараш аст ва ё ғами ишқе ба дил дорад, аммо баъд овоза шуд, ки аълоҳазрат хостааст ӯро ба иҷрои хостаҳои худ моил намояд ва пас аз ин гӯйӣ таноби овозаҳоро миқроз заданд, ангор ба як бор ҳама духтарро фаромӯш карданд.

Боре шабона, пас аз он ки нигаҳбонон омаданд, ман ба танҳоӣ аз айвон мерафтам. Ногаҳон аз куҷое маймун Ёсихидэ пайдо шуду аз доманам кашидан ги-рифт. Шаби гарме буд, аз моҳтоб андаке нур метаровид, гӯйӣ накҳати олуҳои шукуфта ба димоғ мерасид. Ман дар рӯшноии моҳ дидам, ки – чӣ гумон мекунед – маймунак дандонҳои сафедашро намуда, бинӣ мекашаду мисли девонагон садо мебарорад. Ман асабонӣ шудам, қаҳрам омад, ки домани навамро мекашад ва хостам канор бизанамашу роҳамро идома бидиҳам, вале баъд аз фикрам гаштам, зеро як бор хидматгоре маймунакро ранҷонида буд ва барои ин кор валиаҳд (писари аълоҳазрат) ӯро ҷазо дода буд. Ҳамчунин маълум буд, ки маймун беҳуда чунин рафтор намекунад. Баъд аз ин

ман хостам бифаҳмам, ки чӣ шуда ва чанд қадам ба самте, ки маймун мекашидам, рафтам.

Ҳамин тавр ман дар ҷойе қарор гирифтам, ки айвон ба кунҷ тоб мегардад ва аз он ҷо аз паси шохҳои хами-да, истахр, ки ҳатто дар ниматорикии шабонгаҳ каме медурахшид, намудор буд. Ва ногаҳон ман аз ҳуҷраи паҳлӯям садои музтариб ва дар айни ҳол пасти баҳсеро шунидам ва каме тарсидам. Атроф ҳама ғарқа дар оромӣ буд, садои одамие ба гӯш намерасид ва танҳо дар анвори моҳтоб гӯям ё дар торикии шаб – яқин намедонам, – садои шинои моҳиён шунида мешуд. Аз ин рӯ бо шунидани ин садоҳо ман беихтиёр истодам. «Агар касоне ҳазлу шӯхӣ мекунанд, ба чашмашон ни-шон медиҳам» – аз дил гузаронидам ман ва нафас ба дарун кашида, оҳиста ба дар ҷафс шудам.

13

Эҳтимол ба назари маймунак расид, ки ман диранг мекунам. Вай бетоқатона дар атрофи пойҳои ман мегардид, баъд бо дард нола кард, гӯйӣ хафааш мекарданд, ва ногаҳон ба китфи ман ҷаҳид. Ман беихтиёр сарамро гардондам, хостам аз ӯ халос бишавам, вале маймун барои он ки науфтад, ба остини ман часпид – ва дар ин дақиқа ман комилан ихтиёр аз даст дода, калавидам ва танам ба дар бархӯрд. Дар ин ҳол дигар намешуд интизор буд. Ман зуд дарро боз кардам ва мехостам ба гӯшаи торики ҳуҷра бидавам, вале ҳамон лаҳза бо тарс таваққуф намудам, зеро аз муқобили ман, чун тире, ки аз камон мепаронанд, зане худро ба берун зад. Дар назди дар вай қариб ба ман бархӯрда буд, ба берун баромаду ногаҳон ба зону зад ва бо душворӣ нафас гирифта, ҳаросон дида ба ман дӯхт, гӯё дар баробараш чизе даҳшатнок дида бошад.

Ман, гумон мекунам, ҳоҷат нест, ки бигӯям ин зан духтари Ёсихидэ буд. Вале он шаб вай дар назари ман ҳеч шабеҳ ба худаш набуд. Чашмонаш калон кушода буданд. Рухсораҳояш суп-сурх афрӯхта. Афзун бар ин, либосҳои беназмаш малоҳате бахши-

да будандаш, ки барои чеҳраи ҳамеша бачагонаи вай ғайриодӣ буд. Оё мумкин аст, ин духтар воқиан ҳам духтари меҳрубон ва ҳаросони Ёсихидэ бошад? Ман ба дар такя додаму ба ин андоми зебои духтарона, ки маҳтоб рӯшноӣ медод, нигаристам ва бо ишора ба самте, ки қадамҳои шитобон дуршавандаи касе шунида мешуд бо чашмонам пурсидам: кист?

Вале духтар лаб газиду хомӯш сар ҷунбонд. Чеҳрааш хеле ғамгин буд.

Пас ман хам шудаму лаб фарогӯшаш ниҳода ба садои паст пурсидам: «Кӣ?» Вале ӯ боз ҳам танҳо сар ҷунбонду ҳарфе нагуфт. Афзун бар ин, дар мижгонҳои дарозаш ашк падид омад ва ӯ сахттар лаб газид.

Ман зани табиатан кундфаҳм ҳастам ва ба ҷуз чизҳои сода ва барои ҳама мафҳум ақлам ба чизе намерасад. Ба ин сабаб ман намедонистам дигар чӣ бигӯям ва муддате беҳаракат, гӯйӣ гӯш ба садои дили духтар ниҳода истодам. Ва ба назарам менамуд беш аз ин чизе пурсидан аз ӯ хуб ҳам нест.

Ин ҳол чӣ қадар идома ёфт, намедонам. Ниҳоят ман дарро пӯшидам ва рӯй ба духтар, ки то ҳадде ба худ омада буд, гардонидам ва ҳарчи нармтар гуфтам: «Ба ҳуҷраи худ бирав». Баъд бо дили пуризтироб, мисли он ки чизи мамнуеро дида бошам, худро нороҳат эҳсос намуда, – вале дар назди кӣ, намедонам, – роҳамро идома додам. Вале ҳанӯз даҳ қадам нарафта, боз ҳам касе бечуръатона аз қафои доманам кашид. Ман ҳаросон ба пас нигаристам. Чӣ хиёл мекунед, чиро дидам?

Мебинам дар назди пойҳоям маймунак Ёсихидэ истода ва чун одамон дастонашро пеши бар ҷамъ оварда, садои зангӯлаи тилоиашро бароварда, ба ман таъзим мекунад.

14

Пас аз воқиаи имшаб тақрибан бист рӯз гузашт. Боре Ёсихидэ ногаҳон ба боргоҳ омад ва аз аълоҳазрат бор хост: наққош одами табақаи поин буд, вале аз солҳо пеш мушарраф ба илтифоти

аълоҳазрат шуда буд. Ва аълоҳазрат, ки ҳар киро ҳам бошад бо душворӣ ба ҳузур мепазируфт, ин дафъа ҳам иҷоза фармуд ва дафъатан ӯро ба ҳузур хонд. Ёсихидэ чун ҳамеша карагини зарди торик ва момиэбоси ғиҷимшуда бар тан дошт; вай бо чеҳраи бештар аз пештар гирифта сар ба пеши аълоҳазрат фуруд овард ва бо овози гирифта гуфт:

– Ман мехоҳам дар хусуси тоблуи азобҳои ҷаҳаннам, ки аълоҳазрат чанд моҳи пеш наққошиашро ба ин ҷониб фармуда буданд, сӯҳбат бикунам. Ман шабу рӯз талош ба харҷ додам, мӯқалам аз даст фурӯ нагузоштам ва ноил ба муваффақият шудам. Қисми бештари кор анҷом ёфт.

– Хеле хуб, ман розӣ ҳастам.

Вале садои аълохазрат, ки илтифот фармуда ин чанд вожаро изҳор кард, андаке хаста ва бидуни тафовут буд.

– На, хеле хуб нест! – Ёсихидэ бо чеҳраи қаҳролуд чашм поин андохт. – Қисми бештари тоблу ба охир расида, вале як чиз ҳаст, ки ман ҳеч наметавонам тасвир бикунам!

– Чӣ гуфтӣ?! Наметавонӣ тасвир бикунӣ?

– Бале, наметавонам. Ман ҳаргиз чизеро, ки надидаам, наметавонам тасвир бикунам. Агар тасвир бикунам ҳам, аз он розӣ нестам. Розӣ набудан баробар бо натавонистан аст.

Аълоҳазрат чун ин ҳарфхоро шунид, тамасхуромез табассум кард.

– Пас ту барои он ки тоблуи азобҳои ҷаҳаннамро бикашӣ, бояд ҷаҳаннамро бибинӣ?

– Бале, аълоҳазрат дурусту рост фармуданд. Аммо ман чанд соли қабл сӯхтори бузург ва забонаҳои баланду шадиди оташро дида будам ва онро мешавад оташи ҷаҳаннам гирифт. Оташи тасвиршуда дар тоблуи «Ёд-зиро-Фудо»-ро низ ман пас аз дидани он сӯхтор таво-ниста будам наққошӣ кунам. Аълоҳазрат ин тоблуро дидаанд.

– Гунаҳкоронро чӣ? Ходимони ҷаҳаннамро низ, гумон намеку-

нам, ба чашми худ дида бошӣ!

Аълоҳазрат бо чунон қиёфае суол медод, ки гӯйӣ суханони Ёсихидэро аслан нашунида буд.

– Ман одами занҷирпечро дидаам. Тасвири марди дар чанголи парандаро низ айнан аз воқиият ба тасвир овардам. Яъне наметавон гуфт, ки ман азобҳои гунаҳкоронро тамоман намедонам. Ходимони ҷаҳаннам… – Ёсихидэ лаб kаҷ карду пӯзханд намуд, – ходимони ҷаҳаннамро низ чанд бор дар хоб ва ё дар ҳоли руъё дидаам. Шайтонҳо бо башараи гов, бо сари асп ва ё бо се рую шаш даст, оҳиста, даст ба каф зада, бе садо даҳон боз карда, мешавад гуфт, ки ҳар рӯзу ҳар шаб барои азият кардани ман меоянд. Не… он чи ман мехоҳаму тасвир кардан наметавонам – инҳо нестанд.

Чунин суханон, зоҳиран ҳатто худи аълоҳазратро ба ҳайрат оварданд. Аълоҳазрат чанд лаҳза норозӣ ба Ёсихидэ нигарист ва баъд қаҳролуд чин ба абрӯ афканда, пурсид:

– Бигӯ, ки чиро наметавонӣ ба тасвир биоварӣ?

15

– Ман мехоҳам дар маркази тоблу гардунаи дар ҳоли уфтодан аз баландиро ба тасвир биоварам.

Ёсихидэ бо гуфтани ин сухан бори аввал бодиққат ба чеҳраи аълоҳазрат хира шуд. Ман пештар шунида будам, ки вай чун аз тоблуҳояш сухан мегӯяд, шабеҳи девонагон мешавад, дар ин лаҳза воқиан ҳам нигоҳи ӯ ҳаросангез буд.

– Дар дохили гардуна, – идома дод наққош, – хонуми малеҳманзари дарборӣ, бо мӯйҳои сиёҳи оташгирифта ва парешон аз дард печутоб мехӯрад. Вай нафастанг бар асари дуд ва бо абрувони каҷу килеб рӯй ба самти боло кардааст. Дасташ дар ҳоли баркандани пардаи бамбукӣ аст, эҳтимол ба ин васила мехоҳад аз шуълаҳое, ки аз парда ба андомаш мерезанд, раҳоӣ ёбад. Дар болои сари ӯ бо минқорҳои боз даҳ, бист парандаи ваҳшӣ болафшонӣ мекунанд… Ҳамин хонуми даруни гардуна-

ро, ҳамин занро ман ҳеч наметавонам тасвир бикунам!

– Баъд чӣ? – ба чӣ сабабе аълоҳазрат бо қиёфаи хушҳолона наққошро ба идомаи суҳбат таҳрик кард.

Ва Ёсихидэ бо лабони чун дар ҳоли табларза ларзон ва сурхаш, чунонки дар хоб бошад, такрор кард:

– Ҳамин занро ҳеч наметавонам тасвир бикунам… – Ва ногаҳон қотеъона, гӯйӣ ба касе ҳамла меоварда бошад, дод зад: – Хоҳиш мекунам, аълоҳазрат –бифармоед дар пеши чашмони ман гардунаро оташ бизананд. Ғайр аз ин, агар мумкин бошад…

Чеҳраи аълоҳазрат турш шуд, аммо ногаҳон баланд хандид. Ва дар ҳоле, ки аз ханда нафасаш мегашт, фармуд:

– Ман ҳарчи хоҳише дорӣ иҷро мекунам. Аслан фикр накун, ки мумкин аст ё на.

Ман чун ин суханро шунидам, дилам таҳ рафт ва якбора ба ҳарос уфтодам. Ва воқиан чеҳраи аълоҳазрат ғайриодӣ буд, – дар лабонаш кафк, абрувонаш гиреҳ уфтода, гумон мекардӣ, ки ҷунуни Ёсихидэ ба ӯ ҳам сироят кардааст. Аълоҳазрат дигар мехост лаб фурӯ бибандад, вале ногаҳон, гӯйӣ, ки чизе дар ботинаш ба таҳрик омад ва ё боз беист ба ханда омад ва гуфт:

– Гардунаро оташ мезанам, дар дохили он хонуми малеҳманзарро бо либосҳои дарборӣ менишонам. Ва ин зан андаруни гардуна, дар иҳотаи оташу дуд, бо азият ҷон медиҳад. Он ки ин манзараро тасаввур карда ва мехоҳад ба тасвир оварад, воқиан наққоши аввали ҷаҳон аст! Аҳсант. Аҳсант.

Ёсихидэ баробар бо шунидани суханони аълоҳазрат ранг бохт, танҳо лабонаш меҷунбиданд, хиёл мекардӣ бо даҳон ҳаворо фурӯ мебурд ва ногаҳон, гӯйӣ мадор аз танаш рафт, дастонашро ба фарш гузошту оҳиста, чунон оҳиста, ки ба душворӣ мешуд шунид, изҳори сипос кард:

– Ин саодати бузург аст!

Зоҳиран бо шунидани суханони аълоҳазрат ҳамаи даҳшатҳои андешааш дар пеши назараш муҷассам шуданд. Дар тамоми

умрам ман танҳо дар ҳамин маврид буд, ки дилам ба ҳолаш сӯхт.

16

Ин воқиа пас аз ду-се рӯз, шабона рух дод. Аълоҳазрат мувофиқи ваъдаи худ, фармуд Ёсихидэро даъват бикунанд, то ки ӯ бо чашмони худ чӣ тавр ба коми оташ рафтани гардунаро бибинад. Албатта, ин кор на дар кохи соҳили Хорикава рух дод. Гардунаро дар бӯстонсарои берун аз шаҳр, ки дар он қаблан, гумон мекунам, хоҳари аълоҳазрат ба сар мебурд, оташ заданд. Ин бӯстонсароро мардуми авом «Кохи Юкигэ» ном ниҳода буданд. Дар ин «Кохи Юкигэ» чанд сол буд, ки касе зиндагӣ намекард ва боғи бузургаш низ, рӯ ба харобӣ ниҳода буд. Ин ҷойро, эҳтимолан бо пешниҳоди онҳое, ки медонистанд, дар кох касе нест, интихоб намуда буданд. Дар бораи хоҳари аълоҳазрат низ, ки дар ин ҷо фавт карда буд, овозаҳои мухталиф паҳн шуда буданд; масалан мегуфтанд, ки ҳанӯз ҳам дар шабҳое, ки моҳ намудор намешавад, пироҳани мулаввани вай бидуни он ки ба замин бирасад ба таври асроромезе лағзон убур мекунад. Ин ҷо, ки рӯзона низ тирафом буд, шабона дар партави нури ситораҳо кулангҳои ботлоқӣ бо садои маҳиб мисли ҷонварони ваҳшатангез дар парвоз буданд.

Он вақт низ шаби торики бемаҳтоб буд. Дар рӯшноии шамъдонҳо дида мешуд, ки чи тавр аълоҳазрат бо либосҳои боргоҳ – наосии зард ва ҳакамии сурхи торики тамғадор, –дар канори айвони беруна, пойҳояшро ҳалқа зада, дар рӯи болишт нишастааст. Дар атрофи ӯ бо эҳтироми хос наздиконаш нишаста буданд. Дар миёни онҳо қабл аз ҳама паҳлавонсурате ба назар мерасид, ки мегуфтанд чанде қабл, ҳангоми ҷанг дар Митиноку вай аз фарти гуруснагӣ гӯшти одам хӯрдааст ва аз он пас метавонад шохи оҳуи зиндаро бишканад. Ӯ бо қиёфаи бовиқор, миёнбанди паҳн дар камар, шамшер, ки дастааш поинрӯ буд дар даст, дар гӯшае менишаст. Бод оташи шамъдонҳоро меларзонд

ва тани одамон гоҳе дар рӯшноии шамъ намудор мегардид ва гоҳе ба паси пардаи торикӣ мерафт. Ин ҳама монанд ба хоб буд ва сабаб чист, ки ҳарос меангехт.

Дар боғ гардунае меистод, ки ба он аспон баста нашуда ва шотуяш ба рӯйи суфа гузошта шуда буд. Гардунаро бо зеварҳои ороишиаш гузошта буданд ва ин зеварҳо чун ситора ҷило медоданд. Қисмати болоии гардуна ғарқа дар торикии анбуҳ буд ва чун ба он нигоҳ мекардед, ларзиши сарде дар тахтапушт мавҷ мезад, агарчи баҳор фаро расида буд. Пардаи бамбукии кабуд, ки канораҳояш нақшдӯзӣ шуда буд, то ба поин фуроварда шуда ва дохили гардунаро аз назарҳо ниҳон медошт. Дар атрофи гардуна хидматгорон машъалҳои фурӯзони коҷӣ дар даст дар ҳоли омодабош истода ва муроқиб буданд, ки дуд ба самти айвон наравад.

Худи Ёсихидэ каме дуртар дар муқобили айвон сари по нишаста буд. Ӯ каригин дар тану кулоҳи ғиҷими момиэбоси бар сар дошт, вале бо ин пӯшоки доимии худ, ин бор кӯчактар ба назар меомад, гӯйӣ ҳама вазни осмони пурситора фишор оварда будаш. Дар паси ӯ ай-нан бо чунин либос, ба эҳтимоли қавӣ шогирдаш нишаста буд. Азбаски ин ду хеле дур ва дар торикӣ қарор доштанд, аз ҷойи ман дар зери айвон ҳатто намешуд ранги пироҳанашонро ташхис дод.

17

Нимашаб наздик мешуд. Торикӣ, ки боғро бо дарахтону ҷӯйҳояш фаро гирифта буд, ҳама садоҳоро фурӯ мебурд ва дар сиёҳии он, ки ба назар мерасад нафас кашидани худро мешунавӣ, танҳо наҷвои нарми насим ба гӯш меомад; дар ҳар бори вазидани насим бӯйи дуди машъалҳо ба димоғ мерасид. Аълоҳазрат, ки муддате хомӯш ба ин манзараи аҷибу ғариб нигарист, баъд ба пеш хам шуда, баланд садо зад:

– Ёсихидэ!

Наққош зоҳиран посухе гуфт, вале ба гӯши ман фақат нолиши

номафҳуме расиду бас.

– Ёсихидэ, ман имшаб, чунонки ту хоста будӣ, гардунаро месӯзонам.

Аълоҳазрат бо ибрози ин ҳарф нигаҳи кӯтаҳе ба атрофиён афканд. Дар ин лаҳза онҳо нигоҳҳои пурмаънӣ ба ҳамдигар карда ва табассум намуданд ва ё эҳтимол ба назари ман чунин расид. Ёсихидэ сар бардошту бо эҳтиром ба айвон нигарист, вале сухане нагуфт.

– Бо диққат нигоҳ кун! Ин гардунаест, ки ман пештар савор мешудам. Худат эҳтимол дар ёд дорӣ. Ман мехоҳам ҳамин ҳоло онро оташ занаму ба ту ҷаҳаннами оташзоро нишон бидиҳам. – Аълоҳазрат хомӯш шуд ва боз нигаҳе ба атрофиён кард. Баъд якбора хеле тунд гуфт: – Дар дохили гардуна зани ҷинояткоре бо тани баста нишастааст. Яъне чун гардунаро оташ мезананд, ин нобакор ҳам туъмаи оташ мегардад, устухонҳояш сиёҳ мешаванд ва худаш бо азобҳои алим мемирад. Барои тоблуи ту ин манзараи аёнии беназир хоҳад буд! Ҳама тан чашм шав, бо диққат нигоҳ кун, ки чи тавр пӯсти сафед аланга мезанад. Хубтар бингар, ки чи тавр мӯйҳои сиёҳ оташ гирифта, шӯълаҳо ба атроф мепароганад.

Аълоҳазрат бори севум хомӯш шуд, вале баъд, гуйӣ чизеро ба хотир оварда ва хандида – аммо ин бор хандааш бесадо буд, танҳо китфонаш ларзиданд, – изҳор дошт:

– Чунин манзараро то охири умр нахоҳӣ дид! Ман ҳам онро тамошо мекунам. Ку, пардаҳоро боло кунед, ба Ёсихидэ нишон бидиҳед, ки дар гардуна кист!

Бо шунидани амри аълоҳазрат яке аз хидматгорон машъал дар даст ба назди гардуна омад ва даст дароз карда, бо як ҳаракат пардаро канор зад. Забонаҳои сурхфому ларзони машъали фурӯзон дохили танги гардунаро рӯшан кард. Зане, ки бераҳмона занҷирпеч шуда буд… худоё, ҳеч кас наметавонист иштибоҳ кунад! Мӯйҳои сиёҳи латиф хеле малеҳ аз болои пи-

роҳани абрешумии муҷалло бо гулҳои олу фурӯ хамида буданд, сархораҳои тиллоии муйсар медурахшиданд. Аз пӯшокаш ӯро намешуд шинохт, вале бадани нозук, гардани сафед ва чеҳраи ғамгини шармгинаш… Духтари Ёсихидэ буд ӯ! Ман бо душворӣ тавонистам аз фарёд кардан худдорӣ бикунам.

Ҳамон дам…паҳлавон, ки дар муқобили ман менишаст, аз ҷой бархост ва даст ба дастаи шамшер бурда, нигоҳи пурғазаб ба Ёсихидэ фиристод. Ман, ки хеле тарсида будам, дидам, ки Ёсихидэ андаке монда буд беҳуш бишавад. То ин дам вай дар поин сари зону нишаста буд, вале акнун аз ҷой барҷаст ва ду даст ба пеш дароз карда, ҳамаро фаромӯш намуда, хост ба назди гардуна бидавад. Мутаассифона, вай дур аз ман қарор дошт ва шаб ҳам торик буд ва ман натавонистам қиёфаашро бибинам. Вале ҳанӯз фурсате, ки ман аз ин амр афсус бихӯрам, фаро нарасида буд, ки ногаҳон чеҳраи рангпарида ва бехуни Ёсихидэ, не, чеҳрааш не, балки ҳамаи бадани ӯ, гӯйӣ, ки аз сӯйи неруи ноаёне ба ҳаво бардошта шуд ва торикиро дарида, хеле возеҳ дар баробари чашмони ман қарор гирифт. Зеро бо амри аълоҳазрат: «оташ бизанед», хидматгорон машъалҳоро ба гардуна андохтанд ва гардуна, ки андарунаш духтари наққош нишаста буд, оташ гирифт.

18

Оташ ба зудӣ қисмати болоии гардунаро фаро гирифт. Шилшилаҳои нилуфарӣ, ки дар канораҳои гардуна овехта буданд, чун аз вазиши бод алвонҷ мехӯрданд, аз поин ҳалқаҳои дуд, ки ҳатто дар торикӣ сафед менамуданд, фаввора мезаданд, шарараҳои оташ чун қатраҳои борон фурӯ мерехтанд, гӯйӣ ё парда, ё остини гулдӯзии остини пироҳани зан ва ё шаддаи зевар ба якбора гусаста, пош хӯрда бошанд… Даҳшатбортар аз ин чизеро наметавон тасаввур кард. Оташеро, ки забонаҳои шуълаварашро ба атроф ёзида, баданаи гардунаро танг дар оғӯш гирифта ва сар ба осмон афрохта буд, чӣ сон метавон тасвир кард?

Гумон мекардӣ, ки офтоби осмон фурӯ ғалтида ва оташи осмонӣ ба замин рехтааст. Дар лаҳзаи аввал ман қариб буд фарёд бизанам, вале баъд ангор ҷон баданамро тарк гуфт ва ман фақат бо ваҳшату даҳони воз ба ин манзараи даҳшатангез менигаристам. Аммо падар, Ёсихидэ….

Ман то имрӯз ҳам наметавонам чеҳраи Ёсихидэро фаромӯш кунам. Вай моил шуд, хешрову оламро фаромӯш карда, худро ба гардуна бирасонад, вале дар лаҳзае, ки оташ аланга зад, бозистода ва дастҳо ба пеш ёзида, нигаҳ барнаканда, бо диққат ба он ҷо нигарист, гӯйӣ дуде, ки гардунаро фаро гирифта буд, ӯро ба худ ҷазб мекард. Чеҳраи пурчин ва кареҳи ӯ, ки аз шӯълаи оташ рӯшан буд, то поини ришаш возеҳ дида мешуд. Чашмони калон боз, лабони каҷу килеб, рухсораҳои пир-пир парандааш… тамоми даҳшат, ноумедӣ, тарс ки пайи ҳам қалби ӯро фаро гирифта буданд, дар чеҳрааш падид меомаданд. Дузд пеш аз қатл, гунаҳкори муртакиб ба даҳ гуноҳу панҷ шарорат, ки дар назди муроқибони дӯзах қарор мегирад, – баъид аст, ки ҳатто онҳо чунин чеҳраи азияткашида дошта бошанд. Ва ҳатто паҳлавон ранг бохт ва бо тарс ба аълоҳазрат нигарист.

Вале аълоҳазрат лаб газида ва фақат гоҳе ҳавлангез хандида, чашм аз гардуна намеканд. Аммо дар он ҷо… он чиро, ки ман дар он ҷо дидам, ҷуръатам кифоят намекунад, ки муфассал ҳикоят бикунам. Он сару сурати ба пас хамхӯрдаи зани аз дуд хафақоншуда, он мӯйҳои дарози печида, он пироҳани зебои гулиолуболудӯхта, ки дар пеши назари ҳама ба хокистар бадал шуд... оҳ, оҳ чӣ қадар даҳшат буд дар ин ҳама! Ба хусус дар лаҳзае, ки мавҷи боди шабона дудро пароканд ва андаруни оташи ларзон, аз паси пардаи зарраҳои сурхфоми шафақгун ба дид омад, ки чӣ тавр духтар моҳутеро, ки даҳонашро баста буданд мегазад, чи тавр печутоб мехӯрад, гирди худ мечархад, гӯйӣ ҳамин лаҳза занҷир гусаста мешавад, – оҳ, оҳ, дар ин лаҳза мӯйи сари ҳама, аз ман гирифта то он паҳлавон аз даҳшат сих шуд,

гӯйӣ ки бо чашмони худ азобҳои ҷаҳаннамро дида будем!

Ва инак боз мавҷи боди шабона аз сари шохи дарахтон гузашт… Эҳтимол ҳама чунин гумон карданд. Ва дафъатан пас аз он ки ин садо аз осмони торик убур кард, ногаҳон як чизе сиёҳ, ба замин нарасида, дар ҳаво муаллақ намонда – чун тӯб, бо як хати мустақим аз боми Кох рост ба даруни гардунаи дар туъмаи оташ уфтод. Ва дар паси мушаббаки сӯхта, ки дуд мекард, ба китфони ақибпартофтаи духтар часбид ва садое тез, чун садои нахи шоҳии гусаста, тӯлонӣ ва дардомез дар-дод… боз… ва боз, се бор… Мо ҳама беихтиёр фарёд задем: дар пасманзари девори оташин, худро ба духтар ҷафс карда маймуни мулаққаб ба Ёсихидэ, ки дар Кохи соҳили Хорикава баста будандаш, ба худ мепечид.



19

Вале ҷонвар танҳо як лаҳза намудор шуд. Анбӯҳи шарораҳои тилоӣ ба осмон париданд ва ҳамон лаҳза на танҳо маймун, балки духтар низ дар паси фаввораи дуди сияҳ ниҳон шуд. Акнун дар боғ чарсу чурс садо дода танҳо гардунаи дар коми оташ аланга мезад. Не, саҳеҳтар, на гардунаи дар коми оташ, ки сутуни оташ, сутуни оташ, ки ба осмони ситоразор забона мезад.

Ёсихидэ, гӯйӣ ки дар назди ин сутуни оташ мунҷамид шуда буд… Вале, аҷиб: вай, ки то кунун ба назар мерасид азобҳои ҷаҳаннамро ба тасвир меоварад, акнун дастон рӯи ҳам ба қафаси сина гузошта, зоҳиран ҳузури аълоҳазратро низ фаромӯш карда, бо ҷилое тасвирно-пазир дар чеҳраи пурожангаш – метавон гуфт, бо ҷилое, ки зодаи ваҷди ҷунуномез аст, истода буд. Гумон мекардӣ, ки чашмони ӯ чи тавр бо азобу азият ҷон додани духтарашро надидаанд. Зебоии шуълаҳои сурхфоми оташ ва бадани андаруни оташ печутобхӯрдаи зан қалби ӯро ба ваҷд оварда ва бар вуҷуди ӯ комилан мусаллат шуда буд.

Замоне ки ӯ ба азобҳои ҷонкоҳи духтараш менигарист, на фақат чашмонаш медурахшиданд. Дар ин лаҳзаҳо ҳама вуҷуди Ёсихидэро ҳишмате асроромез, метавон гуфт, ҳишмати ғайриинсонӣ ва шабеҳ ба шаҳомати шери олуғда, ба он сон, ки ба хоб медарояд, фаро гирифта буд. Ва ҳатто парандагони сершумор, ки аз оташи ногаҳонӣ рамида ва садо дода дар ҳаво мечархиданд, ҳатто онҳо – вале шояд ба назар чунин менамуд, – ба кулоҳи ғиҷимшудаи ӯ наздик намеомаданд. Зоҳиран, ҳатто чашмони парандагони бераҳм ин ҳишмати аҷиброро, ки сари Ёсихидэро бо дурахши тилоӣ фаро гирифта буд, дида буданд.

Ҳатто парандагон. Чи расад ба мо, ки мо ҳама то ба хидматгорон, нафас набароварда, бо тани ларзон ва пур аз эҳсоси хурсандии номафҳум чашм аз Ёсихидэ, ки ба назарамон Буддои тозазуҳур менамуд, намекандем. Шуълаҳои гардунаи дар оташ, ки дар зери осмон садо медод ва Ёсихидеи бар асари он ба

ваҷд омада… Оҳ, оҳ, чи ҳишмату чи ваҷде! Ва фақат аълоҳазрат дар боло, дар айвон бо чеҳраи каҷукилеби ноошно, рангканда, кафк бар лаб, чанг ба зонувон, ки бо абрешуми бунафш пӯшида буд, зада чун ҳайвони ҳалқаш хушк, нафасгардон шуда бо даҳон ҳарисона ҳаво ба дарун мекашид…

20

Хабари ин, ки дар ин шаб аълоҳазарат дар «Кохи Юкигэ» гардунаро оташ задаст, худ ба худ дар ҳама ҷо паҳн шуд ва ҳар гуна овозаҳо пайдо шуданд: аввалан, чаро аълоҳазрат духтари Ёсихидэро ба коми оташ дод? Бештар ба ин назар буданд, ки ин амр интиқоми ишқи радшуда аст. Вале андешаи аълоҳазрат комилан моил ба чизи дигаре буд: вай мехост наққоши бадаъмолро, ки ба хотири тоблуи худ майл дошт гардунаро бисӯзаду одам бикушад, адаб биомӯзад.

Дар воқеъ ман ин ҳарфҳоро аз худи аълоҳазрат шунида будам.

Аммо Ёсихидэ, ки духтараш дар пеши назараш дар оташ сӯхт, бо вуҷуди ин ҳам аз майли чун хорасанг мустаҳками наққошии тоблу даст накашид, балки ин майл дар қалби ӯ бештар гардид. Бештари мардум ӯро нафрин мегуфтанд, бадаъмоле бо чеҳраи инсон ва қалби ҳайвон мехонданд, ки ба хотири тоблу муҳаббати падариро фаромӯш кардааст. Падари рӯҳонӣ аз Ёкагава низ ба ин назар буд ва борҳо гуфта буд: «Ӯ ҳар қадар дар ҳунар ва истеъдоди фардӣ беназир бошад ҳам, агар қонуни панҷ муносибати абадиро нафаҳмад, ҷояш дӯзах аст».

Пас аз як моҳ парда бо тасвири азобҳои ҷаҳаннам ниҳоят ба итмом расид. Ёсихидэ ҳамон соат онро ба Кох овард ва бо эҳтиром ба аълоҳазрат арза кард. Айнан дар ҳамин вақт падари руҳонӣ низ дар он ҷо ҳузур дошт ва ба тоблу чашм афканду аз тӯфони даҳшатовари оташ дар ҷаҳаннам, ки дар тоблу тасвир шуда буд, ба ҳайрат омад. Қаблан вай Ёсихидэро хуш надошт, вале акнун беихтиёр хитоб зад: «Хеле, олӣ!» Ман то кунун фа-

ромӯш накардаам, ки чи тавр аълоҳазрат бо шунидани ин ҳарф заҳрханд кард.

Аз он замон дигар касе, ҳадди ақалл дар дарбор дар хусуси Ёсихидэ ҳарфи баде намегуфт. Шояд ба ин хотир, ки бо вуҷуди нафрати қаблӣ, акнун ҳар кас бо дидани парда, дар зери фишори неруи мармузи тоблу, гӯйӣ дар пеши чашмони худ азобҳои бузурги ҷаҳаннами оташинро медид.

Вале дар ин замон Ёсихидэ худ ба ҷамъи рафтагон пайвастааст. Вай тасвири пардаро ба итмом расониду шаби дигар худро аз болори хонааш овехт. Эҳтимол, вай бо маҳрум мондан аз духтари ягонааш дигар тавони зиндагӣ кардан надошт. Колбади ӯ то кунун дар ҷое ки қаблан хонааш буд, зери хок хуфтааст. Зимнан санги болои гӯрро, ки тайи солҳои тӯлонӣ дар ҳукми боду боронҳо буд, он қадар ушна фаро гирифта, ки касе намедонад, ин гӯри кист.

Июли 1918



***Тарҷумаи***
***Қодири РУСТАМ***


Ба маҷаллаи
«Наврустa»
обуна шавед!